**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
**ба номи АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ISSN 2308-3662**

# ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ
(Маҷаллаи илмиву методӣ)

# НАУКА И ИННОВАЦИЯ
(Научно-методический журнал )

**№3-4 2016 (17)**

**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**АКАДЕМИЯИ ТАХСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ имени Абдурахмана Джами**
**АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

МАҶАЛЛАИ ИЛМИВУ МЕТОДӢ СОЛИ 2012 ТАЪСИС ЁФТААСТ
НАУЧНО - МЕТОДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 2012 ГОДУ

**Шӯрои таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

***Исрофилниё Ш.Р.*** *– сармуҳаррир, доктори илмҳои филологӣ, профессор*
***Туронов С.Ш.*** *– муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои педагогӣ*

***Ҳайати таҳририя:***
***Члены редколлегии:***

***Саидов Н.С.*** *– доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Раҳимӣ Ф.-*** *академики АИ ҶТ, доктори илмҳои физика - математика, профессор*
***Мирбобоев Р.-*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
***Бобизода Ғ.М.*** *– президенти АТТ, доктори илмҳои биологӣ, профессор*
***Каримова И.Х.*** *– академики АТТ, профессор*
***Лутфуллоев М.*** *– академики АТТ, профессор*
***Холов А.И.*** *– номзади илми таърих*
***Абдулазизов В.*** *- номзади илмҳои филологӣ*
***Амонов Н.-*** *номзади илмҳои равоншиносӣ*
***Байзоев А.М.*** *– номзади илмҳои филологӣ*
***Котибова Ш.-*** *номзади илмҳои педагогӣ*
***Сатторова Ҳ.*** *– номзади илмҳои педагогӣ*
***Муллоҷонов С.-*** *доктори илми таърих*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2016**
**Институт развития образования, 2016**

**МУНДАРИҶА**
**СОДЕРЖАНИЕ**

## *ИННОВАТСИЯИ ПЕДАГОГӢ*
## *ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ИННОВАЦИЯ*

***Г.АБДУЛМУНТАЗИРОВА***
*"Тестирование на уроках английского языка"……………………………………………..5-9*
***Ш. КОТИБОВА***
*Рушди таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол...........................9-13*
***С. АМОНӢ***
*Нақши мутолиа дар рушди маънавии донишомӯзон……………………………….13-17*
***Б. ЗУЛФОНОВ, Д. САМАДОВА***
*Нақши фарҳанги экологӣ дар тарбияи хонандагон……………………………….17-21*
***М. ГИЁСОВ***
*Использование информационные технологии в учебном процессе………..…...21-24*
***Д. МАХКАМОВ***
*Истиқлолият ва муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ…………………….….24-30*
***А. БУТАЕВ, Г. ЗИЁЗОДА***
*Таълими салоҳиятнокӣ - усули нав дар омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ…...…..31-35*
***М. УРУНОВА, Т. НАСРИДДИНОВ***
*Основные особенности изменения времени для дачи домашнегозадания студентам…………………………………………………35-38*
***Л.БОБИЕВА***
*Эффективность применения инновационных технологий на уроках русского языка и литературы………………………………………………………………………..38-43*
***.Ш. САИДИБРОИМОВ***
*Таносуб миёни фалсафаи юнониҳо ва ақидаҳои Носири Хусрав...........................43-46*
***М. САДЫКОВА***
*“Владение русским языком – умение общаться на любом уровне”.........................46-50*
***М. АКРАМОВА***
*Концептуальные основы формирования этических представлений у детей дошкольного возраста………………………………………………………….…….50-56*
***Ф. ХУДОЙДОДОВА***
*Основные проблемы использования современных технологий в обучении………....56-61*
***Н. МИРХОНОВА***
*Хусусияти тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ.......................................................................................61-66*

## *ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ*
## *ИСТОРИЯ И ПРАВО*

***А. ХОЛОВ***
*Аз таърих, ташаккул ва рушди гидроэнергетика дар ҷаҳон ……………….…….67-71*
***И. НАЗАРОВА***
*Наркотизм ва антинаркотизм………………………...……...…………..……...71-76*

## МАТЕМАТИКА
## МАТЕМАТИКА

***Д. ИЗАТУЛЛОЕВ, С. ТАҒАЙНАЗАРОВ***
*Аз таърихи каср......................................................................................................77-79*

ХИМИЯ
ХИМИЯ

***С. ХУДОЁРБЕКОВА***
*Технологияи иттилоотӣ ва усулҳои истифодабарии он дар омӯзиши химия……………………………………………………………..80-83*

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**

***С. ИСМАТОВ***
*Истифодаи принсипи аёният дар раванди таълими фанни алифбои ниёгон………84-89*
***Н.ШИРИНОВ***
*Таҳқиқ ва нашри девони ҷамолуддин муҳаммад ибни абдурраззоқи исфаҳонӣ......89-93*
***З. ТОШБОЕВА***
*Ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши таълим дар омӯзиши забони модарӣ……………93-95*
***М.НАСРУЛЛОЕВ, Ш. АБДУЛАЗИЗОВ***
*Баъзе ҷанбаҳои мусбат ва манфии технологияи информатсионӣ дар дарс……...96-98*
***Б. ҚУДРАТОВА***
*Истифодаи номвожаҳои географӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.............................................................................98-103*
***С. ҶОНОВ***
*Истифодаи технологияи муосири таълим дар дарсҳои забони арабӣ…….……103-108*
***М.УБАЙДОВ***
*Роҳҳои омӯзиши мавзӯи « нақлиёт» дар таълимӣ фанни географияи Тоҷикистон (синфи 8)………………………………………………………………………..108-113*
***М. ТАГАЙНАЗАРОВА***
*основные различия между фонетическим строем русского, английского и немецкого языков и методы сравнительного анализа…………………………………..……113-117*

# "ТЕСТИРОВАНИЕ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА"

***Г.АБДУЛМУНТАЗИРОВА***
***учитель английского языка***
***гимназии №53 имени М.Махмудовой***

Учителям часто приходится сталкиваться с проблемой несовершенства систем педагогических измерений. Конечно же, каждый учитель понимает значимость контроля в обучении английскому языку. Проблема объективности выставляемой оценки стояла перед педагогами всегда, но необходимо было найти наиболее экономную форму контроля с объективными показателями степени усвоения всеми учащимися языкового материала. В последнее время при проведении различного рода конкурсов, олимпиад, игр учащимся все чаще предлагается выполнение заданий в форме тестов.

К сожалению, под тестом многие учителя подразумевают лишь некоторые типы тестовых заданий, в то время как тестирование – это целая процедура. Тесты всегда предполагают измерение, поэтому и отличаются объективностью и не зависят от возможного субъективизма учителя, его симпатий и антипатий.

Необходимость более эффективного подключения школы к формирующимся сегодня условиям жизни и общественным отношениям заставляет педагогов искать новые образовательные резервы.

В частности, в последние годы приходится сталкиваться с утверждением о том, что ни одна из имеющихся систем педагогических измерений не считается совершенной. Проблема объективной и реальной оценки выполненной учащимися работы существует в наших школах не один год. Каждый учитель решает ее по-своему. Многие из них все чаще используют в своей работе тестирование, получившее в настоящее время достаточно широкое распространение на всех уровнях образования. В современной практике преподавания роль тестирования как одного из наиболее точных методов педагогических измерений постоянно растет.

Термин "тестирование" восходит к английскому "test" – испытания, исследование. Можно сказать, что "test – объективное и стандартизированное измерение, поддающееся количественной оценке, статистической обработке и сравнительному анализу. Применительно к технологии тестирования это означает использование для проверки знаний совокупности стандартизированных заданий, предъявляемых малыми порциями, но охватывающими большой круг оперативно проверяемых вопросов, требующих коротких ответов.

В своей работе я использую различные способы оценивания при проверке знаний учащихся, но в связи с тем, что в последнее время при проведении олимпиад, конкурсов, познавательных игр, учащимся предлагаются задания в форме тестирования, я стала уделять больше внимания и этому способу. Кроме того, меня привлекает то, что тестовый контроль – это оперативная проверка качества усвоения, немедленное исправление ошибок, высокая степень объективности получаемых результатов, восполнение пробелов. Таким образом, это дает возможность учителю быстро провести проверку знаний учащихся и без

лишних затрат времени и сил обработать полученную информацию. Еще одним преимуществом тестов по сравнению с другими формами контроля является то, что все учащиеся находятся в равных условиях, позволяющих объективно сравнивать их достижения; исключается субъективность учителя; результаты тестирования поддаются статистической обработке.

Использование тестовых заданий позволяет учителю определить, как ученики овладевают знаниями, умениями и навыками, а также проанализировать свою педагогическую деятельность. Учащиеся смогут узнать о своих достижениях или пробелах в учении, сравнивать свои результаты с эталоном, тем самым у школьников развивается самоконтроль. У родителей появляется возможность узнать результаты обучения их детей.

При составлении тестов используются различные виды заданий, которые позволяют определить, измерить уровень умения школьниками решать новые конкретные задачи на основе полученных сведений. Так, например, в тестах, требующих репродуктивных ответов учащихся, проверяются знания различных понятий, определений, правил, предусмотренных программным материалом, которые требуется запомнить и воспроизвести. Для этого используются различные виды заданий.

Задания свободного изложения, которые характеризуются отсутствием ограничений в ответах по сути задания при строгом соблюдении требования однозначности правильного ответа (в форме вписывания словосочетания, фразы, предложения).

Задания с множественным выбором отличаются вариативностью выбора ответа. Школьнику необходимо подчеркнуть или отметить номер ответа, который он считает правильным.

Задания на восстановление соответствия предусматривают смысловое соединение элементов двух списков, где какому-либо слову, символу, фразе в одной колонке необходимо найти ответ в другой колонке. Задания этого вида могут состоять из двух следующих друг за другом частей, между пунктами которого также требуется установить соответствие. Главное преимущество заданий-соответствий – компактная форма, которая дает возможность в относительно короткое время проконтролировать усвоение большого количества учебного материала.

Тестовые задания с множественным выбором я использую в случае, если нужно проконтролировать усвоение знаний учащимися по некоторым показателям – не только воспроизведение, но и более комплексные умения. Этот вид заданий обычно состоит из собственно задания и списка ответов на него (наиболее рациональным считается набор из 4–5 ответов). Ответ ученика заключается в выборе того варианта из предложенного набора, который, по его мнению, является наиболее правильным, лучшим или единственным в решении поставленной задачи или вопроса.

В своей работе я использую тесты трех видов. **Входной** тест дается в начале изучения темы. Он направлен на предупреждение неуспеваемости, связанной с наличием пробелов, мешающих успешному усвоению новой информации. Этот тест позволяет не только определить, в какой степени школьники подготовлены

для более глубокого усвоения очередной порции учебного материала, но и судить о том, какие меры следует принять для ликвидации пробелов.

Внимательный анализ результатов теста позволяет определить, где, и, самое главное, почему могут в дальнейшем возникнуть трудности с усвоением нового материала. Кроме того, диагностическое тестирование может способствовать обоснованному, мотивированному отбору материала для предварительного повторения с учащимися перед изучением новой темы. Непосредственно после диагностирующего тестирования нужно сообщить учащимся правильные ответы на каждое задание. После анализа ошибок я могу осуществить эффективное, своевременное повторение того материала, на который опирается следующая порция новой информации.

**Промежуточный** тест я провожу, как правило, после изучения нового материала, но перед решением основных, типовых задач на применение полученных знаний. Основной целью этого тестирования является проверка правильности воспроизведения и понимания учащимися определений, правил, алгоритмов, так как продуктивного творческого обучения не может быть на пустом месте, без репродуктивных тренировок. Правильность своих ответов ученик может проверить, открыв нужную страницу школьного учебника. При этом осуществляется наиболее эффективная, целенаправленная корректировка знаний учащихся. В качестве примера приведу тест, контролирующий степень усвоения темы.

При необходимости учитель может составить несколько вариантов подобных тестов, переформировав имеющиеся задания.

Тесты третьего вида, предназначенные для **заключительного контроля**, я использую после того, как уже проведены тренировочные упражнения на применение новых знаний. В такой тест включены вопросы для определения глубины теоретического материала, а не для его простого репродуктивного воспроизведения. Также можно проводить такие виды тестов.

Тесты по аудированию.

Тесты по чтению.

Тесты по грамматике.

Тесты по лексике.

Тесты по письменной речи

Тесты я применяю не только при индивидуальной работе, но и при работе учащихся в группах, в парах.

Анализируя использование тестового контроля, я пришла к выводу о том, что дети лучше справляются с этим видом деятельности, нежели с другими. Тесты повышают качество знаний.

На уроках по домашнему чтению мы также используем тесты. Выбирая текст для домашнего чтения мы составляем тесты относящиеся к тексту. Это может быть все виды тестов.

Тестовый контроль повышает интерес учащихся к предмету. Работая в классе, где учатся дети с разным уровнем знаний по предмету, я сделала вывод, что особенно удачно выполняют тесты дети со слабой подготовкой. Именно у них качество знаний при тестовом контроле выше, чем при другом виде контроля. Используя тесты на уроке, как одну из форм контроля за знаниями учащихся,

можно сказать, что тесты способствуют развитию у учащихся умения наблюдать, обобщать, проводить аналогии, делать выводы и обосновывать их. В основном те тесты, которые я применяю в работе, представляют собой задания творческого характера, направленные на формирование у учащихся таких приемов умственной деятельности, как синтез, анализ, обобщение, конкретизация, аналогия. Они позволяют организовать на уроках деятельностные ситуации, способствующие лучшему усвоению программного материала и, в целом, логического мышления. Таким образом, применяемый мною подход позволяет использовать в едином комплексе тестовый контроль и традиционные методы повторения и коррекции знаний. При этом сочетании “новых” методов со “старыми” позволяет осуществлять преподавание наиболее оптимально

**Компьютерное тестирование на уроках английского языка**

Процесс обучения английскому языку определяется целью приобретения учащимися определенного объема знаний в области грамматики, говорения, чтения и аудирования. Необходимым элементом учебного процесса наряду с получаемой информацией, ее отработкой является контроль знаний учащихся.

Компьютерное тестирование само по себе нетрадиционно, т.к. все мы привыкли к тестам, выполненным на бумаге. По сравнению с традиционными формами контроля компьютерное тестирование имеет ряд преимуществ:

- быстрое получение результатов;
- объективность в оценке знаний;
- позволяет получить достоверную информацию о владении учащимися определенными умениями и навыками;
- дает возможность учителю соотнести эти данные с поставленными на данном этапе задачами обучения и провести своевременную коррекцию процесса усвоения новых знаний;
- компьютерное тестирование более интересно по сравнению с традиционными формами, что влияет на повышение познавательной активности учащихся и создает у них положительную мотивацию.

Прежде, чем начать работу с компьютерными тестами, необходимо сформировать содержание тестовых заданий, распределить их по типам и уровню сложности и создать программное содержание теста.

Конечно, составление тестов – дело трудоемкое, отнимает достаточно много времени, но это стоит того, т.к. результативность выполнения тестов высокая, поскольку они носят не только контролирующий характер, но и обучающий. Учащиеся могут посмотреть, в каких заданиях ими сделаны ошибки, сделать тест еще раз, и не только добиться правильного выполнения, но и запомнить нужный материал. Практически по каждой изучаемой теме о стране изучаемого языка, можно составить подобные тесты.

Тесты не заменяют и не отменяют другие средства контроля. Опыт применения стандартизированных тестов в большинстве стран свидетельствует об их использовании в основном для итогового контроля или экзаменов. Они широко востребованы в системе оценки качества образования и мониторинга, в процессе которых необходимо проводить надежные сравнения образовательных достижений а также устанавливать взаимосвязи на основе количественных характеристик. В ходе тестирования оценивается ограниченное число

характеристик, определяющих образовательные достижения, а не вся их совокупность. В связи с этим результаты тестирования дают лишь некоторую информацию о подготовке учащихся, а потому не могут быть единственным инструментом, на основе которого происходит контроль обученности учащихся.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Красножова Е.Ф. « Методика интерактивного обучения иностранным языкам » Москва – 1996.
2. «Методика и психология обучения иностранным языкам » Хрестоматия М – 1991.
3. English teaching forum October 2003.
4. Иностранныеязыки в школе 1\76

## СУПОРИШҲОИ ТЕСТИИ КОМПЮТЕРӢ

***Г.АБДУЛМУНТАЗИРОВА***

Муаллиф дар мақолааш қайд кардааст, ки супоришҳои тестии компютерӣ, айни ҳол барои мо каме бегона аст, зеро мо ба тестҳои варақӣ одат кардаем, лекин беҳтар аст тестҳо тавассути компютер иҷро шаванд, зеро ин натиҷагирии иҷроиши дурусти онро кафолат медиҳад. Чунин супоришҳо на танҳо характери назоратӣ балки таълимӣ низ доранд. Хонандагон метавонанд, бинанд, ки дар кадом супоришҳо хато кардаанд, онро метавонанд баргашта иҷро намоянд, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки маводи зарурӣро ба хотир гиранд.
***Калидвожаҳо:*** *дастовардҳои омӯзишӣ, тесҳо, лаёқат, хонандагон, супориш.*

## COMPUTER TESTING ON ENGLISH LESSONS

***ABDULMUNTAZIROVA G***

Computer testing itself is unconventional, because we are all accustomed to the tests carried out on paper. It is best to decide on kompyutore tests because it is a very high performance of running tests, as they are not only controlling the character, but also training. Students can see in what tasks they made mistakes, do the test again, and not only to achieve proper performance, but also to remember the right material
**Keywords:** educational achievement, intermediate, input, dates.

## РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Ш. КОТИБОВА - мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ***

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯ овардан ба муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ на танҳо барои рушди иқтисодиёт заминаи хубе фароҳам овард, балки барои инкишоф ва ислоҳоти соҳаи маориф низ мусоидат намуд. Дар ин замина як қатор дигаргуниҳо дар низоми маориф ба вуҷуд омада, заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфтанд ва барои беҳтар гардидани шароит дар соҳаи маориф ва илм фазои мусоид фароҳам омад.

Бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар имрӯз мардуми бофарҳангу шарафманди тоҷик сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дасгирӣ намуда, ба таълиму тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва тағйироти куллиро дар соҳаи маориф зина ба зина ворид месозанд.

Тағйироти воқеӣ дар зинаи аввали таҳсилот – тарбия ва таълими томактабӣ низ назаррас аст, ки ба эҳёи маънавиёт, ташаккули фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани нақши созандагии маориф дар ҷомеа равона гаштааст. Дар иртибот ба ин вазифаи аҳли ҷомеа, оила ва муассисаи томактабӣ аз тарбияи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, ки дорои афкори миллӣ ва рафтори ҳамидаи инсонӣ буда, дар асоси беҳтарин анъанаҳои халқ тарбия ёбад, иборат мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ баҳри баланд бардоштани маънавиёт, ташаккули фарҳанги миллӣ, ҳисси ватадӯстӣ ва худогоҳии миллӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 12% кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Шумораи муассисаҳои томактабии давлатӣ ба 603 адад, муассисаҳои томактабии хусусӣ ба 81 адад ва марказҳои инкишофи кӯдакон ба зиёда аз 1588 адад расидааст. Кӯдакон тавассути марказҳои алоҳида, кӯдакистонҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, мактабҳои маълумоти миёна дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб тайёр карда мешаванд.

Ҳалли мушкилоти дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ баамаломадаи соҳаи маориф, роҳҳои татбиқи консепсияи мактаби миллӣ, баланд бардоштаи сифати таҳсил бо роҳи коркарди мавзӯъҳои замонавӣ дар мувофиқа бо низоми нави таълим, талаботи Стандартҳои таҳсилот, истифодаи технологияи муосир дар низоми таълиму тарбия – дар фаъолияти Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон масъалаҳои мубрами рӯз маҳсуб мешаванд.

Асосҳои назарию методии мавзӯъҳои илмӣ, робитаи онҳо бо мактабу маориф, хулосаву натиҷаҳои илмӣ, тадбиқи онҳо дар амалия ва роҳҳои такмили босамари онҳо фаъолияти илмии занони олим ва донишмандони ин муассисаро ташкил менамояд, ки имрӯз дар ҳаллу фасли ин масъалаҳо саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

Дар робита ба ин олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова И.Х., Иматова Л.М., Маҷидова Б.А., Мирхонова Н.М. масъалаи ҷорӣ намудани таълиму тарбияро дар зинаи аввал зери таҳқиқ қарор дода, бозёфти роҳҳои босамари баландбардории сифати илмию методии раванди таълим, ба роҳ мондани низоми муосири ҷаҳонии таҳсилот, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои кӯдакони шаҳру деҳот «Стандарти таҳсилоти томактабӣ», «Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) солагӣ)»-ро таълиф намуда, дар таҳияи Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Барномаи таълимии «Омодагии пешазмактабии кӯдакони 5-7(6) сола», «Рангинкамон» – барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ саҳмгузоранд. Инчунин таҳиягарони Барномаи тарбиявӣ – таълимии маркази инкишофи кӯдак мебошанд.

Масъалаҳои коркарди нақшаву барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ бо истифода аз равишҳои инноватсионӣ дар мазмуну мундариҷаи онҳо зери назари олимону муҳаққиқони номбурда қарор доранд.

Бояд қайд кард, ки мазмуну мундариҷаи таҳсилоти томактабӣ дар робита бо асосҳои педагогию психологӣ, ки ба инкишофи қобилиятҳои равонӣ (инчунин, баҳисобгирии кӯдакони имконияташон маҳдуд), ҷисмонӣ (ба кӯмаки тиббию иҷтимоӣ эҳтиёҷманд), фикрии кӯдакон бо истифода аз равандҳои инноватсионӣ, ки баҳри самарабахшии ҷараёни таълиму тарбия равона шудаанд, мураттаб гардидааст.

Такмили барномаю васоити таълим аз нигоҳи омодагии кӯдакон ба мактаб, ҷорӣ намудани муттасилӣ дар кӯдакистону мактаби ибтидоӣ имконият медиҳад, ки кӯдакон фаъолона ба раванди таълиму тарбия ворид гарданд. Инчунин, асосҳои назариявӣ ва амалии ҳамкорӣ бо оила, бо мақсади баланд бардоштани маърифат ва масъулияти волидон барои нигоҳубин ва инкишофу тарбияи фарзандон тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд” зери тадқиқ қарор ёфтааст.

Олимон Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо мақсади фаро гирифтани кӯдакони 6-сола ба таҳсил барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи методию дидактикиро таҳия намуданд, ки мазмуну мухтавои онҳо дар конференсияву семинарҳои илмию методӣ ба саҳми кормандони муассисаҳои томактабӣ расонида шудааст.

Барои босамар гардонидани сифати таълим таъмини пурраи кӯдакистонҳо бо мураббиён ва омӯзгорон дорои тахассуси олии касбӣ, такмили нақшаву барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин таҳкими заминаи моддиву техникии онҳо вазифаи аввалиндараҷа мебошанд, ки имрӯз ҳаллу фасли худро ёфта истодааст.

Оид ба ин масъала, бояд ба раванди тайёр намудани мураббиёну омӯзгорони ҷавобгӯи талаботи замон, ки тавонанд насли навраси донишманду баркамоли муосирро тарбия намоянд, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Вобаста ба масъалаи мазкур кормандони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавассути ҳамкориҳои тарафайни муассисаҳои таҳсилоти томатабӣ ва ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷустуҷӯи кадрҳои баландихтисос ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами мураббиёну омӯзгорон, гузаронидани озмунҳо, роҳбарӣ намудан дар ташкилу гузаронидани конференсияву семинарҳо, роҳбаладӣ намудан барои таҳияи дастуру мақолаҳои илмию методӣ, рисолаҳои илмӣ фаъолияти хешро ба роҳ мондаанд.

Олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар шароити имрӯза таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои таълими инклюзивӣ бо назардошти талаботи кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки масъалаи муҳим ва

ҳалаталаби замон мебошад, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додаанд. Ташкили муҳити комилан мувофиқ, ки дар он  хусусиятҳои инкишофи равонии кӯдакони дорои қафомонии намудҳои гуногун (шунавоӣ,биноӣ, нутқӣ, ақлӣ ва ғ.) ба ҳисоб гирифта мешавад, бояд ба муҳити солим ворид шудану инкишофи муназзами равандҳои равонӣ ва ҳифзи иҷтимоии ин кӯдакон мусоидат намояд. Бинобар ин бояд талабот дар мувофиқа  бо самтҳои асосии кор вобаста ба синну соли кӯдакон коркард гардида, мавриди озмоиш ва санҷиш қарор дода шавад. Натиҷаҳои бадастомада барои таҳия ва пешниҳоди  иловаҳо ба Стандартҳо, коркарди барнома ва маводҳои методию ёрирасон барои инкишофи таълими фарогир (инклюзивӣ) мавриди истифода қарор меёбанд. Барои инкишофи таълими фарогир бо назардошти талаботи  кӯдакони имконияташон маҳдуд маводи таҳқиқотӣ ва ёрирасон омода мегарданд, ки барои ба муҳити солим ворид шудану инкишофи  равандҳои равонӣ ва ҳифзи иҷтимоии ин кӯдакон мусоидат менамоянд.

Дар самти тайёр намудани мутахассисони соҳаи илм дар 5 соли охир бо дастгирии олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 36 нафар занон рисолаҳои докторию номзадӣ дифоъ намуданд, ки аз онҳо ду нафар доктурони илм ва 2 нафар номзадҳои илм мебошанд, ки вобаста ба масъалаҳои рушду инкишофи педагогикаи томактабӣ, маориф ва илми тоҷик таҳқиқоти илмӣ намуданд. Бо роҳбарии олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 9 нафар аспирантону унвонҷӯён ба таҳқиқи масъалаҳои таҳсилоти томактабӣ машғуланд. Таҳлилу таҳқиқи олимони ҷавон самтҳои асосии мазмуни таҳсилоти томактабиро дар бар гирифта, барои интихоби роҳҳои босамари баландбардории сифати таълим имконият фароҳам меоранд.

Имрӯз зарурияти муҳайё кардани муҳити инкишофдиҳанда барои гузаронидани таҳқиқоти илмии муносиб ва ба рушди соҳа мусоидат кунанда, пеш омадааст. Такмилу таҷҳизи заминаи моддиву техникии муассисаҳои томактабӣ ҳалли худро беш аз пеш ёфта истодааст. Вобаста ба рушду инкишофи ҷомеа шароити мусоиди босамар (гузаронидани таҳқиқот, омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои дигар, баландбардории тахассус берун аз ҷумҳурӣ) барои ташаккули низоми таҳсилоти муосир ва ҷавобгӯи талаботи замон муҳайё гардида истодааст.

Таҳқиқи илмии раванди  пайдарҳамӣ, муттасилии таҳсил  дар зинаи томактабӣ ва ибтидоӣ, истифодаи шаклҳои таълими мактаби ибтидоӣ дар таълими томактабӣ ва баръакси он мавриди омӯзиш қарор ёфта, барои кӯдакон ҳуқуқи омӯзиши пайдарҳам ва таҳсил барои ҳама таъмин мегардад.

Равандҳои инноватсионӣ  дар ҷараёни таълиму тарбияи томактабӣ бо роҳи омӯзиш аз таҷрибаи давлатҳои ба комёбиҳо ноилгашта амалӣ мешавад ва таҳқиқи роҳҳои босамари баландбардории сифати илмию методии раванди таълим муайян мегардад.

Такмили мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ дар робита бо асосҳои педагогию психологӣ бо истифода аз равандҳои инноватсионӣ бахри самарабахшии таълиму тарбия насли наврас ва шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфта равона шудааст.

## КИТОБНОМА:

## РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

***Ш. КОТИБОВА***

В статье говорится о развитии дошкольного образования в годы независимости Таджикистана. Автор подчеркивает достижение научных сотрудников отдела дошкольного образования Института развития образования Академии образования Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *дошкольное образование, независимость, обучение и воспитание, приемственность, исследование.*

## PRESCHOOL EDUCATION DEVELOPMENTS IN INDEPENDENT TAJIKISTAN

***SH. KOTIBOVA***

In article it is told about preschool education development in years of independence of Tajikistan. The author underlines achievement of research assistants of department preschool formation of Institute development of education of Academy of Education Tajikistan.

***Keywords:*** *preschool education, Independence, training and education, research.*

## НАҚШИ МУТОЛИА ДАР РУШДИ МАЪНАВИИ ДОНИШОМӮЗОН

***С. АМОНӢ***
***мудири шуъбаи фанҳои филологӣ, забони давлатӣ ва кор бо ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ***

Дар ҷаҳони муосир пештозӣ насиби компютер, телевизор, телефон гардида, китоб, ҳатто шакли электронии он мақоми охирро дарёфт намудааст. Ин чӣ рӯйдодест ва метарсам, ки мардум, «Одамон агар мутолиа накунанд, фикр карданро фаромӯш месозанд», гуфтани Д.Дидроро фаромӯш кардаaанд. Афсӯс, ки бисёре аз мо калонсолон фаромӯш мекунанд, ки маҳз мутолиа ба наврасону ҷавонон имкон медиҳад, то худро шинохта, ҷойгоҳашонро дар ҷомеа муайян намоянд, хубро аз бад ва башардӯстиро аз беинсофӣ фарқ кунанд. Онҳо дарк мекунанд, ки чӣ тавр рафтори ҳар кадоми мо ба тақдири шахсони дигар таъсир мерасонад, мавқеи инсон дар баробари башарият чӣ гуна бояд бошад ва дар ниҳоят, аз мутолиаи асари бадеӣ як ҷаҳон ҳаловат мебаранд. Аммо на ҳама китобхонҳо аз хондан ҳаловат мебаранд. Пас, чӣ тавр мо меҳри китобро дар дили кӯдакону наврасон ҷой кунем? Дар ин авохир дар расонаҳои хабарии гуногун ҷиҳати илоҷи ҳалли масъала пешниҳоду маслиҳатҳои муфид бисёр ба назар

мерасанд, вале агар дар оила арҷгузорӣ ба китоб ҳамчун фарҳанг сурат нагирифта бошад, чӣ?

Ана дар ин маврид ҳама масъулият ва душворӣ ба дӯши омӯзгори фанни адабиёт бор мешавад. Зеро сухан дар бораи хондан ба хотири «баҳо» ё «хондааст», «нахондааст» намеравад, балки муддао ин аст, ки китоб ҷаҳонест бузург ва чун кӯдак ба он ворид мешавад, донишҳоро фаро гирифта, тасаввурот, зеҳн, завқ ва эҳсоси зебоинигарии худро сайқал медиҳад. Агар донишандӯзон тавассути фанҳои дигари мактабӣ донишҳои тайёр бигиранд, дар дарсҳои адабиёт, дар раванди мутолиаи асари бадеӣ бо қаҳрамонону муаллиф ва образҳои дигар ҳамнафас гашта, бо онҳо муколама мекунанд ва донишҳои заруриро мустақилона ба даст меоранд. Вале барои он ки чунин муколама сурат бигирад, танҳо мутолиа кам аст. Пас, зарур аст, ки хонанда асарро хонаду онро фаҳмад.

Ба вижа ҳангоми интихоби осори манзум ва мутолиаи онҳо чанд нуктаи муҳим аст, ки бояд аз мадди назар дур набошад. Гуногунжанрии осори лирикӣ на танҳо ба рушди маҳоратҳои адабиву эҷодӣ мусоидат мекунад, балки барои хонандаи бомаҳорат шудан низ кумак мерасонад.

Зарурат чунин аст, ки чӣ тавр талабагонро ба мутолиа ҷалб намоем? Имрӯз талабагонро ба фаъолияти маърифативу шинохтӣ ҷалб намудан хеле душвор шудааст, зеро фарҳанги китобхонии онҳо ба таври кофӣ ташаккул ва рушд наёфтааст. Ба ибораи дигар, майли мутолиа барояшон бегона аст ва қобилияти дарку фаҳми матни хондаашонро надоранд. Ҳол он ки танҳо мутолиа метавонад ба рушди минбаъдаи шахсияти инсон мусоидат намояд ва дар ин амалкард мактаб нақши муассире дорад. Дар ин робита зарур медонем, ки барои омӯзгорони фанҳои забону адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чанд маслиҳат пешниҳод намоем, ки дар раванди кори омӯзгорӣ озмуда шудаанд.

**1. Кор бо падару модарон.** Дар ҷаласаи падару модарон масъалаи хониши беруназсифиро мавриди таваҷҷуҳ қарор бояд дод. Ба онҳо фаҳмондан зарур аст, ки асоси таълимро намунаи шахсӣ ташкил медиҳад ва дар хонавода бояд коре кард, ки китобхонӣ ҳамчун машғулияти афзалиятнок пазируфта шавад. Волидон бояд ба фарзандони хеш ибрат нишон дода, китобҳои аз сӯйи омӯзгорон тавсишударо якҷоя хонда, баррасӣ намоянд. Бояд гуфт, ки ин кор хеле душвор аст, зеро  дар ин мавзӯъ аз падару модарон дида бо талабагон забон ёфтан осонтар аст. Аммо мо ноумед намешавем.

**2. Интихоби асар.** Барои хониши беруназсинфӣ ҳатман бояд бо назардошти синну соло сори беҳтарини адибони клоссик, муосир ва ҷаҳонӣ интихоб гардад. Шояд ин асарҳо барои талабагон ва ҳатто падару модарони онҳо ошно набошанд, вале онҳо чандин наслҳоро тарбия намуда, ба шоҳроҳи ҳаёт ҳидоят намудаанд ва ба шинохти ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, хислатҳо, муносибатҳои инсонӣ ва башардӯстӣ мусоидат кардаанд. Асарҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Носири Хусрав, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор, Гулрухсор ва дигаронро бетардид метавон дар ин феҳрист ҷой дод.

Доир ба шахсияти адибон ва ҷойгоҳи онҳо дар ҷаҳони адаб бо шогирдон суҳбат ороста, онҳоро водор бояд сохт, то андешаҳояшонро иброз доранд ва барои мутолиаи осори интихобшуда майли омодагӣ бигиранд. Барои мо муҳимтар

аз ҳама ин аст, ки талабагон вориди мутолиа шаванд ва ба он майлу рағбат пайдо намоянд.

**3. Таҳлили образҳо.** Шиносоӣ бо образҳои асосӣ ва мусбату манфии асар ҳамон раванди калидии мутоиа аст, ки эҳсоси хонандаро ба ҷунбиш меорад ва дар ҷаҳони қаҳрамонон зиндагӣ карданро меомӯзад. Хислатҳои қаҳрамонон барои мо бегона нестанд, зеро онҳо баёнгару намоишдиҳандагони олами ботину зоҳири худи мо ба шумор меравaнд ва мо наметавонем, ки онҳоро нодида бигирем.

Мутолиаи ҳар китобе филмномаи худро дорад, ки дар тасаввури хонанда сурат мегирад ва ҳам забони суфтаву адабии он боиси рушди луғавӣ ва забондонии мутолиакунанда мегардад. Пас аз мутолиаи асар мазмуну муҳаво он ва орзуву ормони муаллиф бояд мавзӯи суҳбат қарор бигирад ва хонандагон фикру андешаҳои худро роҷеъ ба онҳо баён созанд. Хонандагон метавонанд таассуроти аз мутолиа гирифтаи хешро ба ҳар шакл ироз намоянд. Масалан, яке метавонад (агар қобилияти расмкашӣ дошта бошад) лаҳза, қаҳрамон ё манзараи тасаввуркардаашро қаламкашӣ кунад, дигаре бо сухан ифода намояд ва сеюмӣ хаттӣ баён созад. Хонандагон имкон доранд, ки доир ба асари хондашуда иншои кӯтоҳ навишта, барои ҳамсинфонашон қироат намоянд ва пас аз таҳриру веросторӣ бо иҷозаи омӯзгор онро дар сайти мактаб ё дигар сайтҳои дастрасу мувофиқ ҷойгузин намоянд. Ин ба он хотир аст, ки хонандагон ба шабакаи Интернет чун бо дастовезу раҳоварди хеш ворид мегарданд, ифтихор ва эҳсоси дигаре хоҳанд дошт ва одоби муомилаву муносибатро низ бо риояти хос анҷом хоҳанд дод. Ғайр аз ин а хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дар дафтаре феҳристи асарҳои мутолианамудаашонро тартиб диҳанд. Феҳрист метавонад чунин бошад:

1. Номи муаллиф
2. Номи асар
3. Соли нашр
4. Матбаа ва ҷойи нашр
5. Ҳаҷми асар
6. Мавзӯи асар
7. Мазмуни мухтасари асар
8. Қаҳрамонони мусбати асар
9. Қаҳрамонони манфии асар
10. Фикри шахсии хонанда дар бораи асар (ҳатто камбудиҳои он)

Дар ниҳоят хонандагон ҳар кадом метавонанд бо феҳристи худ ифтихор намуда, онро муддати дароз нигоҳ доранд.

Таҳлили образҳои асосии осори бадеӣ ба маънавиёт ва рушди баъдии шахсияти пӯё ва ҷаҳоннигар мусоидат намуда, сабаби вусъати ҷаҳонбинӣ ва устувории одобу рафтори накӯ мегардад.

**4. Саҳнаофарӣ.** Майл ба мутолиаро ҳатман бо амалиёти саҳнаофарӣ бояд таҳким бахшид. Шогирдон худашон ба саҳнаофарӣ мароқзоҳир намуда, нақшҳову саҳнаҳоро интихоб мекунанд, ороиши саҳнаро низ худашон анҷом дода, сару либосу анҷоми заруриро дастрас менамоянд. Матнро азёд намуда, онро мувофиқи саҳна ва тамошобин тамрин мекунанд, ки гумон мекунед беҳтарин ҳунармандон ҳастанд. Дигар ин, ки ҳангоми тамошои саҳнаҳои касбӣ аз рӯйи асарҳои зерин онҳоро тамошо карда, бо хондаву фаҳмидаи худ муқоиса мекунанд. Вақтҳое

мешавад, ки хонандаи мактаб метавонад дар бораи асар аз ҳунарманди театр бештар маълумот дошта бошад.

**5. Хониши ифоданок.** Ин лаҳза барои аҳли синф ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Омӯзгор бояд яке аз порчаҳои беҳтарини асарро, ки шояд хусусияти бештари тасвирӣ, тавсифӣ тарбиявӣ ва ангезандагии зарурӣ дошта бошад, бояд бо ҳунари баланд қироат кунад ва хуб аст, агар ӯ қобилияти хуби суханварӣ, саҳнаоройи ва наттоқӣ дошта бошад. Агар омӯзгор аз худ боварӣ надошта бошад, метавонад хонандаи беҳтаринро интихоб кунад. Ва боз агар ин тавр ҳам нашуд, бигзор ҳунарманди театрро даъват карда, ин корро анҷом диҳад. Одатан дар чунин мавридҳо (қироати матн) хонандагон комилан маҳви ҳиссиёт мегарданд ва ҳар кадом вориди ҷаҳони зебое мешаванд, ки барои мо аз он беҳтар муҳити ҷазби дигаре баҳри мутолиа вуҷуд надорад.

Қироати матн дар нуқтаи хеле гуворо ва шавқовар бояд қатъ гардад. Чун хонандагон давоми онро шунидан хоҳанд, посух ин аст: «Китобро гиреду хонед».

Онҳо ин ё он навъи осори лирикиро омӯхта, на фақат асоҳои сухани мавзун, истилоҳоти адбиро ёд мегиранд, балки бо асарҳои шоирони гузаштаву муосир ва хориҷӣ шинос мегарданд.

Супоришҳои зерин ба хониши самараноки хонандагон мусоидат мекунанд:

- ❖ Аз осори шорони клоссик шеъреро интихоб намо, ки мувофиқи ҳолу завқи ту дар рӯзҳои истироҳат бошад. Онро дар синф қироат намо ва баъд аз ёд кун.
- ❖ Аз рӯйи мазмуни шеъри азёдкардаат тасвирномае соз ва онро ба ҳамсинфонат намоиш деҳ. Онҳо аз рӯйи он тасвир ҳолати рӯҳии туро муайян мекунанд. Сипас, шеърро бигӯй, то ҳамсинфон доварӣ кунанд, ки тасвири ту дуруст аст ё на.
- ❖ Ту хондани «Шоҳнома»-и Фирдавсиро дӯст медорӣ. Ба ҳамсинфонат бигӯй, ки Рустам чӣ ҳунарҳо дорад?
- ❖ Аз осори Лоиқ шеъреро интихоб кун, ки гӯё маҳз барои ту гуфта бошад.
- ❖ Пас аз хондани модарномаи Лоиқ оё ту модари худро ба ёд меорӣ?
- ❖ Тасвири зебоиҳои Тоҷикистон дар осори кадом адиб бештар дида мешавад?

Чунин супоришҳо метавонанд рангоранг бошанд ва барои дастрас кардану мутолиаи асарҳои мувофиқ ёрӣ мерасонанд.

Дар синфҳои болоӣ муаррифӣ намудани китобҳои дар вақти таътил мутолиашуда низ аҳамияти хос дорад. Хонандагон мазмуни китобҳои хондаашонро ба ҳамдигар ҳикоят карда, баҳсу мунозира мекунанд ва имкон пайдо менамоянд, то асарҳоро аз якдигар хоста, мутолиа кунад

**6. Шиносоӣ бо китобҳои нав.** Муаллим бояд як ё якчанд китоби навро дар синф ба намоиш гузорад. Мазмуни онро мухтасар нақл карда, ба хонандагон иҷозат диҳад, ки варақгардон кунанд. Дар ин сурат асар ҳатман хуш пазируфта мешавад.

Таълими адабиёт дар макотиб рӯз то рӯз душвортар мегардад. Дар шароите, ки инсон ба тадриҷ бештар ба нерӯи истеъмолкунанда табдил меёбад, эҳсоси зебопарастии шогирдонро наметавон комилан дигар сохт ё онҳо ба худсозии шахсӣ машғул шаванд.

Аммо мову шумо бояд ҳамеша бо истифода дониш, таҷриба, истеъдод, то ҳадди имкон аз нерӯии эҷодии адибони бузург ба хотири орои шахсияти

фарзандони хеш  талош варзем, то онҳо китоб хонанду ҳамдами беминнат будани онро бовар кунанд.

**КИТОБНОМА:**

1. «Вестник Дома Учителчя». №6 (27) с.2013
2. Как создаются читающие нации : опыт, идеи, образцы : сб. мат. /ред.–сост. В. Д. Стельмах, Дж. Я. Коул. – М. : НФ «Пушкинская библиотека» : Белый город, 2006. – XIV, 274 с. ; ил.
3. Хомайко, Л. Не страшно и увлекательно /Л. Хомайко //Журналист. – 2007. – № 5. – С. 49–51.

.

## РОЛЬ ЧТЕНИЕ В ДУХОВНОЙ РАЗВИТИИ УЧАЩИХСЯ

***С. АМОНӢ***

Перед современной школой стоит задача по привлечению школьников к чтению художественной литературы. К сожалению, сегодня чтение книг не является основным средством получения знаний, учащиеся всё активнее используют компьютерные и Интернет ресурсы, а чтение большинства произведений классической литературы становится для них трудным (часто непонятным), отсюда и неинтересным действием

***Ключевые слова:*** *чтение, личность, обучение, книга, интернет, содержание, независимое чтение, история, оценка.*

## THE ROLE OF READING IN STUDENTS' SPIRITUAL DEVELOPMENT

***S. AMONI***

Before the modern school is the task of attracting students to the reading of literature. Unfortunately, reading books is not the primary means of acquiring knowledge, students are increasingly using computer and internet resources, and the reading of the majority of works of classical literature becomes difficult for them (often unknown), hence uninteresting action

***Keywords:*** *reading, personality, education, book, online, content, independent reading, history, assessment.*

## НАҚШИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОН

***Б. ЗУЛФОНОВ***
***Мудири бахши масоили гузариш ба таҳсилоти***
***12-солаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи А. Ҷомии АТТ***

***Д. САМАДОВА***
***мудири шуъбаи кори ҳамширагии***
***МДТ Коллеҷи тиббии ш.Қӯргонтеппа***

Экология ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ҷузъи илми биология буда, қонунияти якҷояамалкунӣ ва муносибатҳои дутарафаи дохили олами ҳайвонот, набототи муҳити фарогирифтаро меомӯзад. Инсоният ҳавасманди нигаҳдории тозагӣ, таносуби яклухти табиат ва пешгирӣ кардани вайроншави таъсири мутақобили биологӣ ва баробарвазнист. Баробарӣ ин инсон дар фаъолияти бунёдкориҳои фаъоли худ ба равиши табиӣ сару коргирифта, онро вайрон мекунад, боигариҳои табиатро ба манфиати худ истифода мебарад. Агар ин фаъолият бидуни назорат, бидуни ҳисобу китоби қонунияти экологӣ, бидуни мувозинати биологӣ дар табиат ҷорӣ гардад, он метавонад зарари ислоҳнопазиру ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда биёрад. Масъалаҳои экологӣ чун масъалаҳои умумиинсонӣ ва минтақавӣ вуҷуд доранд. Фақат бо мададу ҳамкории тамоми ҷаҳониён тозагию покии атмосфераро нигоҳ доштан сарватҳои табииро оқилона истифода бурдани мумкин аст. Илова бар ин ҳар давлати алоҳида метавонад дар минтақаи худ нисбат бо нигаҳдории муҳити гирду атроф ғамхорӣ зоҳир намояд: тозагии ҳавои назорат кардан бар зидди харобкунандагони олами наботот ҳайвонот мубориза бурдан аз ифлосшавӣ дарёҳо, ҳавзҳо, кӯлҳоро муҳофизат намудан, ба маданияти заминшиносӣ ва солим нигаҳдории хок риоя кардан ва амсоли инҳо. Зеро табиат – модар, манбаи ҳаёт аст, солим нигаҳдории онро бояд тамоми башарият андешад. Дар китоби дарсии синфҳои се – чор «Одобнома» (1996) барҳақ омадааст:

Муқаддас дон чор унсури покро,
Обу оташ, ҳаме боду хокро.

Табиат барои инсоният объекти донисташаванда ва бахусус сарчашмаи осоишу забон мебошад, ва донистани асрори ташаккули шахсиро тақозо мекунад. Зарурати тарбияи ҳатмии ибтидоии экологӣ, ки дар он асоси маданияти экологии одам гузошта мешавад, шарт аст.

Дониши экологӣ дар чунин маҳоратеро мепарваранд: далеловарӣ маълӯмотҷӯии натиҷагирӣ ва дарс. Онҳо шахсро водор завқи зебопараст ҳам аз муҳити атроф таъсирпазир аст. Истифодабарии сарватҳои табиат аз инсоният инкишофи тафаккури экологиро мехоҳад. Муносибатҳои бошуурона баҳри муҳовизати мубоизаи фаъолбо вайронкунандагони қонунияти муҳити табии аҳмияти махсус пайдо мекунад. Шуурнокии экологӣ вазифаҳои муҳимро адо мекунад. *Вазифаи маърифатпарварӣ* ба акси талабагон дарки табиатро табиат ҳамчун манбаи камолоти эстетикӣ асос мегардонад. Зимни *вазифаи инкишофдиҳӣ* дар раванди ташаккули фаҳмиши ҳодисаҳои экологӣ алоқамандӣ ва вобастагии мавҷудияти олами рустанӣ ва ҳайвонот баррасӣ мегардад; В*азифаи тарбиявӣ* ташаккул додани мушкилоти хонандагон нисбат ба хоҳишҳои ахлоқӣ ва зебопарастӣ дар бар мегирад. *Вазифаи ташкилӣ* аз ҳавасмандгардонии фаъолияти табиатҳифзкунии талабагон иборат аст, онҳо дар корҳои сохтмони муассисаҳо, истифодаи замин, ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш ширкат меварзанд ва ҳамаи ин корҳо бояд мувофиқи қонуни муҳофизаи табиат ҷиддӣ сурат гирад. Донистани хусусиятҳои экологӣ талабагонро ба мубориза баҳри сулҳ, баҳри зиндагии осоишта ҷалб мекунад. *Вазифаи ташхисии* фаҳмиши экологӣ дар инкишофи дастпарварон пешгӯӣ карда тавонистани оқибатҳои беэҳтиётии инсонро нисбат ба табиат муайян мекунад: оқибати вайронкунии мӯътадилии экологӣ ба куҷо мебарад, чӣ гуна амалиёт бетарафии экологиро ифода мекунад, вале чӣ гуна

чорабиниҳо барои беҳбудии табиат заруранд. Ташхиси экологӣ шароити банақшагирии оқилона ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолӣ инкишофи тамоми хоҷагии халқро муайян мекунад.

Оқилона иҷро кардани вазифаи экологӣ ба ташаккули *маданияти экологӣ* мебарад. Он донишҳои экологӣ, фаъолияти ҳифзи табиат, ҳисси некии ахлоқӣ, эстетикиро боиси тассурот, натиҷабахшии алоқа бо табиатро фаро мегриад.

Фаҳмиши экологӣ ҳамчун қисмати таркибии муҳити ҷаҳонбинии илмии талабагон, дар раванди *тарбияи экологӣ* ташаккул меёбад. Он фаъолияти мақсаднок бенизоми педагогӣ, ки ба инкишофи маълумотнокии экологӣ ва тарбияи кӯдакон нигаронида шуда, ғун шудани донишҳои экологӣ, ташаккули маҳорат ва малакаҳои фаъолият дар табиат, бедор кардани ҳисси баланди ахлоқию эстетикӣ, ҳосил намудани сифати ахлоқии баланди шахсият ва иродаи мустаҳкам дар адои корҳои ҳифзи табиатро ифода мекунад. Тарбияи экологӣ дар мазмуни ҳамаи фаннҳои мактабӣ ҷой дода шудааст. Талабагони синни хурди мактабӣ тавассути омӯзиши забони модарӣ, хониш, одобнома, табиатшиносӣ, санъати миллӣ ва меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ дониши экологии худро ғанӣ мегардонанд. Тарбияи ахлоқӣ ва забонпарасти таваҷҷӯҳи шогирдонро ба ҳифзи табиат мекашад. Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ талабагонро ба дӯстдории табиат ва муҳофизати он майл медиҳад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ бо системаи фаъолиятҳо дар бораи тарбияи экологӣ маълумот дода метавонад.

Мақсади системаҳо дар инкишофи фаҳмиши экологии мактабиён ҳамчун маҷмӯи донишҳо, тафаккур, ҳис ва ирода; дар онҳо ташаккул додани маданияти экологӣ; омодагӣ ба фаъолияти муҳофизати табиат водор мекунанд. Система дар омӯзиши биология, ҷуғрофия, физика, химия ҳаллу фасли асосии худро меёбад. Табиатшиносӣ, биология ва ҷуғрофия ҳолати экологии олами наботот, ҳайвонот – тамоми муҳити зисти муосирро дар манзараҳои дақиқ инъикос мекунанд. Талабагон аз онҳо чӣ будани мувозинати экологиро ҳамчунин гиёҳҳо, ҳашарот, паррандаҳо, ҳайвонот, беша ва замин, қаъри замин ва ҳаворо дарк мекунанд, бо ҳам алоқадории онҳоро фаҳмида мегиранд. Мӯрчаҳо, ҳамчун санитарон бешазорро тоза мекунанд, ҳашаротҳо паррандаҳоро парво мекунанд, худи бешазор ҳаворо тоза менамояд ва ғайра. Ин алоқамандӣ ба ягонагии табиат мепайвандад. Вайронкунии ин алоқамандӣ мувозинати биологиро дар табиат дигар мекунад. Ба он зарар меорад, шароити зиндагии мардум бад мешавад.

Физика ва химия ба толибилмон донишҳои комплексӣ политехникӣ, асосҳои илмӣ ва принсипҳои истеҳсолоти замонавӣ медиҳанд. Талабагон дар бораи хусусиятҳои истеҳсолот, алоқамандии он бо муҳити табиии гирду атроф, дар бораи принсипҳо ва сохти ҷилавгирӣ кардани таъсири зараровари раванди технологӣ, дар бобати имкониятҳои бепартавии истеҳсолот, ки моҳияти калони иқтисодию экологӣ дорад, мефаҳманд.

Дар ташаккули шуурнокии экологии талабагон саҳми фанҳои гуманитарӣ ва силсилаи эстетикӣ калон аст. Таърих, ҷамъиятшиносӣ, асосҳои давлат ва ҳуқуқ муносибати норавоӣ ва ваҳшигарӣ ба табиат, истисмори бераҳмонаи онро баррасӣ мекунанд. Дастпарварон зимни ин фанҳо нисбати камбудиҳои кори муҳофизати табиат дар ҷамъияти мо, дар бораи қонуният, ки ба табиат муносибат доштани одамонро ба танзим меорад, фаҳмида мегиранд. Силсилаи фанҳои эстетикӣ, адабиёт, санъати тасвирӣ, мусиқӣ моҳияти табиат, зебоии нотакрори он,

ки ба ахлоқ, ҳолати рӯҳии инсон, муносибати вай ба табиат ва тамоми ҷонзот таъсири бузург мерасонад, ифшо медиҳанд.

Дар ташаккули шуурнокии талабагон меҳнати фоиданоки ҷамъиятии онҳо низ хусусияти муҳифозатии табиатро дорост: ниҳолшинонӣ ҷангалпарварӣ ва боғдори чорвопарварӣ, ва ғайра, аз фаъолиятҳои муфит ҷиҳати ҳизви муҳити зист башумор мераванд. Дар тарбияи экологии талабагон воситаҳои ахбори омма кӯмаки калон мерасонанд. Адабиёти бачагона ва ҷавонон, рӯзнома ва маҷаллаҳо, радио, телевизион ба муҳофизати табиат эътибори махсус медиҳанд.

Тарбияи экологӣ бо тарбияи фикрӣ – ҳамчун қисмати ҷаҳонбинӣ, дарки умумии олам; бо тарбияи меҳнат – ҳамчун муайянкунандаи фаҳмиши ҳақиқии экологӣ; бо тарбияи эстетикӣ – ҳамчун инкишофдиҳандаи ҳисси зебоии табиат; бо тарбияи ахлоқӣ – ҳамчун ташаккулдиҳандаи ҳисси маъсулият нисбати табиат ва одамон алоқаи мустаҳкам дорад. Нишондодҳои асосии маърифатнокии экологӣ фаҳмидани масъалаҳои экологии ҳозиразамон, шуурнокии ҳисси масъулият нисбати муҳофизати табиат, фаъолияти табиатпарастӣ, инкишофи ҳисси дӯстдории табиат, дида тавонистани зебоӣ, ҳаловат бурдан аз он мебошад.

Санҷиши контролӣ

1. Мафҳуми тарбияи экологиро шарҳ диҳед?
2. Вазифаҳои шуурнокии экологиро ифшо кунед.
3. Зарурияти ҳифзи табиат дар чист?
4. Системаи тарбияи экологӣ аз кадом чузъиятҳои асосӣ иборат аст?

**КИТОБНОМА:**


1. Лихачев Б. П. Педагогика. Курс лекций – М., 1993.
2. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2000.
3. Харламов И. Ф. Педагогика. – М., 1990.
4. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат. Душанбе, 2003.
5. Юнусов Й. Педагогика. Душанбе, 2005.


## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА В ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ


***Б. ЗУЛФОНОВ***

***Д. АМАДОВА***



Развитие экологической грамотности учашихся ощеобразовательных учреждений является залогом поднятие экологической культуры. По мнению автора статьи, на современном этапе обучение предмета «Экологии» и проведение внекассных мероприятий явяется гарантом поднятие экологической грамотности учашихся средных ощеобразовательных учреждений.



***Ключевые слова:*** *землитресение, опользни, селевые потоки, глобалный, мир, обучение.*


## ECOLOGICAL CULTURE IN THE EDUCATION OF PUPILS


***B. ZULFONOV ,***

***D. SAMADOVA***



Raising environmental awareness pupils'health oscheobrazovatelnyh institutions is the key to raising ecological culture. According to the author, at the present stage of learning "Environment" of the object and holding events vnekassnyh yavyaetsya guarantor

podniyatie environmental awareness pupils'health average oscheobrazovatelnyh institutions.

***Keywords:*** *zemlitresenie, opolzni, mudslides, globalny, peace training.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

***М. ГИЁСОВ***

***соискатель третьего курса Института развитие Образования имени А.Джами Академии Образования Таджикистана***

Современные компьютерные технологии является составной частью мультимедиа технологий (от англ. multi- много и media- среда). Эти технологии рассматриваются нами как информационные технологии обучения, интегрирующие аудиовизуальную информацию любых форм (текст, графика, анимация и др.), реализующие интерактивный диалог пользователя с системой и разнообразие форм самостоятельной деятельности по обработке информации. Они представляют огромный диапазон возможностей для совершенствования учебного процесса и системы образования в целом.

Первоначально использование новых информационных технологий связывалось с преподаванием математики, электроники, физики, инженерных дисциплин и экономики. С развитием аппаратного и программного обеспечения компьютеры стали использоваться в медицине, биологии, химии, также расширился гуманитарный спектр и психология, лингвистика, история, юриспруденция , компьютерная графика и дизайн. [2, с-13] В обществе заговорили о едином информационном пространстве, единой информационной среде, и более того, сформулирована и развивается концепция о информации как обязательном атрибуте материи. Информационные ресурсы глобальных компьютерных сетей стали использоваться практически во всех областях знаний. [3, с-176]

Включение современных информационных технологий в образовательный процесс создает реальные возможности повышения качества образования. Информатизация общества , происходящая в течение двух последних десятилетий и рассматривающаяся не только как технический, но в значительной степени как социальный процесс, не могла не затронуть систему народного образования. Преподаватели физики и химии, таджикского языка и литературы, иностранного языка, истории, права, экономики, информатики и других общеобразовательных и специальных дисциплин все шире используют новые информационные технологии (НИТ) в своей повседневной практике.[2 , с-17]

Несомненно, преобладает осознание того, что использование новые информационных технологий в деятельности педагога повышает престиж этой профессии. Безусловно, ценности использования новых информационных технологий выступают не сами по себе, а лишь будучи включенными в систему общественных отношений. Компьютер является самым новым

образовательным инструментом, а его отличие от предыдущих технологий исходит от многомерности. Это медиа устройство может реализовать функции других устройств.

Основные направления реформы общеобразовательной и профессиональной школы поставили в качестве одной из важных и новых задач овладение основами информатики и вычислительной техники в практику обучения. Задача это вызванная потребностями современного производства и новейшей технологии, сложна, много аспектный и рассчитана на перспективу.

Внедрение вычислительной техники в школы преследует три основные цели:

-- дать учащимся знания об основных информатики и вычислительной техники;

-- повысить с помощью средство обучению эффективность обучения общеобразовательных предметам(в том числе английского языка)

-- облегчить и повысить эффективность, качества управления всем учебно-воспитательным процессом в школе; [1 , с-158]

В определении методических свойств компьютера для целей обучения иностранному языку в общеобразовательных школах, на наш взгляд следует четко разграничить цели обучения на уроке (достижения поставленных целей обучения) во внеурочное время, для целей самообразования. Если иметь в виду использования компьютера на уроке английского языка с целью практического овладения программным материалом , то методические свойства компьютера можно, как нам представляется , определить следующим образом:

-- ведения диалога с компьютера по разветвленной программе с различными методическими задачами: формирование ориентировочной основы действий , упражнения, тренировка , контрольные тести;

-- компьютерная игра (особенно с подключением звукозаписи) на различных уровнях формирования лексических, грамматических навыков , умений аудирования , говорения, чтения;

-- решение различных коммуникативных задач в предлагаемых ситуациях общения;

Указание методические свойства компьютера определяют и его методические функции в практике обучения иностранному языку :

-- формирование лексических, грамматических навыков говорение;

-- обучение отдельным элементам чтения (ознакомительного просмотрового )

-- формирование умений говорения;

Чтобы все эти возможности компьютера могли бить реализованы в практике обучения иностранному языку необходимы качественные обучающие программы. А чтобы программа имела максимальный эффект она должна быть интерактивной (предназначенной для режима диалога с компьютера) и адаптивной (приспособленной к индивидуальным особенностям конкретного ученика, прежде всего, к уровню его обученности) .

Информационные компьютерные технологии заняли прочное место в процессе обучения. Обучающие программы по английскому языку составляют значительную часть всего учебного программного обеспечения.[5, с-43]

Конечно, на уроках английского языка нельзя использовать компьютер постоянно, так как есть множества других задач, решить которых можно лишь при непосредственной общении. Но и недооценивать роль таких уроков нельзя. Именно компьютерное обучения несет в себе огромный мотивационный потенциал и соответствует принципам индивидуализации обучения.

На современном этапе развития таджикского образования появилась возможность привлечь к организации программированного обучения также информационные и коммуникативные средства, как презентация, созданная в программе MS Power Point, проектор, компьютер, интернет, CD- диск с аудио- и видео записями. Они широко применяются в обучении иностранным языкам, так как способствует активизации мышления учащихся и созданию среды иноязычного общения, позволяют работать наиболее продуктивно, усиливают взаимосвязь учеников и преподавателя, делают учебный процессе интересным и эффективным, служат действенным средством мотивации учащихся к изучению иностранного языка. ИКС формируют навыки самостоятельной продуктивной деятельности, способствуют созданию ситуации успеха для каждого ученика. Учащиеся начинают понимать более сложный материал в результате ясной, эффективной и динамичной подачи материала , работают творчески и становятся уверенными в себе. ИКС помогают сделать процесс обучения интересным, эффективным, разнообразным.

Представляется целесообразным различать компьютеризацию обучения. Последняя охватывает лишь те сферы применения компьютера, которые связанны непосредственно с обучением. Диапазон использования компьютера в этом случае довольно от тестирования учащихся, учета их успеваемости, ведения характеристик до игры. Область применения компьютеров, связанная непосредственно с учебном процессом, и составляет предмет данной работы. В учебном процессе компьютер может бить как обьектом изучения, так и средством обучения, т.е. возможны два направления компьютеризации обучения. При первом усвоение знаний, умений и навыков ведет к осознанию возможностей компьютера , а также его использованию при решение разнообразных задач , другими словами, ведет к овладению компьютерной грамотностью. При втором компьютер является мощным средством повышения эффективности обучения. Указание два направления и составляют основу компьютеризации обучения как социального процесса. [4 , с-9]

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Полат Е.С. «Методика использования средств обучения иностранному языку в языковой лаборатории профтехучилища» М-1988-158с
2. Авгонов С.С. «Компьютерные технологии как средство обучения иностранным языкам а вузе» Душанбе-2010 -13-17с
3. Полат Е. С. «Курс дистанционного обучения для учителей» Новые педагогические технологии. М-1987-176с
4. Машбиц Е.И. « Психолого - педагогическае проблемы компьютеризации обучения» М. Педагогика, 1988 с-9

5. Телицина Т.Н. Сидоренко А.Ф. «Использование компьютерных программ на уроках английского языка» ИЯШ №2 М-2002-43с

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

**М. ҒИЕСОВ**

Донистани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аз ҷониби муаллимони муассисаҳои миёнаи таълимӣ ва олӣ муҳим буда, барои беҳтар кардани сифати таълим таҳкурсӣ мегузорад. Истифодаи салоҳиятноки ТИК аз тарафи муаллимон таъсири педагогиро зиёд намуда, неруи эҷодии донишҷӯён ва хонандагонро меафзояд. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва баланд бардоштани сифати воситаҳои таълими электронӣ зарур аст, ки ба рушди ҳамкориҳои илмӣ ва техникии донишгоҳҳо ва муассисаҳои миёна вусъат мебахшад.

***Калидвожаҳо:*** *ахборот, технология, омӯзиш, компютер, муассисаҳои таълимӣ, методика.*

## USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN EDUCATIONAL PROCESS.

***M.GIOSOV***

Possession of information and communication technologies by teachers of high schools, school is the foundation to improve the quality of education. Competent use of ICT increases teacher pedagogical influence on the formation of the student and student creativity. To increase the efficiency of application of new information and communication technologies in the learning process is necessary to improve the quality of e-learning tools and software, which is necessary to develop scientific and technical cooperation of universities and schools on this issue.

***Keyboards:*** *information, technology, education, computer, comprehensive school, aspect, method*

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА МУАССИСАҲОИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

***Д. МАХКАМОВ***
***мудири шуъбаи таҳсилоти***
***ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи***
***А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ бахшида ба ҷашнвораҳои 15- солагии Ваҳдати миллӣ, 21- солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 20- солагии Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинона қайд намуда буданд: ***«Ақли солим ва хиради дурбин пирӯз шуд. Рӯзи фархундае, ки онро дар ҳама шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст, дар ҳама оилаҳо интизор буданд, фаро расид.***

***Баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва дар натиҷаи кӯшишҳои мунтазами Ҳукумат дар кишвар фазои сулҳу оштии миллӣ мо тавонистем ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Ватанамонро таъмин намуда, чорабиниҳои бузурги умумимиллии худро гузаронем».***

Истиқлолият дастоварди пурарзиши ҳар як халқу миллат буда, соҳибихтиёрии давлат ба ҳама соҳаи зиндагӣ, чи сиёсӣ, чи иктисодӣ, чи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ такони мусбат медиҳад. Дар ин замина муассисаҳои таълимӣ ҳамчун рукни мустақил бо симои хосси худ ва дар пояи фарҳанги миллӣ, забон, таъриху суннатҳои анъанавии мардуми сарзамин арзи вуҷуд мекунанд.

Методологияи илм ва таҷрибаи ҳаёт собит месозад, ки муассисаҳои таҳсилоти миллии тоҷик комилан дорои хусусиятҳои хос ва низоми мустақил буда, унсурҳои маълумот, шаклҳои ташкили кори омӯзишу парвариш, усул ва тарзу воситахои таълиму тарбияро таҷассум менамоянд.

Ин гуна муассисаҳо дар ҳолате ташаккул меёбанд, ки агар ҳар кадоме аз ин унсурҳо дар заминаи маданияти миллӣ комилан мустақилона нумӯъ кунад. Аз ин ҷиҳат барои эҳёи муассисаҳои миллӣ ва рушди минбаъдаи он омилҳои дохилӣ ва берунӣ заруранд.

Агар инкишоф ва пешрафти муассисаҳои ибтидоии касбиро аз солҳои 2010 то соли 2016 гирем, маълум мегардад, ки дар ин давра мо ба дастовардҳои назаррасе бо шарофати истиқлолияи ва ваҳдату сулҳу субот ноил гардидем.

Аз ҳама бештар дастовардҳои Истиқлолияти миллӣ дар инкишофи тамоми зинаҳои таълим назаррас мебошад. Теъдоди муассисаҳои ибтидоии касбӣ дар ВМКБ 1-то, дар вилояти Суғд аз 23 ба 22-то, дар вилояти Хатлон 18-то, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 11- то ба 10то, дар шаҳри Душанбе аз 13-14 ба 11-то расид, ки дар маҷмӯ 62 – торо ташкил медиҳад.

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон теъдоди хонандагони муассисаҳои ибтидоии касбӣ 21743 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 4370 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар ин муассисаҳо, дар солҳои пешин қариб омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ намерасиданд. Лекин бо шарофати ваҳдати миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ тамоми норасоиҳо бартараф гардида, ҳоло бештар 1991нафар омӯзгорон ва 725 нафар устоҳои таълимӣ ба таълим ва тарбияи насли наврас машғул мебошанд.

Камбудии асосӣ дар фаъолияти муассисаҳои ибтидоии касбӣ дар он аст, ки ҳоло ҳам нарасидани омӯзгорони ботаҷриба ҳис карда мешавад. Имрӯз дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ бештар аз 524 нафар омӯзгорон бо маълумоти олии нопурра, 363 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ ва 371 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, ки ин сифати арзандаи таълимро таъмин карда наметавонад.

Дар раванди омодагӣ ба ҷашни Истиқлолият дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ 118 бинои таълимӣ, 1110 синфхона бо 23835 ҷои нишаст барои касбомӯзии хонандагон муҳаё карда шудааст, ки ин дастоварди арзанда мебошад. Вобаста ба барномаи давлатии компютеркунонии ҷараёни таълим дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ 545 синфхонаи компютерӣ ташкил дода шудааст, ки дар онҳо бештар аз 1194

компютер маҳфуз мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ қариб ҳамаашон дорои китобхона, тахтаҳои электронӣ ва се китобхонаи электронӣ мебошанд.

Дар даврони истиқлолият муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дорои 51 толори замонавии маҷлисгоҳ, 28 ҳуҷраи тиббӣ, 61 нуқтаи хӯрокхӯрӣ, 48 толори варзишӣ, 65 майдончаи варзишӣ, 80 ҳуҷраи хизматрасонӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва устохонаҳои замонавӣ ва озмоишгоҳҳо гардиданд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «***Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаи илму маориф ҳамчун соҳаи афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад***».

Истиқлолияти миллӣ дар инкишоф ва рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавқеи босазоро ишғол менамояд. Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои миёнаи касбӣ низ афзоиш ёфта, аз 52 - тои соли 2006 дар соли 2016 ба 60- 65 адад расидааст, ки аз он 53 - тояш давлатӣ, 7-тояш ғайридавлатӣ мебошанд.

Муассисаҳои миёнаи касбӣ зиёда аз 59356 нафар донишҷӯро фаро гирифта, дар асоси талаботи бозори меҳнат аз рӯйи касбу ҳунарҳои гуногун омода месозанд. Ҳар сол аз муассисаҳои миёнаи касбӣ бештар аз 11740 нафар мутахасисони ҷавонро омода карда, барои фаъолияти хоҷагии кишвар фиристанд. Дар шароити имрӯза аз рӯйи ихтисоси техникӣ, технологӣ ва сохтмон 12 муассиса, аз рӯйи ихтисосҳои кишоварзӣ 2 муассиса, аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодиёт1 муассиса, аз рӯйи ихтисоси омӯзгорӣ 16 муассиса, аз рӯйи ихтисосҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ варзиш ва қудратӣ 22 муассиса, санъат 7 муассиса ба омода намудани кадрҳо барои бозори меҳнат сару кор доранд.

Дар даврони истиқлолият барои муассисаҳои миёнаи касбӣ бештар аз 62 бинои хобгоҳи донишҷӯён бо тамоми шароити зарурӣ муҳаё гардонида шудааст. Дар хобгоҳи донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи касбӣ имконияти фаро гирифтани 59356 нафар донишҷӯ мавҷуд аст. Аммо ба хобгоҳ ва ҷойи зист танҳо 4012 нафр ниёз доранд, ки аз онҳо 1674 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд. Муассисаҳои миёнаи касбӣ тамоми шароити моддӣ - маиширо барои зиндагии донишҷӯён дар хобгоҳ муҳайё намудаанд. Барои назорати ҳолати саломатии донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи касбӣ 26 бунгоҳи тиббӣ пайваста фаъолият менамояд. Дар муассисаҳои миёнаи касбӣ 45 хонаи истироҳатӣ ва 31 китобхона баҳри баланд гардидани сатҳи дониш ва маърифати донишҷӯён хизмат мерасонанд.

Бо шарофати истиқлолияти миллӣ дар муассисаҳои миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 286 синфхонаи кампютерӣ ташкил дода шудааст, ки аз шумораи умумии 4050 компютер дар синфхонаҳои компютерӣ1353 компютер васл карда шудааст ва дар истифода қарор дорад. Ин албата талаботи замон дар рушди фарҳанги техникии насли наврас мебошад.

Таъминоти кадрии муассисаҳои миёнаи касбии Тоҷикистон дар муқоиса ба солҳои пешин хело ҳуб гардида истодааст. Агар дар солҳои 2006- 2007 дар муассисаҳои миёнаи касбӣ 3044 омӯзгор фаъолият дошта бошад, соли 2015-16 ин теъдод ба 4500 нафар расид, ки 2019 нафарашро занон ташкил медиҳанд. Дар муддати даҳ сол теъдоди омӯзгорони муассисаҳои миёнаи касби аз 1400 нафар зиёд гардид, ки ин натиҷаи ғамхории иҷтимоии Ҳукумат мебошад.

Дар ин давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар муассисаҳои миёнаи касбӣ афзоиш ёфтанд, ки ин гувоҳи беҳтар гардидани сифати таълим мебошад. Имрӯз дар муассисаҳои миёнаи касбӣ 28 нафар профессорон, 51 нафар дотсентон, 10 нафар докторони илм, 93 нафар номзадҳои илм, 27 нафар омӯзгорони калон, 165 нафар ассистентон ба кори таълим ва тарбияи насли наврас банд мебошанд. Ба ҳамин гуфтаҳои боло такя намуда, гуфтан бомаврид мебошад, ки бе истиқлолияти миллӣ раванди худинкишофёбӣ ва худтакмили муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбии миллии тоҷикро тасаввур кардан номумкин аст. Дар ин раванд вазифаҳои зеринро иҷро намудан зарур аст:

1. Мушаххас намудани мақсаду вазифаҳо.
2. Муайян намудани мазмуни маълумот дар асоси талаботи инноватсионӣ;
3. Аниқ кардани шаклҳои ташкили таълим.
4. Муносибати оқилона бо усулҳои тадрис.
5. Муҳаё сохтани воситаҳои таълим.
6. Истифода аз шаклҳои маълумот бо технологияи муосир.
7. Қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба маълумот ва тахассус мувофиқи талаботи бозори муосири меҳнат;
8. Мутобиқ гардонидани маълумот ба талаботи бозори меҳнат.
9. Ба стандарти ҷаҳонӣ наздик гардонидани маълумоти касбӣ.
10. Муҳаиё сохтани баъзаи моддӣ- техникии омӯзиши касб ва ҳунар дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар асоси талаботи бозори меҳнат.
11. Муҳаиё сохтани шароит барои варид гардидани таҳсилоти касбӣ ба талаботи демократӣ ва низоми кредитӣ.

Истиқлолият- нангу номус, бародарию баробарӣ, шаъну шараф, сари баланд, хонаи обод, рӯзгори осудаҳолона, ифтихор аз миллату давлат, саъю кӯшиши ҳар фарди ҷумҳурӣ баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги ғанӣ, маҳсуб меёбад.

Агар хоҳӣ ояндаро бубинӣ, ба гузашта назар кун. Аз ҳамин хотир, мо гаштаву баргашта ба гузаштаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ назар афканда, ояндаи онро дар асоси талаботи ҷаҳонишавӣ дар фазои ҷаҳонии таҳсилот мебинем.

Дар яке аз суханрониҳои хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯяд: «***Имрӯз бо соҳибистиқлол гардидани кишвари тоҷикон ва ба миён омадани ниёзи ҷиддӣ барои дарёфти роҳу мароми мустақили ҷумҳуриамон ба сӯйи ояндаи мутамаддин вақташ расидааст, ки мо низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифро дар заминаи ҳамон сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равонии халқамон ва педагогикаи миллӣ бо дарназардошти имконоту тақозои замони муосир ва арзишҳои умумибашарӣ ба роҳ монем***».

Таҷриба ва амалияи истиқлолият собит месозад, ки муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки муассисаҳои ояндаи миллии тоҷик маҳсуб меёбанд, бояд корашонро мувофиқи талаботи ҷомеаи демократӣ ва тақозои ҷараёни инновотсионии таълиму тарбия ба роҳ монда, ба стандарти ҷаҳонӣ наздик шаванд. Яке аз чунин талаботҳо гузаштан ба низоми кридитии таҳсилот мебошад, ки бе он дипломҳои мутахассисони тоҷик берун аз сарзамин арзише пайдо карда наметавонанд.

Эҳёи муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбии миллӣ ҷараёни педагогиро фаро гирифта пеш аз ҳама, дар мазмуни таълим, тарбия тараққиёт ва рушду нумуъро ифода менамояд. Дар ин ҳолат вазифаи ҷараёни таълим нисбатан васеъ шарҳ дода мешавад, ки овардани чанде аз онҳоро лозим мешуморем.

1.Вазифаи асосии таълим омӯхтан ё роҳу тарзҳои омӯхтанро омӯзондан ва татбиқи донишҳои андӯхта дар вазъиятҳои гуногун мебошад.

2.Усул ва тарзи таълим ҳамон вақт арзиш доранд, ки агар майли табии ҷавононро нисбат ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ фаъол намуда, оҳанги таъсирро барангезанд, фаъолияти эҷодӣ ва мустақилиятро бедор намуда, муносибати донишҷӯёнро доир ба ҳаёти воқеи ҷиддӣ намоянд.

3.Муассисаҳои таълимӣ муваззафанд, ки дар андӯхтани дониши иловагӣ ба шогирдон, ки дар пешрафти он нақши муайян мебозад, кӯмак расонад.

4.Дар шароити имрӯза бояд сифати корҳои курсӣ ва дипломии донишҷӯён бештар характери эҷодӣ, ҷустуҷӯӣ ва ихтирокорӣ пайдо намояд.

Аз рафти озмоиш ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бармеояд, ки ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ самти ахборотӣ бештар бартарӣ дорад, тамоми вазн бар дӯши хотира бор карда шудааст.

Хотираи шогирдонро аз қонуну қоида, маърифат ва далелу рақамҳои шахшуда пур мекунем, аммо роҳҳои асосии татбиқи амалии онҳоро намеандешем.

Ба инкишофи тафаккури интиқодии онҳо, ба озодии афкор бештар бояд диққат диҳем, то ки онҳо аз ғуломии ақидавии меросӣ озод гарданд. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва рушди фарҳанги техникӣ дар мафкураи донишҷӯён ва хонандагон як рафтори таёрахӯрӣ дида мешавад. Онҳо ҳоло ҳам кӯшиш мекунанд, ки ҳама чизро дар шакли тайёр аз устодон гиранд, ки ин ба инкишофи шахсии донишҷӯён моъне мегардад.

Мояи ифтихор аст, ки миллати мо истиқлолияти миллиро ба даст оварда, дар ҳама ҷабҳаҳо рушду нумӯъ ёфт. Дар соҳаи таълиму тарбия ин миллат ҳақ дорад намунаи (модел) маъруфи эътирофгаштаи мактаби миллии хешро интихоб намояд ва муҳимтарин вазифаҳои он иборатанд:

1.Зоҳир намудани ғамхорӣ дар бобати сиҳату саломатии насли наврас, ки мувофиқи омӯзишҳо ҳамаи онҳо бе нуқс нестанд…

2.Заминаи боэътимод фароҳам овардан, ки қобилият ва истеъдоди фардии ҳар як толибилм ошкор гашта ҳамчун шахсият инкишоф ёбад.

3.Дар заминаи донишҳои ахлоқӣ бунёди мустаҳками маънавиёт ва ахлоқи ҳамидаи инсонро гузошта, онро ба ҳақнигорӣ, шарафмандӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, некбинӣ, ҳимматбаландӣ, покию росткорӣ, парҳезкорӣ, шарму ҳаё, омӯзиши илму маърифат, эътиқод, кушиш баҳри истиқлолияту эҷодкорӣ, дӯстиву рафоқат, сулҳу салоҳ, муқаддас донистани об, хок, замин, оташу ҳаво, ҳурмати волидайн, калонсолон, эҳтироми хурдсолон ва амсоли инҳо ҳидоят намоем.

4.Ба тарбияи вусъати ақлу хирад, диққат, хотира, ирода, эҳсоси инсон пайваста ва мунтазам машғул бояд шавем. Огоҳ бошанд, ки онҳо ворисони ҳақиқии фарҳанг миллати худ ҳастанд.

5.Тарбияи инсондӯстии насли наврас, ташвиқу тарғиби пайванди наслҳоро ба роҳ монда, ҳисси шаҳрвандии шогирдонро бедор намоем, то ки онҳо уҳдадорӣ ва ҳуқуқи худро дар назди халқу чомеа ва давлату миллат фаҳманд ва ба меъёрҳои олитарини инсонӣ такя карда, дар муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоию фарҳангӣ фаъолона иштирок варзанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои хатмкунандагони муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ғайр аз доштани дониши хуб аз фанҳои умумӣ ва касбӣ, боз маҳорати фикррони таҳлилӣ лозим аст. Маҳорати шарҳи эчодкоронаи донишҳои андӯхташуда норавшаниҳо ва камбудиҳоро дар донишандӯзӣ ва корбурди шеваҳои он ошкор сохта, маҳорати гирдоварии идеяҳои муассирро дар ҳолатҳои ғайри муқаррарӣ тақвият мебахшад.

Омӯзиш ё азхудкунии тачрибаву дониши чамъовардаи дигарон дар аксарияти соҳаҳои касбӣ қариб бефоида аст, ҳол он ки омӯхтану истифодабарии онҳо хеле муҳим аст.

Дар даврони истиқлолият ва бархӯрди тамаддунҳо ҳачми дониш ва азхудкунии он ҳатто қисман ғайриимкон гардидааст. Миқдори иттилоот инкишоф ёфта, аз рӯйи баъзе баҳогузориҳо ҳар 10 сол ду маротиба афзоиш меёбад. Ҳар як ширкаткунандаи чараёни таълим хоҳ омӯзгор бошад, хоҳ донишчӯ, ҳамаи донишҳоро ҳатто аз рӯйи як фан аз худ карда наметавонад.

Акнун донистани чизҳои на он қадар зарур шарт нест (қисми зиёди ин донишҳо хоҳу ноҳоҳ фаромӯш мешаванд), зеро то андозае фаҳмидан, дарк кардан, барои ҳалли ин ё он масъала маҳорати эчодии худро истифода карда тавонистан кофист.

Ин махсусан дар ҳолатҳое муҳим аст, ки хатмкардаи муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯйи ихтисоси худ кор намеёбад ё ба сабабҳои гуногун бештар фаъолияти меҳнатии худро иваз мекунад. Муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд кадрҳоеро тайёр намоянд, ки маҳорату малакаи васеъ дошта бошанд ва дар як вақт аз ичрои якчанд вазифа баромада тавонанд.

## КИТОБНОМА:


1. Лутфуллоев М. Точикистони соҳибистиқлол ва маорифи навин.- Душанбе, 2006, 157 с.
2. Мачмӯаи омори соҳаи маорифи Чумҳурии Точикистон.- Душанбе, 2015.
3. Истиқболи истиқлол, ваҳдати миллӣ ва ичлосияи тақдирсоз.- Душанбе, 2012, 131с.
4. Государственная программа развития образования в Республики Таджикистан на 2010-2015 годы. Душанбе, 2009.
5. Корсгаард О. Демократия и просвещение- неотъемлемые части образовательного процесса. М. 1999.


# НАЧАЛЬНОЕ И СРЕДНЕЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ


*Д. МАХКАМОВ*

В связи с приобретением независимости формы документов государственного образца о начальном и среднем профессиональном образовании определяются республиканским государственным органом управления образования Республики Таджикистан и утверждаются Правительством Республики Таджикистан.
***Ключевые слова:*** *приобретение , профессионально , управления , утверждение.*

## *INITIAL AND SECONDARY PROFESSIONAL EDUCATION IN THE YEARS OF INDEPENDENCE*

***D. MAHKAMOV***

In connection with the acquisition of the primary and secondary professional education of Independence form of state documents determined by republican state education authorities of the Republic of Tajikistan and the Republic of Tajikistan approved by the Government.
***Keywords****: acquisition, professional, management, approval.*

## ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ - УСУЛИ НАВ ДАР ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***А. БУТАЕВ***
***Ходими илмии ПРМ ба номи А.Ҷомии***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

***Г. ЗИЁЗОДА***
***Ходими илмии ПРМ ба номи А.Ҷомии***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

Фанни тарбияи ҷисмонӣ дар зинаи ибтидоии таълим комилан фанни махсусест, ки ба моҳияти сиҳатию солимӣ, психологӣ ва иҷтимоии хонанда дахолат мекунад. Шакли нави таълим, яъне низоми таълими салоҳиятнок, ки марҳила ба марҳила гузаронида мешавад, имсол дар синфҳои ибтидоӣ аз соли нави таҳсил оғоз гардид. Дар ҷараёни машғулият ба мо равшан гардид, ки дар таълими салоҳиятнокӣ бештар хонандагон ба дарки мақсади мавзӯи пешниҳодшуда, хатоҳо ва роҳҳои ислоҳи онҳо сафарбар карда мешаванд. Яъне хонанда батадриҷ мавзӯъро пурра омӯхта, хулосабарорӣ карда метавонад.

Дар низоми нави таълими бо салоҳият диққати асосӣ ба ташаккули дониш, малака ва маҳорати амалӣ равона гардида, тавассути он хонандагон метавонанд, маводи супоридашударо ба таври зарурӣ аз худ намоянд.

Дар таълими салоҳиятнок зиёдтар ба муносибати амалӣ такя карда, дар иҷрои машқҳо зимни таълим ба чунин саволҳо ҷавоб ёфтан мумкин аст:

- Хонандагон дар иҷрои машқҳои варзишии пешниҳодшудаба кадом душвориҳо дучор мегарданд?

-Хонандагон бояд кадом машқҳои ҷисмониро иҷро намоянд?

Машқҳои ҷисмонӣ на танҳо ҳаракатро суръат мебахшанд балки шахсиятро ба низом медароранд. Хонандагон нисбат ба дигар фанҳо дар дарси тарбияи ҷисмонӣ дониш, малака ва маҳоратҳои ҳаётиро збештар фаро мегиранд.

Омӯзгори ботаҷриба на танҳо ба хонанда дуруст ҳаракат кардан ва ба ҷо овардани машқҳои пайиҳами варзишӣ, қонунҳои риёзӣ, физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣро меомӯзад, балки ҳамзамон қобилияти кории ӯро муайян намуда, тавасути машқҳои ҷисмонӣ пайваста дар ҳолати хуб нигоҳ доштани ҷисмро меомӯзонад.

Маҳз омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ бояд принсипҳои ташкили тарзи ҳаёти солимро дар ҳаёти хонандагон, дар муассисаи таълимӣ ҷорӣ созад, нигоҳдорӣ ва мустаҳкамкунии саломатии онҳоро назорат намуда, бартараф сохтани камбудиҳои инкишофи ҷисмонӣ, эҳсоси ва муносибати бошууронаро нисбат ба ҳифзи ба ҷисму саломатӣ таъмин намояд.

Тавонии рӯҳию ҷисмонӣ аз саломатии фард вобаста буда, тавассути машғулиятҳои ҷисмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз зинаи ибтидоӣ мавриди назар қарор дода мешавад. Саломатии ҷисмонии фад саломатии хонавода ҷомеа, боигарии асосии давлат маҳсуб мешавад. Зинаи ибтидоии таълим марҳилаест, ки хонанда ба ҷаҳони илму маърифат ворид мешавад ва тарбияи бадан муҳимтарин олимест, ки дарки маънавии кӯдакро тақвият мебошад. Истифодаи дурусти обу ҳавою офтоб низ дар робита бо тарбияи бадан мӯҷиби солимию бардамӣ дониста мешавад.

Бо назардошти асосҳои мазкур мақсади омӯзиши таълими салоҳиятноки фанни тарбияи ҷисмонӣ дар марҳилаи таълими ибтидоӣ ба ташаккули шахсият, дарёфти қобилиятҳои фардӣ, инкишофи сифатҳои эҷодӣ ва интихоби тарзи ҳаёти солим нигаронида мешавад.

Инчунин ҳангоми таълим омӯзгор бояд ин нишондодҳоро риоя кунад:

- ташаккули дониши хонандагон оид ба асосҳои фарҳангӣ, таърихи физиологии тарбияи бадан;
- омӯзиши ҳаракатҳои озод ва таъсири бошууронаи машқҳои ҷисмонӣ;
- тавсияи хотираи ҳаракат тавассути ҳаракатҳои қаблан омӯхташуда ва аз худ намудани ҳаракатҳои нав;
- инкишофи маҳорати нигоҳдории дурусти қомат ва низоми ҳаракат;
- ташаккули маҳорат ва фароҳам овардани шароит барои мустақилона машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ.

- донистани асосҳои фаъолияти ҷисми инсон;
- тарзи ҳаёти солим (фаҳмиши гигиенаи шахсӣ, ғизои солим);
- риояи реҷаи дурусти фаъолияти ҷисмонӣ;
- донистани қоидаи бозиҳои серҳаракат, тасмимгирии зарурӣ дар рафти бозӣ;
- доштани тасаввурот дар бораи асосҳои тарбияи ҷисмонӣ, роҳҳои обутоби ҷисм, пешгирии каҷшавии қаду қомат, роҳҳои танзим ва назорат кардани худ;
- иҷрои машқҳои ҷисмонӣ мутобиқи меъёрҳои маъмул;
- риояи реҷаи рӯз ва риоя намудани доштани тарзи ҳаёти солим;
- доштани малака ва маҳоратҳои зарурии обутоби ҷисм;
- қобиляти гузаронидани машғулиятҳои обутоби ҷисм.

Омӯзиши фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» тавасути методҳои зерин сурат мегирад:

**Сохторӣ:** назариявӣ, аудиовизуалӣ.

**Амалӣ:** машқ, такрор, ҳифзкунӣ, риояи қоидаҳои бехатарӣ ва арзишҳо.

**Усули фаъол:** мустақим, пай дар пай, иртиботӣ, алоқамандкунӣ, машқ, мустақил, талқин, табиӣ, ҳавасмандкунӣ, нақл, суҳбат, ҷустуҷӯ, мусобиқа, мубоҳиса.

Асоси таъминоти пурраи методӣ ва иттилоотии таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»- ро васоити омӯзишие ташкил медиҳанд, ки дар ҷузъи ҷараёни омӯзишу парвариш мавқеи муҳим доранд. Вазифаҳои таълимию тарбиявии васоити таълим ҳамчун ҷузъи раванди таълиму тарбия аз инҳо иборатанд:

- Баланд бардоштани сатҳи аёният, инчунин дастрасии маводи таълим ба хонанда, ки бе истифодаи васоити таълим душвор аст;
- Ҳосил намудани қаноатмандии ҳар чӣ бештар аз рушди фаъолияти маърифатии хонандагон;
- Пайдо намудани манбаъҳои иттилоотие, ки ба сарфа намудани вақти асосӣ мусоидат менамоянд ва ба ин васила барои машқ кардан шароит фароҳам меоранд;
- Истифодаи васоити идораи фаъолияти маърифатии донишомӯзон аз тарафи омӯзгорону мураббиён;

Интихоб ва истифодаи васоити таълим ба таври якҷоя бо назардошти хусусият ва ҷузъиёти ҷараёни таълим амалӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷати асосӣ барои коркарди пурраи таъминоти методӣ ва иттилоотии фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» барномаи таълимӣ ба шумор меравад, ки мазмуни ҷараёни таълимро мувофиқи талаботи истеҳсолоти имрӯза, пешрафти илмию техникӣ нисбат ба тайёр намудани мутахассисони баландпоя муайян мекунад.

Маҷмӯи васоити таълим бояд мазмуни асосии маводи барномаро комилан фаро бигирад. Таъмини пурраи методиву иттилоотӣ ҳаминро дар назар дорад, ки омӯзиши ҳар як мавзӯи барномаи таълимӣ бояд бо васоиту таҷҳизоти зарурии таълим анҷом дода шавад.

Тақвияти методии ҷараёни омӯзишу парвариш бо назардошти афзалиятҳои тарбиявӣ ва ҳолатҳои таълимӣ интихоби васоити муносиби омӯзишро пешниҳод менамояд.

Муносибати зарурии таъминоти методиву иттилоотии ҷараёни омӯзиши фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» тақозо дорад, ки васоити таълим, фаъолияти омӯзандагии омӯзгор ва фаъолияти омӯзишиву маърифатии хонандаро дар зинаи якуми таҳсилот дар ҷараёни таълиму тарбия, ҳангоми шиносоӣ бо маводи омӯхташаванда, машқ, мустаҳкамкунӣ, такмили малакаю маҳорат ва ҳангоми иҷрою назорати онҳо таъмин намояд.

Раванди омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ чор вазифаи асосӣ - таълим, тарбия, машқ ва инкишофро дар бар мегирад. Таъмини пурраи методиву иттилоотии раванди таълиму тарбия ҳангоми омӯзиши фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» истифодаи самараноки ҳама гуна вазифаҳои васоити таълимро дар назар дорад.

Системаи таъминоти методиву иттилоотии фан иборат аст аз:

- ***Асноди таълимӣ:*** нақшаи таълим, барномаи таълим, маҷмӯи нақшаҳои оянда, нақшаи ҳафта, нақшаи тақвимӣ, нақшаи дарсҳо, китоби дарсӣ, васоити аёнии ёрирасон ва феҳристи адабиёти иловагии зарурӣ.
- ***Васоити таълимӣ барои донишомӯз:*** китоби дарсӣ, дастури омӯзиш, роҳнамо, маҷмӯаи тавсияномаҳо барои кори мустақилона ва роҳнамо барои иҷрои машқҳои амалӣ.
- ***Васоити таълим барои дарс:*** маводи аёнии табиӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти варзишӣ, дастгоҳи барномарезии таълим.
- ***Васоит барои омӯзгор:*** усули хусусии таълими фан, коркарди методии мавзӯъҳои барнома ва машқи ҳар як намуди варзиш.

Вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шавқу завқи хонандагон таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» имконият медиҳад, ки хонандагон дорои салоҳиятҳои ибтидоии варзишӣ гарданд, онҳо дар мавридҳои зарурӣ истифода баранд.

Босифату самаранок сурат гирифтани машғулияти фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ва дараҷаи баланди азхуднамоии мавзӯъ аз тарафи хонандагон ба ҳамаҷониба омодагӣ гирифтани омӯзгор ба дарс вобастагии зиёд дорад.

Барои ба дарс тайёрӣ дидан омӯзгори фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» вазифадор аст:

- мавзӯи дарсро аниқ карда, мақсад ва усули таълимро муайян намояд:
- саволҳои таълимиро оид ба мавзӯъ тартиб диҳад:
- аёнияту таҷҳизоти варзиширо оид ба мавзӯъ интихоб намояд;
- ҷойи баргузор намудани машғулиятро муайян намояд;
- нақша-конспекти дарсро тартиб диҳад;
- амалҳоеро, ки ба хонандагон меомӯзад, пеш аз дарс машқ кунад;
- дар ҳолати зарурӣ бо сардорони синфҳо машғулияти дастурдиҳӣ гузаронад.

Дар нақша - конспект омӯзгор бояд мақсади таълимию тарбиявиро вобаста ба мавзӯъ муайян карда, усули таълим, саволҳои таълимӣ, вақт, ҷойи машғулият, аёният ва равиши дарсро пурра тартиб дода, ба хонандагон бояд чиро омӯзад, бо чӣ онҳоро шинос намояд ва иҷрои кадом амалҳои варзиширо аз онҳо талаб мекунад, нишон диҳад.

Оид ба мавзӯи ҳар як дарс омӯзгор бояд ба хонандагон рӯйхати адабиёти иловагӣ ва дастурҳои ёрирасонро пешниҳод кунад.

Пеш аз ҳар як машқе, ки омӯзгор ба шогирдон меомӯзад, бояд ба тариқи инфиродӣ машқ намояд ва ин амалҳоро дар сатҳи касбӣ ба шогирдон нишон диҳад, махсусан иҷрои амрҳо ҳангоми машғулияти амалии машқи саф ва ғайра.

Таҳияи нақшаи машғулият муҳимтарин амали омӯзгор дар роҳи муваффақ шудан ба комёбиҳост. Дарс саҳнаест, ки омӯзгор дар он нақш мебозад, бинобар ин омодагии қаблӣ калидест барои муваффақ шудан ба мақсади дарс.

Омӯзгор бояд нақшаи машғулиятҳоро вобаста ба талаботи усули таълими фан таҳия карда, одоби муошират ҳангоми машқ, риояи этикаи варзишӣ ва талаботи амрҳоро пурра ба хонандагон фаҳмонад ва аз машғулияти муқаддимавӣ риояи онҳоро қатъӣ талаб намояд.

Шиносоии хонандагон бо фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» аз машғулияти муқаддимавӣ шурӯъ мешавад ва тавре онро баргузор бояд намуд, ки ҳисси интихоби тарзи ҳаёти солим дар хонандагон бедор гардида, ба омӯзиши фан

мароқи хосса зоҳир намоянд. Муаррифии фан аз омӯзгор маҳорати баланди касбиро талаб мекунад, зеро таълими фан хусусиятҳои хосси педагогӣ, равонӣ ва интихоби тарзи ҳаёти солимро дорост.

Гузоришдиҳӣ дар дарси «Тарбияи ҷисмонӣ» ҳамчун лаҳзаи муҳим ба ҳолати рӯҳӣ ва некандешии шахсӣ таъсири хубе дошта, хонандагонро ба иҷрои дурусти амалҳои машқи варзишӣ ҳидоят мекунад.

Дуруст ташкил намудани машғулиятҳои фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад мӯҷиби самаранок сурат гирифтани тарбия, баланд бардоштани маърифати варзишии хонандагон, солимию болидарӯҳии онҳо ва интихоби тарзи ҳаёти солим гардад.

Агар кори тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ин самтҳо дуруст ба роҳ монда шавад, инчунин кулли омӯзгорон ҳангоми таълими ин фан ба низоми салоҳиятнок такя кунанд, бо боварии комил гуфта метавонем, ки таълим натиҷаи хуб медиҳад ва талабагон ба роҳи дурусти интихобшуда ҳидоят дода мешаванд.

**КИТОБНОМА:**


1. Турсунов Н. Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар синфи 2, Душанбе, 1985 -96 с.
2. Губанова Л.А. Бозиҳои варзишӣ барои ҳар рӯз. – Душанбе, 2005.-71.
3. Губанова Л.А. Қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ.- Душанбе, 2007. -22с.
4. Губанова Л.А. Меъёрҳои таълимӣ оид ба азхуднамоии малака, маҳорат ва рушди сифатҳои ҳаракат. Паёми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 1997, 69 с.
5. Сафаров Ш. А., Губанова Л. А. Китобҳои дарсӣ, Синфи 1 – 4 Душанбе, 2009 – 158 с.


## КОМПЕТЕНТНОЕ ОБУЧЕНИЕ – НОВЫЙ МЕТОД В ПРЕПОДАВАНИИ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ


***А. БУТАЕВ***
***Г. ЗИЁЗОДА***



В статье говорится об использовании метода компетентного обучения в начальных классах по предмету физической культуры. Авторы считают, что этот метод способствует глубокому изучению материала, полному усвоению цели программы изучения, так как при компетентном обучении главное внимание ученика акцентируется на знание, умение и навыки.



***Ключевые слова:*** *компетентность, изучение, умение, преподаватель, программа, гимнастика, труд, спорт.*


## COMPETENT TRAINING - NEW METHOD IN TEACHING PHYSICAL EDUCATION


***A. BUTAEV***

***G. ZIOZODA***

The article refers to the use of the method of the competent training in initial classes on the subject of physical education. The authors believe that this technique contributes to a deep study of the material, the complete assimilation of learning objectives of the program, since the competent training main emphasis is placed on student knowledge and skills.

***Keywords:*** *competence, learning, skills, teacher, program, exercises, work and sports*

## ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИЗМЕНЕНИЯ ВРЕМЕНИ ДЛЯ ДАЧИ ДОМАШНЕГОЗАДАНИЯ СТУДЕНТАМ

***М. УРУНОВА***
***старший преподаватель кафедры языков***
***ТТУ им. академика М. С. Осими***

***Т. НАСРИДДИНОВ***
***старший преподаватель кафедры языков***
***ТТУ им. академика М. С. Осими***

В данной статье рассматривается попытки раскрыть основные причины несерьёзного отношения к предмету, игнорирования и не выполнения студентами домашнего задания по иностранному языку. Также приводятся результаты исследования, где указаны причины данной проблемы, которые имеют больше психолого-возрастные характеры.

**Ключевые слова:** выполнение домашнегозадания, интерес студента к изучению языка, проверка домашнего задания, планирование урока.

Многие преподаватели жалуются, что очень мало студентов выполняют свои домашние задания регулярно. Некоторые преподаватели говорят, что студенты видимо, отказываются, игнорируют или забывают выполнять свои домашние задания. Другие говорят, что студенты либо напряжены или загружены другими работами, и они слишком устают и не могут справляться со всеми своими обязанностями особенно те, которые, не могут сосредоточиться во время выполнения домашнего задания.

Как достигнуть того, чтобы студенты систематически занимались иностранным языком и уделяли на его изучение больше времени? При добросовестном отношении к делу, студент затрачивает дома примерно полтора часа в неделю на иностранный язык. Мы, преподаватели, должны стремится к тому, чтобы это время использовалось предельно рационально, для чего необходимо тщательно продумать каждое отдельное задание и всё домашнее задание в целом. Прежде чем предложить какую-либо домашнюю работу, преподаватель обязательно должен хорошо уяснить себе такие вопросы: какую цель это задание преследует, может ли оно заинтересовать студента, посильна ли оно по сложности, сколько времени затратит студент на выполнение. Прежде всегопреподавателю необходимо с первого урока стремиться к тому, чтобы студенты всегда выполняли домашнее задание. Каждый преподаватель располагает приемами и методами, которые помогают ему. На проверку домашнего задания затрачивается различное количество времени, в зависимости от объема задания, его цели и т.п.[с.34, 1].

Будем говорит о ежедневном расписаниигруппы. Что могут делать преподаватели чтобы повысить интерес студентов для выполнения домашнего задания? Этот вопрос направляет преподавателей провести некоторые изменения в выполнении по предмету (по теме). После нескольких лет работы преподаватели пришли к выводу со следующим данными:

----64% задают домашнее задание каждый день.

----60% задают домашнее задание в конце урока.

----39% проверяют домашнее задание в начале урока.

----40% не имеют систематический способа дачи количества домашнего задания.

----36% задают всего одно задание.[с.56, 5].

Сеюмин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам НБО- и ба номи Симон Боливари Венесуэла. Ин нерӯгоҳ, ки онро «Гури» низ меноманд, дар штати Боливари Венесуэла, дар дарёи Карона, дар масофаи 100 километр пеш аз ба дарёи Ориноко ҳамроҳ шудани он, бунёд ёфтааст. Сохтмони нерӯгоҳ соли 1963 оғоз ёфта буд. Соли 2000 –уми он таҷдид гардид.

Чорумин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам НБО – и Тукуруй дар дарёи Токантинси Бразилия мебошад, ки 8,30 МВт иқтидор дорад. Новобаста аз он ки НБО-и Тукуруй нисбат ба НБО-и Черчилл-Фолс пуриқтидортар аст, дар ин ҷо ҳар сол ба ҳисоби миёна 21 млрд. кВт.соат барқ истеҳсол карда мешавад.[15]

Панҷумин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам НБО-и «Гранд Кули» мебошад, ки дар Америкаи Шимолӣ сохта шудааст. Он калонтарин дар ИМА ба шумор меравад. Сохтмони ин иншоот соли 1942 ба анҷом расида, баъдтар солҳои 80-и асри гузашта таҷдид ёфтааст. Иқтидори он 6809 МВт буда, соле 20 миллиард кВт. Соат қувваи барқ истеҳсол менамояд.

Шашумин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам ва бузургтарин дар Россия тулии 18 сол сохта шудааст. Бунёди он соли 1970 оғоз ёфта; соли 1988 ба анҷом расид. Тақрибан 75 дарсади нерӯи барқи дар ин нерӯгоҳ истеҳсол мешударо заводи алюминии Саяногорский истифода мебарад НБО-и Саяно-Шушенск,ба номи П.С.Непорожный мебошад. Иқтидори он 6,40 МВт-ро ташкил медиҳад. Ин нерӯгоҳ дар дарёи Енисей, наздикии шаҳри Саянгорскийи Хакасия сохта шудааст. Дар соли 2009 дар НБО-и Саяно-Шушенск садамаи калоне рӯй дод. 17 август, соати 8:13 - 8:15 вақти маҳаллӣ агрегати 2-и нерӯгоҳ ба таври садамавӣ аз кор баромад ва зали агрегатҳо таги об монд. Ба замми ин, агрегатҳои 7-ум ва 9-ум низ зарари ҷиддӣ диданд.[16] Як қисми толори агрегатҳо фурӯ рафт ва аз ин агрегатҳои 3,4ва 5-ум осеби техникӣ диданд.75 нафар кормандон қурбон шуданд.[17] Соли 2011 НБО аз нав пурра барқарор шуд.

Ҳафтумин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам НБО-и Красноярск, дар дарёи Енисей аст, ки 40 километр дуртар аз шаҳри Красноярск бунёд ёфтааст. Сохтмони он соли 1956 оғоз ёфта, соли 1971 анҷом ёфтааст. Иқтидораш 6000 МВт буда, соле то 20,5 миллиард кВт.соат нерӯи барқ истеҳсол менамояд.[18]

---

[14] https://ru.wikipedia.org/wiki.
[15] https://ru.wikipedia.org/wiki/Тукуруи_ГЭС
[16] https://ru.wikipedia.org/wiki.
[17] Нерӯ//№3(30) соли 2012.С 17.
[18] https://ru.wikipedia.org/wiki.

Ҳаштумин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам Черчилл-Фолс нерӯгоҳи дериватсионнии дар дарёи ба номи Черчилл, дар музофотҳои Нью-фаундленд ва Лабрадори Канада бунёд ёфта, ба шумор меравад, ки 5,43 МВт иқтидор дорад. НБО дар ҷои шаршараи Черчилл, ки 75 метр баландӣ дорад, бунёд ёфтааст. Ҳам дарё, ҳам шаршара ва ҳам нерӯгоҳба шарафи сарвазири собиқи Британияи Кабир У. Черчилл номгузорӣ шудааст.[19] Нерӯгоҳи барқи обии Черчилл-Фролс ҳар сол ба ҳисоби миёна 35 миллиард кВт.соат барқ истеҳсол менамояд.

Нӯҳумин Нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам НБО-и Братск, ба номи 50 солагии Октябри Кабир мебошад, ки дар дарёи Ангара, дар наздикии шаҳри Братски вилояти Иркутск бунёд ёфтааст. Сохтмони он соли 1954 оғоз ёфта, соли 1966 анҷом ёфтааст. Иқтидори нерӯгоҳ4515 МВТ-ро ташкил дода, соле то 22,6 миллиард кВт.соат барқ истеҳсол менамояд.[20] Зиёда аз 75 дарсади барқи нерӯгоҳ дар заводи алюминии Братск истифода мегардад.

Даҳумин нерӯгоҳи барқи обии калонтарини олам НБО-и Усть-Илимск, ки дар дарёи Ангара, дар вилояти Иркутск бунёд ёфтааст, ба шумор меравад. Сохтмони он соли 1963 оғоз ёфта, соли 1979 ба анҷом расидааст. Иқтидораш 3840 МВт буда, соле то 21,7 миллиард кВт, соат нерӯи барқ истеҳсол менамояд.[21]

Тоҷикистон агар аз рӯйи масоҳат дар ҷаҳон ҷои 85 – умро ишғол кунад ҳам, аз рӯйи захираҳои умумии имконпазири барқии энергетикӣ дар ҷаҳон ҷои 8 – ум ва аз рӯи иқтидор дар олам ҷои 22-юмро ишғол менамояд. НОБ-и Норак дар Иттиҳоди давлатҳои Мустақил ҷои 2-юмро ишғол менамояд. НОБ-и Норак дар дарёи вахш бунёд ёфта сохтмони он соли 1961 оғоз гардида, соли 1979 ба охир расидааст. Ин нерӯгоҳ дорои 9 агрегат буда, то соли 2013 2700 МВт қувваи барқ истеҳсол менамуд. Баъди азнавсозӣ аз тарафи мутахассисони Ҳинду Тоҷикистон тавоноии он ба 3000 МВт расонида шуд.

**КИТОБНОМА:**


1. Нерӯ//№3(30) соли 2012.С 16.
2. Нерӯ//№3(30) соли 2012.С 17.
3. Ҷумхурият. Душанбе, 31 октябри соли 2016.№216 (23038)
4. https://ru.wikipedia.org/wiki/Три_ущелья_(электростанция).
5. https://ru.wikipedia.org/wiki.
6. https://ru.wikipedia.org/wiki/Тукуруи_ГЭС
7. https://ru.wikipedia.org/wiki.
8. Нерӯ//№3(30) соли 2012.С 17.
9. https://ru.wikipedia.org/wiki.
10. https://ru.wikipedia.org/wiki/Черчилл-Фолс_(ГЭС)
11. https://ru.wikipedia.org/wiki/Братская_ГЭС
12. https://ru.wikipedia.org/wiki/Усть-Илимская_ГЭС


[19] https://ru.wikipedia.org/wiki/Черчилл-Фолс_(ГЭС)
[20] https://ru.wikipedia.org/wiki/Братская_ГЭС
[21] https://ru.wikipedia.org/wiki/Усть-Илимская_ГЭС

## ИЗ ИСТОРИИ ПРИСХОЖДЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ В МИРЕ

*А. ХОЛОВ*

В статье говорится об истории развития великой гидроэнергетики и их мощности. Также автор говорит о развитии энергетической мощности в Республике Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *новостроение, энергетика, мощность, Таджикистан, гидроэнергетика, потенциал.*

## FROM HISTORY AND DEVELOPMENT OF HYDROPOWER AT THE WORLD

*A. HOLOV*

In article says about history and develop of the great hydropower and their power. Also the author says about develop of hydropower in republic of Tajikistan.

***Key words:*** *new building, energetic, power, Tajikistan, hydropower, potential.*

## НАРКОТИЗМ ВА АНТИНАРКОТИЗМ

***И. НАЗАРОВА***
***унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи А. Ҷомии АТТ***

Наркотизм: мафҳум ва муҳити зуҳури он.

Сифати баланди кори мубориза алорағми наркотизм ба гузоришу ҳалли бисёр масъалаҳо вобаста аст. Яке аз масъалаҳои асоситаринаш бехато муайян кардани шоҳидон ва нишон додани сарҳади асосноккардашудаи наркотизм мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат барои муайян намудани нуқтаи назар, ҷанбаҳо ва мувофиқи зуҳури он вобаста аст.

Ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон ва табибон барҳақ се ҷанбаи асосии наркотизмро қайд мекунанд: иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва тиббӣ. Ин ҷанбаҳо бо ҳам алоқаманд ва вобастаи якдигаранд.

Заҳмати мазкур барои боз ҳам чуқуртар омӯхтани ҷанбаҳои ҷиноӣ – ҳуқуқӣ, қисман криминалогӣ ва ташкилӣ бахшида шудааст. Барои инъикос намудани ин ва дигар ҷанбаҳо, яъне бо ҳама рангорангиаш нишон додани зуҳурот, мафҳуми «нашъаманди» кифоя намекунад. Зеро вай фақат тарафи биологи масъаларо ифода менамояд. Нашъамандӣ аз мавқеи тиб маҳз беморӣ ҳисоб ёфта, ҷанбаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ ба ҷои калимаи «нашъаманди», ки маънои нисбатан маҳдуд дорад, калимаи «наркотизм» - ро истифода мебарад, ки маънои бештареро ифода менамояд ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва дигарро низ худ меғунҷонад. Масалан, зери мафҳуми наркотизм «ҳодисаи сирф иҷтимоӣ» фаҳмида мешавад, ки «маҷмӯи амалҳои зиддиҳуқуқии барои ҷаъмият хатарнок»-ро ифода мекунанд. Ин чиз «дар истифода бурдани воситаҳои нашадор бе тавсияи табибон, хариду фурӯши

ғайриқонуни онҳо, дигар ашхосро ба қабули ғайритиббии он ҷалб намудан, муҳайё намудани шароит барои савдои ғайриқонунии онҳо» акс меёбад.

Таърифи мазкурро ба сифати раҳнамо иқтибос оварда, дар назди худ вазифа намегузорем, ки онро муфассал ва ҳаматарафа таҳлил намоему бо муаллифонаш дар баҳс бошем. Таъкид мекунем, ки вай аз як ҷиҳат умуман қобили қабул аст, зеро қисмати асосии моҳияти наркотизмро инъикос менамояд ва барои ифодаи хусусиятҳои асосии моҳиятҳои он метавонад истифода гардид, вале аз тарафи дигар дар ин таъриф ҷанбаҳои биологии масъала ба эътибор гирифта нашудааст ва низ ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ акс наёфтаанд.

Дар зимни он, ба назари мо, зарур мебошад, ки таърифи ниҳоӣ, пурра, тамоми ҷанбаҳои масъаларо фарогирандаи наркотизмро бояд дод. Зеро, якум, ин чиз ҳамаи ҷузъиёти зуҳуроти мазкурро равшан месозад ва дар бораи чораҳои мубориза алорағми он як тасаввурот ҳосил мекунонад, ҳамчунин роҳнамое мешавад, дуюм, барои қабул кардану дар амал татбиқ намудани барномаи давлатии барҳам додани наркотизм ба сифати бурҳони қотеъ хидмат менамояд.

Омӯхтани зуҳуроти мазкур нишон медиҳад, ки ба наркотизм ҷанбаҷои иҷтимоӣ, ҳуқуқ, криминологӣ, иқтисодӣ, биологӣ ва экологӣ хосанд. Муҳити зуҳур кардани наркотизм бо ҳамин ҷанбаҳо мувофиқ меояд.

Ҷанбаи иҷтимоии наркотизмро дар шакли фишурда ҳамчун маҷмӯи зуҳуроти номатлуби иҷтимоии бо воситаҳои нашъадор алоқаманд ва оқибатҳои иҷтимоии он дар шакли зарари аниқ ё эҳтимолии ба муносибатҳои ҷамъиятӣ расонида шуда тавсиф кардан мумкин аст.

Таҳқиқи гурӯҳи асосии элементҳои иҷтимоии наркотизм ва оқибати иҷтимоии ин падида нишон медиҳад, ки ин ҷабҳа басе гуногунпаҳлӯст, баъзе тарафҳояш тадқиқи махсуси илмиро тақозо менамоянд.Худи зуҳури номатлуби иҷтимоии наркотизм дар силсилаи корҳое ифода меёбад, 72 акти воситаҳои нашъадор алоқаманд аст. Масалан, парвариши набототи нашъадор, тайёр кардан, ба даст овардан, нигоҳ доштан, фурӯхтан, истеъмоли нашъа, даъват ё майл кунонидан ба истеъмоли он ва ғ.

Оқибатҳои нобатлуби иҷтимои наркотизм ҳамранги оқибатҳои иҷтимоиигиноятткорӣ мебошад. Тахти ин мафҳум чӣ чиз фаҳмида мешавад?- “зарари воқеӣ ба муносибатҳои ҷамъияти дар ҳамбастагии кирдори ҷинояткоронаи мустақим, ғайримустақим, бевоситаю бавосита бо тағиротҳои манфӣ(зарар, талафот,маҳрумият, камомад ва ғ) ифода меёбад. Ҳамаи ин ахиран бо арзишҳои иҷтимоӣ (иқтисодӣ, ахлоқи,ҳуқуқӣ ва ғ.)ҳамчунин бо хароҷотҳои иқтисодӣ ва дигар хароҷотҳо мубтало месозад, ки барои муборизаи зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии иҷтимоии ҷиноят сарф мешавад.”

Аз ин таърифоти оқибати номатлуби иҷтимоии наркотизм ба ду чиз бояд иқрор шуд: якум, ба маҷмӯи ҳамаи тағиротҳои номатлуби иҷтимоии аз наркотизм беруноянда, дуюм, ба сарфи хароҷоти ҷамъияти барои бартараф намудани он. Ба ин падидаи номатлуби ҷамъияти, ки наркотизм офаридааст, дар криминалогия чун ба зараре, ки ба сиҳатии мардум расонида мешавад, чун ба футур рафтани оилаҳо, паст шудани ҳосилноки меҳнат, пайдоиши танбалӣ ва ҳар 72акти кирдору ҷиноят муносибат мекунанд.

Агар боз ҳам муфассалтар тавсир кунем, ҳодисоти номатлуби зикршуда аз инҳо иборат хоҳад буд, фаъолияти бади меҳнатии нашъамандон, ки сабабаш ҳолати ғайриқаноатбахши ҷисмонии эшон аст: таваҷҷӯҳи асосии нашъамандон ба нашъа, ки фикру зикри онҳо ба ҷӯстуҷӯи он равона мебошад: зарари моддӣ, ки ба ҷамъият нашъамандӣ ҳамчун сарчашмаи бадбахтиҳо дар наклиёт, дар истеҳсолоти ҷаъмиятӣ мерасонад, масъалан, дар ИМА 73 акти 60 млрд долларо ташкил медиҳад; зарари маънавӣ, ки ба ҷамъияти наъшамандон тавассути ҳаракатҳои хилофи ҳуқуқ мерасонанд; омода будани эъшон ба ҳаргуна ҷиноят содир намудан, то ки воситаҳоро пайдо намоянд, масалан, сохтакори дар вазифа, харҷҳои гуногун, суистифода аз мансаб ва ғ; ташкил додани шароити тоқат фарсо дар оила аз ҷониби худи наъшамандон, ки оиларо аз зиндагии муътадил маҳрум месозад; зарар ба насл тавассути ирсият, ки ба фарзанд вогузошта мешавад; завол ёфтани ҳолати ҷисмонию руҳонию наъшамандон; марги бемаҳали онҳо; арзишҳои ахлокию маънавии худро барбод додани эъшон аст.

Экспертҳои Кумитаҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии ҳифзи сиҳатӣ миёни омилҳои асосие, ки хатари иҷтимоҳи ва оқибати номатлуби наркотизмро ифода менамоянд, ду гурӯҳро қайд кардаанд; вайрон шудани муносибати шахсии истеҳмолкунандаи нашъа ва фаро гирифтани оқибатҳои нохуши онмардумони дигарро.

Ба мисоли масоили хоси иҷтимои, ки ба суистеъмоли нашъа вобаста аст, намояндагони ТУҲС талафоти бузурги моддӣ ва натиҷаҳои онро дар шакли зарари табиаташ гуногун дохил намудаанд, ки бе восита ба мардуми наздики нашъаманд (волидайн, аҳли таълим ва ғ), умуман ба ҷамъият расонида мешавад; вайрон шудани муносибати байни корхонаҳои расмию ташкилотҳо, таълимгоҳо ва аҳли меҳнат ва ғ; мубтало шудани истемолкунандаҳои нашъа ба амали ҷинои, барои ба даст овардани воситаҳои нашъадор ё воситаҳое, ки ба ин чиз мусоҳибат мекунанд, ҳамчунин зери таъсири воситаҳои нашъадор вомонда ҷиноят содир мекунанд, дархости иловагӣ ба кӯмаки иҷтимоӣ ва хидмати тибби аз ҷониби ашхосе, ки нашъаро бо усули ғайри тибби истеъмол намудаанд ва харҷе ки барои ин қабил нашъамандону ҷаъмият карда хоҳад шуд; хатари истеъмолкунандагони нашъа ба атрофиёни худ ба сифати паҳнкунанда.

Ба замми муйян карда шудани ҳолатҳои қайд шуда аз ҷониби мо чунин соҳаҳои муҳити иҷтимоии низ зикр карда шудаанд: фарҳангии ғоявӣ, ҳимояи ҳуқуқ, табобатию пешгирикуни, мехнати – истеъсолӣ ва таълимӣ, фароғати оилави моддии захиравӣ. Ин соҳаро нашъаманди фалаҷ мекунад ва ба ҳар кадоми ин соҳаҳо таъсири муайяни номатлуб ва натиҷаи нохуши иҷтимои мерасонад. Ин зуҳуроти натоиҷ дар соҳаи фарҳанги ғоявӣ, масалан, дар ташкил кардани тарғиби таълимоти хоси нашъаманди зоҳир мешаванд, дар соҳаи ҳуқӯқи дар афзудани миқдори ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳои бо нашъаманди алоқадор, дар соҳаи табобати – пешгирикуни дар баъд шудани сиҳатии худи нашъамандон ва насли маъюб, ки аз эшон ба дунё мояд, дар соҳаи истеъсоли – меҳнати ва таълими дар пас шудани ҳосилнокии меҳнат дар истеҳсолот ва дарсгурези дар таълмгоҳо, афзудани ҳаргуна ҳодисоти маъюб шудан дар коргоҳ, вайрон шудани муносибати нашъамандон дар истеъсолоту таълимгоҳо, дар соҳаи фароғати оилави дар бад шудани ҳисси ҳамдигарфаҳми ва ғамхори кардан ба якдигар дар оила,

барҳамхурдани муносибати нек дар оила, дар соҳаи моддию-захиравӣ, дар истифодаи маблағу 74акт фаровонии ҷамъият барои бунёди мактабҳои махсуси ёридиҳанда, табобатгоҳҳои меҳнати, шуъбаҳои наркологи дар муассисоти тибби, марказҳои барқароркунии сиҳати ва дидани дигар чораҳо ба хотири мубориза бурдан бо нашъаманди зоҳир мешавад ва ғ.

Вазияти маскурро ки ҷанбаи иҷтимоҳи нашъамандиро ифода мекунанд, ҷанбаст ва хулоса намуда, инчунин мақарар метавон кард: нашъаманди, аз як тараф, ба соҳаи мухталифи муҳити иҷтимоҳи таъсири номатлуб мерасонад. Аз тарафи дигар, хатари ҷамъиятии вай дар шакли гуногун – ҷисмони, модди ахлоқи ифода меёбад. Инхатар нахуст тавассути паҳну парешон намудани бангдонаҳо ва барои парвариши онҳо ашхоси нав ба навро ҷалб кардан, дуюм, тавассути ҷиноятҳое, ки бавоситаҳои нашъадор вобастаанд, сеюм, тавассути ҷиноятҳое, ки барои ба даст овардани воситаҳо ба хотири минбаъд дарёфт кардани воситаҳои нашъадор содир мешаванд, чорум, тавассути ҷиноятҳое, ки дар ҳолати мадҳушии нашъаманди содир шудаанд, панҷум, ба сабаби сарфи қувваи ҷамъият барзидди нашъаманди ифода меёбад.

Ҷанбаи ҳуқуқии нашъамандӣ аз он иборат аст, ки қисмати иҷтимоиро ба ҳуқуқ ба танзим дарорад, инъикос, ифода ва мустақам тавонад. Муҳити асосии зуҳури ҷанбаи ҳуқуқи нашъамандиро ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳо ва дигар қонуншиканиҳои ҳисоб мекунад, 74акти парварищи рустаниҳои нашъадор, бо тайёр намудан, ба даст овардан, нигох доштан, буридан, фиристодан, фурухтан, дуздидан, беиҷозати табибон истеъмол кардани воситаҳои нашъадор алоқаманд мебошад. Хамчунин вайрон кардани тарзи муносибат бо нашъа, муайё намудани шароит барои истеъмоли он дигаронро ҷалб кардан низ ба ин 74актики74т. Ҷиноятҳои, ки ба хотири бадаст овардани афюн барои минбаъд истеъмол кардан содир шудаанд ва ё дар ҳолати мадҳуши афюни содир шудаанд ба он маҷмӯи ҷиноятҳо мансубанд. Ҷиноятҳои ки ба нашъа бевосита алоқаманднестанд, аммо бо мақсади бадаст овардани воситаҳо ба хотири тадриҷан сохиб шуданба маводи нашъадор ё ин ки дар ҳолати мадҳуши аз нашъа содир шудаанд вале дар мукаррароти қаблан иқтибос шуда таъкид нашудаанд, бояд ба наркортизм мансуб бошанд, зеро ин ҷиноятҳо ба сабаби ниёзмандии нашъамандон ё дигар ашхосе руҳ додаанд, ки ба нашъакаши майл доранд, мехоҳанд зиндагии нашъаолуди худро таъмин созанд. Ҷанбаи ҳуқуқии нашъаманди ҳамчунин ба танзим овардани муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии қонунгузориро фаро мегирад, ки ба сабаби бо роҳҳои ғайри тибби истеъмол кардани воситаҳои нашъадор аз ҷониби шахрвандон ба амал омадаанд.

Ҷанбаи криминологии наркотизм ҳамон қисмати инзуҳуротро фаро мегирад, ки хатари ҷамъияти дорад, яъне ба вокеъ шудани ҷиноятҳои номбар шуда, ҳолати онҳо дараҷаашон, сохт ва ҷараёни инкишоф, маҷмуи сабабҳо шахсияти ҷинояткор, огоҳкунони ва ғ. Дахл мекунад.

Ҷанбаи иқтисодии наркотизм зарари ба иқтисодиёти давлат расонида шударо ифода менамояд. Ин зарар аз як қатор қисмҳо иборат аст, асоситаринаш инҳоянд: кам шудани захираи пуле, ки буҷаи давлатро ташкил медиҳаду, барои инкишофи иқтисодиёд пешбини шуда буд, аммо аз ҷониби нашъаҷалобон маблағҳои муайян аз худ карда шуда, бо мақсади нопок сарф мешаванд; дар

натиҷаи пас рафтани масъули меҳнати истеъмол кунандаи нашъа истеъсоли неъматҳои модди кам мешавад; харҷи давлат барои нигоҳдоштан ва фаъол кунонидани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки муборизаи зидди нашъамандиро амали мегардонанд, сарф мешавад; аз буҷаи давлат барои баргузории чораҳои гуногун ба хотири табобат ва солимгардонии нашъамандон низ сарф мешаванд. Ҳамин тавр тибқи маълумотҳои то замони беқурбшавии пул ва буҳрони иқтисоди, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гардиши пинҳонии пул дар системаи «нашъаҷалоби – иқтисоди махфӣ» миллиардҳо рублро ташкил медод.

Ҷанбаи биологии наркотизм аз он иборат мебошад, ки нашъаманди беморист, ин «маризиест, хусусияти рафнопазири шавқангезӣ ба нашъа дорад ( масъалан ба морфин), ки дар миқдори андак хушдимоғи мебахшад, ба миқдори зиёд истеъмол карданаш беҳушавию карахти меорад. Ҳангоми нашъаманди узвҳои дохилии инсон фалаҷ мешаванд, асабонияти сахту вазнини руҳӣ ба амал меояд, таназзули иҷтимоии инкишоф меёбад». Нашъаманди ҳамчун ифодаи ҷанбаи биологи пурра дар таҳти назорати илми тиб мебошад.

Ҷанбаи экологии наркотизм инчунин тавсиф карда мешавад, ки дар табиат хоҳ нохоҳ рустаниҳои худрӯйи нашъадор ҳастанд, аз тарафи дигар, ҳамин рустаниҳо ба таври сунъӣ парварида мешаванд. Ин рустаниҳо сарчашмаи асосии ба даст овардану тайёр кардани мавъоди нашъа мебошанд.

Ҳолатҳои ба қадри имкон таҳқиқу таҳлилшударо хулоса намуда, наркотизмро ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоие ба қадам метавон дод, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, криминологӣ, иқтисодӣ, биологӣ ва экологиро фаро мегирад ва дар маризиҳои нашъамандону маҷмӯи кирдори зиддиҳуқуқии бо нашъа алоқадор ё амалиёте ифода меёбад, ки ба хотири ба даст овардани воситаҳо барои минбаъд пайдо кардани ин мавод ё ҳолати мадҳушии нашъаманди содир шудаанд.1 Ба ин кирдор талаботу ниёз, тайёр кардан, ба даст овардан, анбор намудан, буридан, фиристодан, фурӯхтан, дуздидани мавъодҳои нашъадор: дигаронро ба истеъмоли он ҷалб намудан: барои истифодаи он шароит фароҳам овардан: коштану парваридани гиёҳ, ки нашъа доранд: вайрон кардани қойдаҳои муайяншудаи парвариши он, ба даст овардани он, нигоҳ доштан, ҳисобу китоб, додан, буридан ёфиристодани воситаҳои нашъадор: қочоқи ин мавод: ҳамчунин ҳаргуна ҷиноятҳои ғаразноки ( аз ҷумла ғаразноки иҷбори) бо нашъа вобаста набуда, аммо бо мақсади пайдо намудани восита барои минбаъд ба даст овардани он содир шудаанд ( дуздӣ, ғорат, роҳзанӣ, фиребгарӣ ва ғ.) ва ҷиноятҳои зуроварона, ки дар ҳолати мадҳушии нашъамандӣ содир шудаанд( зидди шахсият, авбошӣ ва ғ.) дохиланд.

Таъиноти зикршуда моҳияти наркотизмро инъикос менамоянд, сарҳадоту муҳити зуҳури онро муайян мекунанд, ҳамчунин барои муайян кардани миқёсу андозаи он маслиҳатҳо медиҳад. Лекин андозаи ҳақиқии ин зуҳурот, дараҷаи баланди маризиҳои нашъамандӣ ва кирдори зиддиҳуқуқии ба воситаҳои нашъадор алоқаманд ба сабаби пардапӯш шуданаш пурра зоҳир намегардад.

## КИТОБНОМА:


1. Найденова Н.Г. Нашъаманди-дарди хатарнок. М. Знание, 1988: Колесов В.В, Туркевич С.В. Наркотизм, моҳият ва пешгири. М. Знание 1988.

2. Масоили ташкилӣ ва 76актики пешгирӣ кардани наркотизм (тавсиаҳои методӣ). –М.: ВУД СССР, ГУУР, 1988 Саҳ. 3. Дар бораи мафҳуми наркотизм ҳамчунин нигаред, масалан: Богомолова Т.А., Толпекин К.А. Нашъаманди ва наркотизм; роҳҳои асосии мубориза ва пешгирӣ кардан // Давлати Шурави ва ҳуқуқ, 1987. №1. Саҳ. 79; Афансьев В.С. Муҳокимаи масъалаи мубориза ба нашъамандӣ // Давлати Шуравӣ ва ҳуқуқ 1987. №4
3. Бобоев М.М. Оқибатҳои иҷтимоии ҷинояткорӣ. М. академияи ВУД СССР,1982,саҳ 21.
4. Россипиашвили В.В. Муборизаи ҷинои-ҳуқуқӣ бо ғайриқонуни, тайёр кардан ва истеъмоли воситаҳои нашъадор дар Ҷумҳурии Озарбойҷон. Дис…номзади илмҳои ҳуқуқ. Боку, 1988, саҳ 6.
5. Колесов В.В. ба бадбахти роҳ надиҳем. Аз хусуси моҳияти пешгири кардани нашъаманди ва токскомания. М. 1988. Саҳ 99-101
6. Маърузаи 6-уми ҷаласаи махсуси комиссияи ЭКОСОС вобаста ба нашъаманди. Ню Йорк, 1980. Саҳ 20-23.
7. Маърифати сиёси, 1989. № 15. Саҳ 75.
8. Луғати энциклопедии шӯравӣ. Энцоклепедияи Шӯравӣ, 1987. Саҳ 861.
9. Егоршин В.М. Нашъамандӣ ва хатари ҷамъиятии он. // Ахборномаи Донишгоҳи Ленинград. Серияи 6. 1989. Чопи 1. Сах 95-97.
10. Габиани А.А. Нашъаманди; меваи талхи умри ширин. Татқиқоти сотсиологӣ. 1987.№2. Сах 48-53.

## НАРКОТИЗМ И АНТИНАРКОТИЗМ

***И. НАЗАРОВА***

В статье говорится о проблемах наркомании и его распространении особенно среди молодежи, без сомнения наркомания является серьёзной проблемой человечества, по мнению экспертов Министерства здравоохранения человек употребляюший наркотики и сам страдает от этого недуга и других вникает в серьезные проблемы.

**Ключевые слова:** наркомания, зависимость, проблема, здоровье, нация, молодеж.

## DRUG ADDICTION AND ANTINARCOTIZM

***I. NAZAROVA***

In article says about problem of drug addiction and it's spreading especially behind youth, without doubt drug addiction it's serious problem of human, by opinion's of experts of Ministry of heath the person using drugs suffers himself and also involve anothers to the seriouse problem.

Key words: drug addiction, problem, helth, nation, youth

**МАТЕМАТИКА**
**МАТЕМАТИКА**

# АЗ ТАЪРИХИ КАСР

***Д. ИЗАТУЛЛОЕВ***
***номзади илмҳои физика-математика***
***С. ТАҒАЙНАЗАРОВ***
***номзади илмҳои физика-математика***

### *Касрҳои одӣ*

Инсоният ҳанӯз дар аввали зинаҳои тараққиёти худ дар корҳои ченкунӣ ва дар вақти ба қисмҳо тақсим кардан бо ҳиссаҳои воҳид кордор шуда буд. Масалан, агар воҳиди интихобкардашудаи ченкунӣ дар порчаи ченшаванда ба миқдори бутун ҷой нагирад, лозим меояд, ки барои давом додани ченкунӣ порчаро шикаста, ҳиссаҳои воҳидии онро гиранд (Л.Ф. Магнитский касрро адади шикаст номида буд).

Инсон хеле барвақт нисф $\left(\frac{1}{2}\right)$, нимаи нисф $\left(\frac{1}{4}\right)$, нима нимаи нисф $\left(\frac{1}{8}\right)$ ва ғайраро истифода бурдааст.

Дар дастхатҳои қадимаи заминченкунӣ касрҳои $\frac{1}{256} \cdot \frac{1}{512} \cdot \frac{1}{1024}$ дучор мешаванд.

Ба ғайр аз воҳид тақсим кардани дигар ададҳо басо мушкил буд.

Дар фаъолияти амалӣ ва дар илм доимо касрҳоро истифода мебаранд. Аз ин сабаб, дар қадимтарин дастхатҳои ҳама халқҳо дар бораи ҳиссаҳо маълумот дода шудааст. Халқҳои гуногун системаи ададҳои касрии гуногун доштанд.

Мисриёни қадим танҳо бо касрҳои асосӣ, яъне касрҳои сураташ воҳид сару кор доштанду халос.

Барои бо суммаи касрҳои сураташ 1 иваз кардани касрҳои ғайриасосӣ ҷадвал тартиб дода буданд.

Аз ҷадвали Аҳмос (1700 сол қабл аз солшумории мо) якчанд мисол меорем:

1) $\frac{2}{13} = \frac{1}{8}\ \frac{1}{52}\ \frac{1}{104}$

2) $\frac{2}{21} = \frac{1}{14}\ \frac{1}{42}$ (аломати ҷамъ вуҷуд надошт);

3) $\frac{2}{27} = \frac{1}{18}\ \frac{1}{54}$ 4) $\frac{2}{43} = \frac{1}{42}\ \frac{1}{86}\ \frac{1}{129}\ \frac{1}{30}$

Юнониён методи бо касрҳо ҳисоб кардани мисриёнро ёд гирифтанд. Дар Бобул системаи ҳисобкунии шастӣ тартиб дода шуд. Аз ҳамин сабаб, онҳо касрҳои махраҷашон 60, $60^2$, $60^3$ ва монанди инҳоро истифода мебурданд.

Азбаски нисбат ба мавқеъ қимат доштани рақамҳо ба рақамҳои аз тарафи рости воҳид истода низ татбиқ мешуданд, бинобар он, он касрҳои шастиро ба монанди касрҳои даҳӣ менавиштанд. Бобулиёни қадим барои ҳисоббарориҳои касрӣ ҷадвалҳое тартиб дода буданд, ки касрҳои асосиро дар касрҳои шастӣ ифода менамуданд, чунончӣ:

$$\frac{1}{54} = \frac{1}{60} + \frac{1}{60^2} + \frac{40}{60^3}$$

Дар системаи тартибдодаи бобулиён амалҳои касрро иҷро кардан осон аст. Аз ҳамин сабаб, системаи бобулиён аввал дар Искандария (тахминан солҳои 200 то солшумории мо) татбиқ ёфт ва баъд мутахассисони астрономия дар Юнон низ

онро истифода мебурданд. Арабҳо аз юнониён касрҳои шастиро ёд гирифтанд, баъд аз онҳо олимони асримиёнагӣ касрҳои шастиро дар илм татбиқ намуданд.

Дар асри XV ҷойи касрҳои шастиро касрҳои даҳӣ гирифтанд. Дар асри XVII баъд аз дохил кардани системаи метрии ченакҳо ҷойи касрҳои шастиро касрҳои даҳӣ пурра ишғол намуданд. Касрҳои даҳӣ, ки касрҳои умумихалқӣ номида мешуданд, бо баъзе касрҳои шастӣ муқобилат доштанд.

Навишти ҳозираи касрҳоро аввалин бор ҳиндуёни қадим истифода бурдаанд. Ҳиндуён системаи касрҳоеро ба вуҷуд оварданд, ки ба системаи касрҳои мо бисёр наздиканд. Дар асарҳои математики машҳури ҳинд Брамагупт (асри VII то солшумории мо) касрҳое (бо ду адад) вомехӯранд, ки сурат ва махраҷашон бе хатти горизонталӣ навишта шудаанд, масалан $\frac{2}{7}$.

Адади бутун дар болои сурат навишта мешуд. Масалан, касри $3\frac{2}{7}$ чунин навишта мешуд: $\overset{3}{\frac{2}{7}}$. Арабҳо дар кори дар Ғарб паҳн намудани маданияти халқҳои давраи қадим нақши миёнаравро иҷро кардаанд. Мо дар китобҳои дарсии арабӣ касрҳои асосии юнониёну мисриён, системаи шастии юнониёну бобулиён ва усулҳои ҳисоббарории касрии ҳиндуёнро дучор карда метавонем.

Дар асарҳои Леонардо Пизанский (асри XIII) хатти горизонталиеро дучор моем, ки он махраҷро аз сурат ҷудо мекунад. Вале қисми бутун аз тарафи рости каср: яъне касри $18\frac{1}{2}$ ин тавр $\frac{1}{2}18$ навишта шудааст.

## Касрҳои даҳӣ

Касрҳои даҳӣ аввалин бор дар дастхатҳои ҳиндуён дучор шудаанд: дар мавриде, ки аз реша саҳеҳ баровардани адад имконнопазир мегашт, онҳо чӣ қадаре ки дар адади таҳти реша аломатҳои иловагӣ лозим бошад, ба таҳти решагӣ ҳамон қадар сифр илова мекарданд.

Ҳиндуён барои саҳеҳии ҳосили тақсим ба тақсимшаванда низ сифр илова карда менавиштанд. Вале онҳо касрҳои даҳии ҳосилкардаашонро ба шакли касрҳои одии махраҷдор менавиштанд.

Аввалини касри даҳиро математики француз Виет (1540-1603) навишта аст. Вале аввалин шахсе, ки системаи касрҳои даҳиро пай дар пай ва муфассал баён кардааст, олими Белгия Стевин (1563-1625) мебошад. Вай ададҳои бутунро бо сифри ба қавс гирифташуда ҷудо мекард ва ба ҳиссаҳо аломатҳои мувофиқ мегузошт. Масалан, вай касри 13, 56-ро $13^{(0)}\ 5^{(1)}\ 6^{(2)}$ ё ки касри 0,048-ро $4^{(2)}\ 8^{(3)}$ менавишт.

## Касрҳои даврӣ

Касрҳои даврӣ дар асарҳои илмӣ фақат дар асри XVII пайдо шудааст. Олими Италия Кавалери бо қиммати тақрибии касрҳои даҳии беохир маҳдуд шуда, ба касрҳои даҳӣ табдил додани касрҳои одӣ ва баръакс, ба касрҳои одӣ табдил додани касрҳои даҳиро муоина кардааст.

Мафҳуми карсҳои давриро аввалин бор олими англис Валлис (1616-1703) дида баромада буд. Валлис тасдиқ карда аст, ки ҳангоми касри одиро ба касри даҳӣ табдил додан, агар махраҷи каср танҳо аз ҳамзарбҳои 2 ва 5 иборат бошад, касри даҳии охирнок ҳосил мешавад. Вай дар бораи миқдори рақамҳои давр теоремаҳои соддатаринро медонист. Валлис инчунин медонист, ки ададҳои аз

реша баровардашуда на бо касрҳои даврӣ, балки бо ададҳои беохир ифода карда мешавад.

Дар охири асри XVII Ионна Бернулли ва аъзои Академияи Фанҳои Петербург Леонард Эйлер назарияи касрҳои давриро кор карда баромадаанд. Дар ибтидои асри XIX Гаусс дар соҳаи назарияи ададҳои ададҳо тадқиқот гузаронда, назарияи касрҳои давриро кор кардааст. То ин давр математикҳо дар мавриди тақсими беохир бақиян ҳосилшударо мадди назар намегирифтанд.

## КИТОБНОМА:


1. Белл Э.Т. творцы математики. Предшественники современной математики/ Под.ред. С.Н.Киро М., 1979
2. История математики с древнейших времен до начала XIX столетия в трех томах./ Под.ред. А.П. Юшкевича. М., 1970, т. I, II; 1972,т III
3. Симонов Р.А. Математическая мысль Древней Руси. М., 1977
4. Сираждинов С.Х., Матвиевская Г.П. Абу Райхан Беруни и его математические труды. М., 1976.
5. Г.И.Глейзер. История математики в школе VII-VIII классы


## ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ ПОНЯТИЙ ДРОБЕЙ В ШКОЛЬНОМ КУРСЕ МАТЕМАТИКИ


***Д. ИЗАТУЛЛОЕВ***
***С. ТАҒАЙНАЗАРОВ***



Автор в данной статье анализирует и рассматривает формирование основ мыслительной деятельности при изучении дробей. Сформированный в школе уровень развития мыслительных способностей ученика является одним из критериев успешности его социальной адаптации в современном информационном обществе.



***Ключевые слова:*** *исследование, измерение, деление, теория, методы, математика, школа, решение, дробы, понятие.*


## FROM HISTORY STYDING NOTION OF THE FRACTION IN SCHOOL COURSE MATHEMETIC


***D. IZATULLOEV***
***S . TAGAINAZAROV***



The author of this article analyzes and discusses the formation of the foundations of mental activity in the study of fractions. Formed at the school level of developing of thinking skills of the pupils is one of the success criteria of social adaptation in the modern information society.



***Key words:*** *exploration, dimension, division, theory, methods, mathematic, school, decision, fractions, notion.*

ХИМИЯ
ХИМИЯ

# ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН ДАР ОМӮЗИШИ ХИМИЯ

*С. ХУДОЁРБЕКОВА*
*ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*
*ба номи А. Ҷомии АТТ*

Асри 21 асри технологияи информатсионӣ ва рущди бемайлони илму технология буда, надонистани илмҳои дақиқ хонандаи имрузаро гумроҳу саргардон месозад. Зеро ҷавҳари асосии пешрафти илму техника, ки дар асоси он зиндагии шоистаи мардум таъмин мегардад, аз ин илм сарчашма мегирад.

Танҳо дар ду даҳсолаи охир дар ҳаёти ҳар рӯза технологияи иттилоотиро бештар истифода мебаранд, ин ҳам бошад: интернет, алоқаи мобилӣ, технологияҳои рақамӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Бинобар ин коркарди стандартҳои маълумотгирӣ бояд ба ин талаботи ҷаҳонии ҳозирзамон, ки ҳар як лаҳза тағйир меёбанд, ҷавобгуй бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ҷараёни гузариш ба стандартҳои нави маълумотгирӣ идома дорад, ки дар ин ҷараён нақши иттилоот баръало хис карда мешавад.

Дар замони муосир татбиқи дастовардҳои идмию техникӣ ва технологияи навин дар ёфтани донишҳои нав махорати баланди илмӣ ва техникиро тақозо менамояд. Дар ин самт компютеркунонии таълим яке аз масъалаҳои муҳим тарбия ба шумор рафта, фаъоляти дарккунии хонандагонро такмил медиҳад. Пас, донишҳои нав, фарҳанги иттилоотӣ, маҳорати мустаҳкилона гирифтани дониш, сабаби пайдо гардидани намуди нави маълумот мегарданд, ки дар навгониҳои технологияи иттилоотӣ мақоми низомовар ва нақши ҳамгироро иҷро менамояд.

Тараққиёти босуръати илм ва талаботи ҷаҳони муосир, ҷомеа ва замон масъалаи ташаккули донишҳои зеҳнии хонандаро ба миён мегузорад.

Дарсҳо бо истифода аз техника ва технологияи иттилоотӣ на танҳо раванди таълимро таъсирбахш менамоянд, балки ҳавасмандро бо таълим низ тақвият мебахшанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон аз тамоми нозукиҳои технологияи навин огоҳ гашта, аҳамияти корбурди онро дуруст дарк намоянд.

Навгониҳои технологӣ аз тарафи ҷавонон бо як шавқи зиёд қабул карда мешаванд.

Хусусан дар рафти дарсҳо тахти роҳбарии омӯзгор хонандагон метавонанд, тарзи истифодабарии компютер ва дигар таҷҳизоти иттилоотиро бо мақсади гирифтани маълумот истифода баранд.

Бо ин мақсад, дар соҳаи таълими химия вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

-принсипҳои асосӣ ва усули методиву сохтории омӯзиши компютерии фанни химияро таҳлил намудан мумкин;

-ба ҳам мутобиқ намудани технологияи компютериву иттилоотӣ тибқи шароити ҷараёни таълиму тарбия;

-муҳайё намудани шароити мувофиқ барои мутахассисони соҳа, ки такя бар технологияи иттилоотӣ мекунанд;

Барои дар амал тадбиқ намудани нигоҳҳои нав ба омӯзиш ва истифодаи методҳои ҷадид имкониятҳои истифодабарии компютерро дар ҳар як лаҳзаи дарс донистан лозим аст.

Мисол: Компютер дар давраи тайёрӣ ба омӯзиши фан чунин имкониятҳоро фароҳам меорад.

- сохтан ва ба тартиб даровардани модели компютерӣ, конспекти дарс, мавзӯъ, курсҳо дар якҷоягӣ;
- дар сатҳи олӣ ва мувофиқи мақсад ҷо ба ҷо намудани метод;
-таъмин намудани маводи лозимӣ аз маълумоти иловагӣ;
-интихоб ва ба низом даровардани маводи омӯзиш бо назардошти қобилияти синф ва хонандагони алоҳида.

Дар зинаи гузаштани дарс компютер имконият медиҳад то:

- вақт сарфа шавад;
- маводи омӯзиш ба шакли ранга таҳия гардад;
- ҳиси зебоӣ ангеза ёфта, дарс ба таври илмӣ ташкил карда шавад;
-дастрасӣ ва таъсири маводи омӯзиши, ба ҳиссиёти гуногуни хонандагонбештар шавад;
- фардикунонии омӯзиш осон бошад;
- проблемаҳои асосӣ дарсмавриди таваҷҷуҳ қарор бигиранд;
-дар ҳолатҳои зарурӣ маводи пештар омӯхташуда ба ёд оварда шавад;
-Омӯзиши мустаҳқилона таъмин гардад.
-дар вақти тайёрӣ ба дарс ва кордкардҳои методии он барои омӯзгор имкониятҳои зерин фароҳам мешаванд:

-кушиш ва тайёрии омӯзгор ба дарсзиёд мешавад.

-омӯзгор имконият дорад маводро мунтаззам ва мушаххас гардонад;
-ба таври системавӣ маводро ҷамъ намояд;
-сифати дарсро беҳтар созад.

Барои ташкил ва гузаронидани дарс омӯзгор метавонад якчанд модели гуногуни компютериро дар дарс истифода намояд, ба монанди модели:

1. Методологӣ;
2. Ташкилӣ;

Омӯзонидани фанни химия методҳои хосси худро дорад, ки дар дигар фанҳои таълимӣ дида намешавад. Яке аз чунин методҳои омӯзиш ин гузаронидани корҳои амалӣ мебошад. Дар ин маврид низ компютер мадад расони омӯзгор шуда метавонад.

Албатта агар хонанда корҳои амалиро ҳақиқатан худаш иҷро намояд, хело хуб аст, чунки ҷараёнҳои гузариши реакцияро дар асл дарк менамояд. Лекин агар барои гузаронидани чунин корҳо имконият ё шароит набошад ё ҳангоми омӯзиш ва гузаронидани корҳое, ки дар натиҷа моддаҳои заҳрнок ҳосил мешавандва ин ба саломатии хонанда ва омӯзгор зарар дорад агар ҷевони ҳавокаш кор накунад. Дар ин ҳолат компютер имконияти хубест барои намоиш додани ин гунна корҳо.

Яке аз методҳои хело мувофиқ барои омӯзиши химия ин ташкил ва гузаронидани бозиҳои дидактикӣ мебошад.

Ин метод ба он хонандагоне, ки фаҳмиши сусти химиявӣ доранд имконият медиҳад, ки нисбатан пурмаҳсултар ин фанро аз худ намоянд.

Боз як имконияти хуби истифода барии технологияи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ин имконияти дар муддати кӯтоҳ дониши хонандагонро назорат кардан аст. Ҳозир ҳамаи он китобҳои электроние, ки дар сайтҳои интернетӣ ва компютерӣ дида мешаванд, машку масъалаҳо, ҳалли онҳо, тестҳои гуногун ва намунаи иҷрои онҳоро дар бар мегиранд. Инчунин барои назорат намудан журналҳои махсусе ҳастанд, ки хонанда метавонад сатҳи дониши худро санҷида, натиҷаашро қайд намояд. Дониши хонанда аз тарафи компютер назорат карда мешавад, чунки супориш барои ҳар боб ё мавзӯъ алоҳида пешниҳод шудааст ва компютер, вақту шакли санҷишро низ қайд мекунад. Инчунин истифодабарии барномаҳои назоратӣ имкон медиҳад, ки хонанда донишашро худаш арзёбӣ кунад.

Мақсад ва натиҷаҳои модели нави омӯзиш бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва захираҳои онро дар нишондодҳои зерин дидан мумкин аст.

-хонанда дар меҳвари омӯзиши технологӣ қарор мегирад;

-муносибатидутарафа дар асоси фаъолияти омӯзиш ташкил карда шавад;

-мавкеъвафаъолнокиихонанда дар рафтиомӯзиш ошкор карда шаванд;

- мустақилият ва малакаҳои худомӯзӣ ташаккул ва тақвият меёбанд.

Аз ин рӯ омӯзгоронро барои баланд бардоштани сатҳи дониш, истифодаи методҳои нав ва технологияи иттилоотӣ дастгирӣ намуда,
кори пурмаҳсули онҳоро ташкил намудан лозим.


**КИТОБНОМА:**

1. Курдюмова Т. Н. Компьютерная технология обучения химии: достоинства и недостатки.// Химия в школе, 2002. – №8,
2. Аранская О.С, Бурая И.В., Проектная деятельность школьников в процессе обучения химии, Москва, “Вентана – Граф”, 2005г
3. Нечитайлова Е.В.. Информационные технологии на уроках химии.// – Химия в школе. – 2005. – №3


## ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В ИЗУЧЕНИИ ХИМИИ


***С.ХУДОЁРБЕКОВА***



В данной статье говорится об использовании информационных технологий в частности, компютера, интернета, разных дисков, презантации и слайдов на уроках химии. По мнению автора постредством информационных технологий можно сделать урок интересным и разнообразным.



***Ключевые слова:*** *информационные технологии, компьютер, предмет химия, изучение, современные методы.*


## INFORMATION TECHNOLOGY AND THEIR USE IN THE LEARNING CHEMISTRY


***S. HUDOIORBEKOVA***



In this article says about use of information technologies in the learning chemistry, as like as computer, Internet, different disks, presentations, and slides at the

chemistry's lesson. By author's idea with information technologies can make the lesson more interest and different.

***Key words:*** *information technologies, computer, subject of chemistry, learning, modern methods.*

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**

# ИСТИФОДАИ ПРИНСИПИ АЁНИЯТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ АЛИФБОИ НИЁГОН

***С. ИСМАТОВ***
***унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ***

Дар таҷрибаи таълими савод замони шӯравӣ дар муассисаҳои таълимӣ принсипҳои хуб ва самараноки таълим истифода мешуданд . Аксари онҳо то ҳоло аҳаммияти худро аз даст надодаанд. Яке аз чунин принсипҳои таълим аёният аст. Дар мавриди зарурат ва манфиати аёният дар раванди таълим олимон ва устодони илми педагогика фикру ақидаҳои зиёде баён намудаанд. Аввалин маротиба олими бузурги чех, педагог Я.А.Коменский (1562-1670) назарияи мутаносиби аёниятро ҳамчун принсипи комёбтарин дар раванди таълим исбот намудааст.

(6...сах). Ӯ дар асарҳо ва тадқиқоти илмиаш собит намуда буд, ки аёният барои беҳтар дарк намудани ашё ва ҳодисаҳо тамоми узвҳои ҳисро ҷалбу фаъол менамояд.

Мақсад аз баррасии ин масъала муайян намудани зарурат ва роҳҳои самараноки истифодаи маводи аёнӣ дар таълими фанни “Алифбои ниёгон ва матн” мебошад. Бояд қайд кард, ки дар таълими фанҳои ба истилоҳ байналмилалӣ (математика, физика, химия, география ва ғ.) оид ба маводи аёнӣ таҷрибаи бойи ҷаҳонӣ вуҷуд дорад. Аксари маводи аёнии ин фанҳоро бо роҳи тарҷума ва мутобиқ намудан ба мақсадҳои таълими ҳар кишвар истифода бурдан мумкин аст. Аммо таълими фанни “Алифбои ниёгон ва матн” хусусиятҳои фарққунанда дорад. Яке аз аёниятҳои зарурӣ дар раванди таълим ин китоби дарсӣ аст. Аммо табиист, ки барои дарки нозукиҳои фан ва гирифтани саводу дониш танҳо истифода аз китоби дарсӣ кофӣ нест. Дар таълими ин фан дигар намудҳои айёният хеле заруранд, ки расмҳои ранга бо номи ашё, калимаҳо бо нишон додани тарзи дурусти навишт, рақаму шумораҳо, варақчаҳо барои муайян намудани саводи хонанда, дар лавҳаи синф навиштани шаклҳои ҳарфҳои мунфасила ва муттасила ва ғайра аз қабили онҳоянд.

Мушоҳидаҳои тӯлонӣ ва таҳлили дарсҳои як гурӯҳ омӯзгорони фанни “Алифбои ниёгон ва матн” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки омӯзгорон дар дарсҳои муқаррарӣ танҳо аз як намуди аёният, яъне китоби дарсӣ истифода мебаранд, зеро маводи аёнии расман чопшуда ҳанӯз мавҷуд нест. Дар натиҷа дарс барои хонандагон якрангу дилбазан гашта, шавқу ҳаваси шогирдонро бедор намекунад ва ба сатҳи донишу азхудкунии барнома таъсири манфӣ мерасонад.

Танҳо дар дарсҳои кушод омӯзгорон барои нишон додани маҳорати касбии худ дар назди ҳозирин ва ҳамкасбони худ, ки дар ҷараёни дарс иштирок ва мушоҳида мекунанд, аз бисёр намуди аёният истифода менамоянд, ки онро аксаран худашон аз рӯйи таҷрибаи корӣ таҳия мекунанд. Истифодаи онҳо дар рафти дарс ба баланд шудани шавқу ҳаваси хонандагон мусоидат мекунад, ки он

аз тарафи иштироккунандагони дарсҳои кушод бараъло ҳис карда мешавад. Истифодаи аёниятҳои худсохти омӯзгорон дар лаҳзаҳои гуногуни дарс: пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунии мавзӯи нав хонандаро фаъол ва водор месозад, ки дониши андӯхтаи худро нишон диҳад ё санҷад. Барои таҳияи чунин мавод омӯзгорон асосан аз китобҳои дарсӣ ва методии муаллифони тоҷик истифода мекунанд (1; 2; 5; 7)

Дар баробари ин баъзан ҷиҳатҳои манфии истифодаи нодурусти маводи аёнӣ низ ба мушоҳида расидааст. Дуруст аст, ки муаллим бояд намудҳои гуногуни аёниятро барои истифода вобаста ба мавзӯи таълим дуруст интихоб намояд ва аёниятҳои нолозимро истифода накунад. Дар баъзе дарсҳои кушоди омӯзгорони фанни "Алифбои ниёгон ва матн" мушоҳида шудааст, ки омӯзгорон, ба хотири он ки дарсашон хуб ва пурмазмун гузарад ва дар назди ҳамкорону ҳамкасбон таҷрибаи худро беҳтар нишон диҳанд, айёнияти зиёд таҳия намуда, истифода менамоянд. Дар натиҷа ҳолатҳое ба мушоҳида расидааст, ки баъзе талабагон наметавонанд диққаташонро идора кунанд: онҳо аз аёнияти қаблӣ озод нашуда, ба айёнияти баъдина диққат ва аҳамияти дуруст намедиҳанд. Ин ҳолатҳои начандон дурусти истифодаи маводи аёнӣ дар китоби дарсии "Педагогика" (муаллифон А. Нуров ва Х. Раҳимов) дар боби аёният хуб баррасӣ гардидааст (12, 411-414).

Ҳамаи ин мутахассисон ва омӯзгорони фанни "Алифбои ниёгон ва матн"-ро водор месозад, ки дар масъалаи таҳия ва истифодаи дурусти аёният дар ҷараёни таълими ин фан ҷидду ҷаҳд намоянд. Бояд гуфт, ки ин фан танҳо дар Тоҷикистон таълим дода мешавад ва мушкилоти таҳия ва истифодаи аёниятро низ танҳо мутахассисони дохилӣ ба уҳда гирифта метавонанд. Дар баробари ин маъмурияти аксар муассисаҳои таълимӣ барои фанни алифбои ниёгон кабинети алаҳида ҷудо намекунанд. Танҳо баъзе муассисаҳои калони типпии шаҳрҳо ва марказҳои ноҳия кабинети ин фанро ташкил кардаанд, аммо онҳо аз ҷиҳати шакл ва мазмуни воситаҳои аёнӣ пурра ва шавқовар нестанд.

Гуфтанист, ки аз ҷониби устод А. Байзоев, ки яке аз муаллифони асосии китобҳои дарсии "Алифбои ниёгон ва матн" мебошанд, миқдори муайяни маводи аёнӣ аз ин фан омода гардида, аз ҷониби мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия гардидааст, аммо ҳанӯз ба нашр нарасидааст (10). Мо умедворем, ки нашри он кори омӯзгоронро, ки солҳои наздик ба таълими ин фан аз рӯйи барномаи нави таълим шурӯъ мекунанд, осон хоҳад намуд.

Маводи аёнии таълимиро аз рӯйи мазмун ва хусусияташон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Аз рӯйи маводи тартибдодаи устод А. Байзоев маводи аёниро ба шаш гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

- маводи аёнии умумӣ;
- маводи аёнии таълими ҳарфҳо;
- маводи аёнии инкишофи тафаккур;
- маводи аёнии қоидаҳои имло;
- маводи аёнии имлои калимаҳо;
- маводи аёнии хушнависӣ.

Дар доираи ин мақола мо таваҷҷуҳи хонандаро ба баррасии ду гурӯҳ: маводи аёнии умумӣ ва маводи аёнии таълими ҳарфҳо ҷалб мекунем.

Ба маводи аёнии умумӣ матни суруди миллӣ, ҷадвали алифбо, алифбои мусаввар, расмҳои ҳайвонот, расмҳои меваҷот бо номҳояшон ва ғайра шомил мешаванд. Ин навъи маводи аёнӣ метавонад барои оро додани кабинетҳои фанни "Алифбои ниёгон ва матн" истифода шавад, бо мазмуни онҳо хонандагон ошноянд ва бо роҳи мушоҳидаи доимӣ ба осонӣ тарзи навиштани онҳоро бо хатти ниёгон аз худ мекунанд.

Маводи аёнии таълими ҳарфҳо, баръакс, хусусияти мавзӯӣ доранд ва метавонанд дар ҷараёни дарс вобастаи ба мавзӯъ истифода шаванд. Дар навбати худ ин гуна маводи аёниро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: маводи аёнии таълими ҳарфҳои осон (яквазифа) ва маводи аёнии таълими ҳарфҳои мушкил (бисёрвазифа). Хусусиятҳои истифодаи ҳар яке аз онҳоро дар мисоли таълими баъзе ҳарфҳо интихобан нишон медиҳем.

### 1) Маводи аёнии таълими ҳарфҳои осон

**А) ҲАРФҲОИ *БЕ, ПЕ, ТЕ, СЕ* (ب، پ، ت،ث)**

| намуна | نمونه | намуна | نمونه | шакл |
|---|---|---|---|---|
| по | پا | бо | با | **нопурра** |
| падар | پَدَر | бабр | بَبر | **нопурра** |
| табар | تبر | осор | آثار | **нопурра** |
| таб | تب | боб | باب | **пурра** |
| тӯп | توپ | тут | توت | **пурра** |

**Б) ҲАРФИ *НУН* (ن)**

| намуна | نمونه | намуна | نمونه | шакл |
|---|---|---|---|---|
| по | پا | бо | با | **нопурра** |
| Наврӯз | نَوروز | нур | نور | **нопурра** |
| танӯр | تَنور | барно | بَرنا | **нопурра** |
| бадан | بَدَن | тан | تَن | **пурра** |
| дандон | دَندان | нодон | نادان | **пурра** |

Тавре аз намунаҳо дида мешавад, маводи аёниро барои таълими ҳарфҳои яквазифа (сода) ба ду шакл таҳия кардан мумкин аст:

1) барои гурӯҳи ҳарфҳо;

2) барои як ҳарфи алоҳида.

Маводи аёнӣ барои гурӯҳи ҳарфҳоро барои ҳарфҳои ҳамшакл, ки танҳо аз рӯйи миқдор ва макони ҷойгиршавии нуқтаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, таҳия кардан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ чунин ҳарфҳо шомил мешаванд:

*бе, пе, те, се; ҳе (ҳуттӣ), ҷим, че, хе; ре, зе, же; дол, зол; син, шин; сод, зод; то, зо; коф, гоф; айн, ғайн.*

### 2) Маводи аёнии таълими ҳарфҳои мушкил

Аммо барои ҳарфҳои бисёрвазифа (йо, вов, айн, ҳои ҳавваз) маводи аёниро вобаста ба хусусиятҳо ва вазифаҳои ҳар як ҳарф ба тарзи алоҳида таҳия кардан

лозим меояд. Намунаи чунин маводи аёнӣ барои ҳарфҳои “йо” ва “ҳои ҳавваз” чунин буда метавонад:

**ҲАРФИ *ЙО* (ی)**

| Мавқеъ , вазифа | Овоз | Мисолҳо |
|---|---|---|
| дар аввал, мобайн ва охири калима | й | یار، پَیرَو، نی |
| дар мобайни калима | и (дароз) | دین، پیر، تیر |
| дар охири калима | ӣ | زبانی، زوری، زاری |
| дар мобайн ва охири калима | е | زیبا، دیر، دختری |
| бандаки изофӣ (пас аз о, у, ӯ, а) | -и | آرزوی شیرین، دریای ورزاب، لانه‌ی بلبل |
| дар аввали калима, якҷоя бо алиф | и (дароз) | این، ایستادن |
| дар аввали калима, якҷоя бо алиф | э | ایران، ایجاد، ایشان |

**ҲАРФИ *ҲОИ ҲАВВАЗ* (ه)**
**ШАКЛҲОИ ҲАРФ**

| алоҳида | дар охир | дар байн | дар аввал |
|---|---|---|---|
| ه | ـه | ـهـ | هـ |
| شاه | فربه | بهار | هوا |

**ВАЗИФАҲОИ ҲАРФ**

| Мавқеъ , вазифа | Овоз | Мисолҳо |
|---|---|---|
| дар аввал, мобайн ва охири калима | х | هَزار ، شَهر ، ماه |
| дар охири калима | а | به ، شانه ، لانه |
| дар охири калима | и (ӣ) | که، چونکه، چنانچه |
| дар охири калима | е | سه، دوشَنبه، شَنبه |

Тавре ки дида мешавад, ҳангоми таҳияи маводи аёнӣ ба вазифаҳои ҳарф таваҷҷуҳ намуда, вобаста ба ҳар вазифаи он чанд намуна овардан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин истифода аз ранги сурх барои фаҳмотар шудан ва беҳтар аз зуд кардани мавод кумаки амалӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, барои шавқовартару дилчаспитар ташкил намудани дарс ва муҳимтар аз ҳама, баланд намудани сифати азхудкунии дониш омӯзгоронро лозим меояд, ки аз маводи гуногуни аёнӣ самаранок истифода кунанд. Дар баробари ин, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд дар ташкили кабинетҳои фанни алифбои ниёгон мусоидат карда, омӯзгорони касбиро интихобу таъйин намоянд.

**КИТОБНОМА**:

1. Байзоев А. ва Кабиров Ш. Алифбои ниёгон ва матн. Китоюи дарсӣ барои синфи 5. – Душанбе, 2008
2. Байзоев Азим. Мушкилоти таълим ва омӯзиши алаифбои ниёгон. – Душанбе, 2004.
3. Габай Т.В. Учебная деятельность и ее средства. – М.: Просвещение, 1999. – 200 с.
4. Евдокимов В.И. К вопросу об использовании наглядности в школе. – Санкт –петербург, « Питер»- 2002. – 212 с.
5. Кабиров Ш. ва Байзоев А. Алифбои ниёгон ва матн. Китоби дарсӣ барои синфи 4. – Душанбе, 2008
6. Коменский Я.А. Учителеь учителей (“Материнская школа, «Велкая дидактика» и др. произв. с сокращ.). –М. Карапуз, 2009. 288 с.
7. Қосимова М. Хат ва имлои матни классикии тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологӣ. – Душанбе, 2012.
8. Ҷонмаҳмадова Г.Ш. Изучение особенностей методического обеспечения инновационной педагогической деятельности саҳ 145, Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир, Душанбе -2013.
9. Маводи аёнӣ барои дарсҳои Алифбои ниёгон. Таҳияи Байзоев А. (шакли электронӣ).
10. Мингазов Э. Г. Гносеологические основы принципа наглядности обучения.. – Л, 2005. 120 с.
11. Нуров А. ва Раҳимов Х. Педагогика Душанбе, « Ирфон», 2011, саҳ. 411-414.
12. Славин А.В. Наглядный образ в структуре познания. – М: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2001. –245 с.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАГЛЯДНЫХ ПОСОБИЙ НА УРОКАХ “КЛАССИЧЕСКОГО АЛФАВИТА”.

***С. ИСМАТОВ***

В статье рассматривается проблема разработки и использования наглядных пособий как в процессе преподавания школьного предмета “Классический алфавит”, так и для оформления соответствующих кабинетов. Автор обосновывает важность данной проблемы тем, что данный предмет является исключительно характерным для таджикских школ, он не имеет аналогов в других странах. На основе иллюстративных примеров авторов дает полезные рекомендации учителям. Разработка наглядных пособий местными специалистами и их далнейшее издание способствует повышению качества преподавания данного предмета.

***Ключевые слова:*** *Классический алфавит, принцип наглядности, наглядные материалы, обучение букв, монофункциональный, многофункциональный.*

## USING OF VISUAL AIDS AT LESSONS “THE CLASSICAL ALPHABET ” .

***S. ISMATOV***

The problem of working out and use of visual aids both during teaching of "The Classical alphabet", and for design of corresponding classrooms in schools is considered in this article. The author proves importance of given problem that the given subject is exclusively characteristic for the Tajik schools, it has no analogues in other countries. On the basis of illustrative examples the author gives useful recommendations to teachers. Working out of visual aids by local experts and their edition promotes improvement of quality of teaching.

***Keywords:*** *The Classical alphabet, a presentation principle, evident materials, teaching of letters, monofunctional, multipurpose.*

## ТАҲ+ҚИҚ ВА НАШРИ ДЕВОНИ ҶАМОЛУДДИН МУҲАММАД ИБНИ АБДУРРАЗЗОҚИ ИСФАҲОНӢ

***Н.ШИРИНОВ,***
***номзади илмҳои филологӣ.***

Мусаллам аст, ки Ҷамолуддин Муҳаммад аз овони хурдсолӣ ба дунёи эҷод омада, ба ду забон: форсӣ ва арабӣ, дар ду навъи адабӣ-назму наср осор офаридааст, ки дар ин бора қаблан ишора шуда буд. Ҳоло ҳамин нуктаро арз карданӣ ҳастем, ки ӯ дар овони 20-солагӣ аллакай ҳамчун шоир шинохта шудааст. Баъзе рақибони шоир ба ӯ санги таъриз зада бошанд ҳам, шоир бузургии инсонро на дар гузашти умр, балки дар хирад медонад. Ӯ дар як қитъае, ки дар васфи Анварӣ аст, ба ин маънӣ мегӯяд:

*...Мангар андар ҳидосати синнаш,*
*Чун бар ӯ аз хирад рақам бошад.*
*Сол дар мард муътабар набвад,*
*Мард аз ақл муҳтарам бошад.*
*Ранҷи аҳли қалам ба фазлу ҳунар,*
*Аз пайи чун ту муҳташам бошад* (3, 334).

Ӯ то поёни умр аз эҷод даст накашидааст ва ба пирӣ расидани худро чунин ишора менамояд:

*Инак, бидамид субҳи пирӣ*
*В-ахтар зи сапедадам битарсад (1, 392).*

Танҳо осори манзуми форсӣ-тоҷикии Ҷамолуддин Муҳаммадро беш аз бист ҳазор байт таъкид кардаанд, ки аз пуркории адиб шаҳодат медиҳад. Хосса, пас аз он ки ин адиби хушзеҳн комилан ба корҳои эҷодӣ рӯ меорад, дарунмояи ашъораш боз ҳам рангинтару муассарияш бештар мегардад. Шояд, яке аз омилҳои даст ба даст гардидани ашъори Ҷамолуддин Муҳаммад маҳбубияти шеъри ӯ бошад ва маҳз ана ҳамин таъсирнокию оммавӣ гардидани ашъори Ҷамолуддин Муҳаммад боис гардидааст, ки мухлисон дар паҳн гардидани ашъори шоир саҳм бигиранд ва ин сабаби вариантнокии ашъори машкуки таркиби девон низ гардидааст. Ҳолати мазкур ҷанбаи хеле нозук дошта, ҷустуҷӯю пажӯҳиши басо ҷиддиро тақозо мекунад. Ба ин маънӣ профессор Б.Мақсудов ҳолати мазкурро ба истилоҳ «аз хошок пок намудан»-и гулистони ҳунару андеша ва кори бағоят мушкил ва вақтгир» меномад (4, 205).

Аз ин ҷост, ки яке аз сабабҳои ба таъхир афтодани нашри интиқодии девони Ҷамолуддин Муҳаммад низ маҳз ба девони шоир ворид гардидани ашъори машкук дар асрҳои миёна гардидааст. Ин буд, ки солҳои сиюми асри XX нашри сангӣ, литографӣ ва ё шакли дигари интишори девони шоир иттифоқ афтодааст.

Ин ҳолат кори аҳли таҳқиқ ва пажӯҳишгарони ашъори шоирро ҳам печидаю мураккаб сохтааст. Дақиқан, то интиҳои солҳои 20-уми асри гузашта имконоти омодасозии нашри ҷадиди девони Ҷамолуддин Муҳаммад ба касе муяссар нашудааст. Аз мутахассисони замони нав нахустин касе, ки дар ин ҷода камари ҳиммат бастааст, донишманди эронӣ Адиби Нишопурӣ мебошад. Ӯ соли 1310 ҳ. (соли 1931м.) дар шаҳри Теҳрон нашри литографии қисме аз девони Ҷамолуддин Муҳаммадро дар ҳаҷми 263 саҳифа ба табъ расонидааст, ки феълан нусхаҳои он басо нодиру комёб гардидаанд.

Иқдоми Адиби Нишопурӣ шоистаи тамҷид буда, барои мухлисони ашъори Ҷамолуддин Муҳаммад ва аҳли тадқиқ маводи фаровон муҳайё намуда, аҳли тадқиқро дар ин ҷода илҳом бахшида, эшонро барои иқдоми ҷиддитар водор сохтааст (2). Ин аст, ки пас аз даҳ сол олими шинохтаи Эрон Ваҳиди Дастгардӣ барои гирдоварӣ ва сара намудани ашъори Ҷамолуддин Муҳаммад ва омода сохтани матни мукаммали девони ин шоири хушқареҳа ҳиммат гумошт.

Ваҳиди Дастгардӣ дар соли 1320 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1941 мелодӣ дар заминаи даҳҳо номгӯй рӯйхати мавҷудаи давовину мунтахабҳо ва маҷмӯаҳои ашъор, ки дар китобхонаҳои Эрон ҳифзу нигаҳдорӣ карда мешуданд, нусхаи тозаи девони Ҷамолуддин Муҳаммадро тадвин сохт ва инак фузун аз 70-сол боз девони мазкур дар дастрасии аҳли тадқиқ ва хонандагони сершумор қарор дорад. Дар муқаддимаи девони мазкур мураттиби девон чунин менависад: «Девони устод Ҷамолуддин Муҳаммад дастхуши сақат ва таҳрифу таклили фаровон шуда ва бад-ин сабаб аз бист ҳазор байт шеъри вай, ба қавли баъзе аз тазкиранависон, бо тамоми кӯшишҳои чандинсолаи мо беш аз даҳ ҳазор байт ҷамъоварӣ нашуд.

Бисёре аз қасоидро махсус мебинем, ки абёти бисёр аз он афтодаву риштаи матолиб аз ҳам гусехтааст. Масалан, дар як нусхаи куҳансол ҳар ғазале нисф ё сулс шуда ва аз ҳар қасида рубъ ё хамси он нигошта шудааст ва аҷаб ин аст, ки интихобкунандаи нодон абёти бисёр баландро написандида ва ҳазф карда ва абёти дигарро баргузидааст» (1).

Ба қавли худи Ваҳиди Дастгардӣ, дар ин кори басо сангину миёншикан ба олим донишманди дигари Эрон, шоир Ибрат Мусоҳибии Нойинӣ ёрии хешро дареғ надоштааст. Эшон тӯли се сол тавассути коргирӣ аз тасҳеҳу қиёс ва муқобала бо даҳ нусхаи куҳан ва баъзе нусхаҳои ҷадид девони Ҷамолуддин Муҳаммадро дар ҳудуди даҳ ҳазор байт тадвин намудаанд, ки ҷиддитарин иқдом то кунун дар омӯзиши ашъори Ҷамолуддин Муҳаммад маҳсуб мешавад.

Соли 1390 (2012) донишманди муҳтарам Сайидваҳиди Симнонӣ дар Эрон нашри нави девони Ҷамолуддин Муҳаммадро (нашри В. Дастгардиро) пас аз 71 сол ба табъ расонид, ки дар кори дастрасӣ ба ашъори сайид-уш-шуаро Ҷамолуддин Муҳаммад иқдоми хайру савоб аст. Вале тағйирот дар теъдоди абёти анвои адабии дигар набошад ҳам, дар ғазалиёт ва алфозу вожаҳо манзур мегардад. Зеро мураттиб 6 ғазали тоза илова кардааст.

Мураттибону ноширони девони Ҷамолуддин Муҳаммад мавриди коргирӣ аз нусхаҳои дастрас ва тадвини девон, ба қавли Ваҳиди Дастгардӣ, корҳои зеринро сомон додаанд:

1.Аз даҳ нусхаи дастраси эшон чаҳор нусхаи куҳансол махсуси китобхонаи Армуғон будааст.

2.Нусхаҳои дигар аз китобхонаҳои шахсии донишмандони муосири Эрон: оқои Закоулмулк, оқои Содиқи Ансорӣ, Оқои Ҳоҷӣ Ҳусайн, Сайид Нафисӣ, оқои Қавимуддавла, оқои Ҷобирии Ансорӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Аз баҳси иҷмолии фавқуззикр метавон ба чунин натиҷа расид, ки девони Ҷамолуддин Муҳаммад то кунун се дафъа ба табъ расидааст.

Дақиқан, то ибтидои чоряки дуюми асри гузашта (то солҳои сиюм) нашрҳои сангию литографӣ ва ғайраи девони Ҷамолуддин Муҳаммад иттифоқ наафдодааст.

Аввалин ношири девони Ҷамолуддин шоири шаҳир Адиби Нишопурӣ буда, дар гирдоварию сара намудани осори адабии Ҷамолуддин Муҳаммад ӯ нахустиқдом гузоштааст. Зеро, чунонки дар боло ишора шуд, бори аввал Адиби Нишопурӣ нашри литографии девони Ҷамолуддин Муҳаммадро дастраси мардум намудааст, ки ин иқдом басо пурмасъулият ва хайр буд.

Нашри дуюми девони Ҷамолуддин Муҳаммад, ки асосан ба саъй ва эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ рӯйи кор омадааст, иқдоми боз ҳам ҷиддитаре дар омӯзиши рӯзгору осори Ҷамолуддин Муҳаммад ва дар ҳамин замина мактаби адабии Исфаҳон мебошад.

Муҳтавои девони Ҷамолуддин Муҳаммад, ки Ваҳиди Дастгардӣ ба табъ расонидааст бо назардошти анвои адабии манзум, шомили бахшҳои зерин мебошад: қасоид, тарҷеот (таркиббандҳо ва тарҷеъбанд), муқаттаот, ғазалиёт ва рубоиёт. Албатта, муҳтавои девон бо манзури дарунмояи жанрӣ низ басо ҷолиб буда, аз васф ва ё ситоишу мадҳ, тавсифу луғзу чистон, лирикаи ишқӣ-хосса ғазалиёт, ашъори дидактикӣ-тарбиявию ахлоқӣ, фалсафию ҳакимона, ашъори ҳазломезу музҳикавӣ ва ҳаҷвию интиқод ва ғайра иборат аст.

Девони нисбатан комили Ҷамолуддин Муҳаммад, ки Ваҳиди Дастгардӣ ба табъ расонидааст, бо ашъори наътия оғоз мешавад. Дар оғози девон таркиббанди наътия оварда шудааст, ки дар наъти Расули Акрам (с.) буда, ҳамаи онҳое, ки оид ба муҳтавои девони Ҷамолуддин Муҳаммад баҳс кардаанд, ҳатман аз ин наътия ёдовар шудаанд.

Аз ҷумла, дар тавзеҳи наътияи мазкур Ваҳиди Дастгардӣ менависад: «Таркиббанде бад-ин фасоҳату салосат дар девони ҳеҷ як асотиди бостон, ҷуз девони Шайх Саъдӣ, дида намешавад ва мусаллам аст, ки Шайх ҳам дар тарҷеъи маъруфи худ бад-ин таркиббанд назар дошта. Пас аз Шайх ҳеҷ шоири устоде ҳатто Ҳофиз натавонистааст дар ин майдон қадам бигзорад. Ва чун шеъри мадеҳ мушкилтару сахттар аз ғазалу насиб аст, ҳар гоҳ Шайх ҳам дар мадеҳ ворид шуда буд, камтар эҳтимол мерафт, ки беҳтар аз ин аз уҳда барояд. Инак, девони устод бад-ин таркиббанди муъҷизамонанд ифтитоҳ ва пас аз он ба тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ қасоид оғоз хоҳад шуд» (1, 2).

Таркиббанди мазкур дорои ёздаҳ банд буда, ҳар банди он шомили ҳашт байт (шонздаҳ мисраъ) аст. Чун навъи адабии таркиббанд аст, байти васила пас аз ҳар банд тағйир меёбад.

Таркиббанди фавқуззикр басо ҳунармандона ва устодона рӯйи кор омадааст, ки хеле ҷолиб аст. Барои намуна танҳо банди интиҳоии таркиббанди мазкурро зикр хоҳем кард:

*Ҳар одамие, ки ӯ сано гуфт,*
*Ҳар-ч он на санои ту, хато гуфт.*
*Худ хотири шоире чӣ санҷад,*
*Наъти ту- сазои ту Худо гуфт.*
*Гарчи на сазои ҳазрати туст,*
*Бипзир ҳар он чи ин гадо гуфт.*
*Ҳарчанд фузули гӯйӣ, мардист,*
*Охир на санои Мустафо (с.) гуфт.*
*Дар умр ҳар он чи гуфт ё кард,*
*Нодонӣ бикарду носазо гуфт.*
*З-он гуфтаву карда гар бипурсанд,*
*К-аз баҳри чӣ кард ё чаро гуфт.*
*Ин хоҳаду буду иддати ӯ,*

*Каффораи ҳар чи кард ё гуфт.*
*Ту маҳв кун аз ҷаридаи ӯ,*
*Ҳар ҳарза, ки аз сари ҳаво гуфт.*
*Чун нест бизоате зи тоат,*
*Аз мо гунаҳу зи ту шафоат* (3, 9).

Баъдан пас аз ҳар банд байти васила меояд, ки ҳам тобиши пайвандгарӣ ва бештар аз он ҷанбаи ҷамъбасткунандагӣ дорад. Ба ин маънӣ, оид ба мухтассоти таркиббанд Раҳими Мусулмониён чунин менависад: «Шоир маънии муҳимми нисбатан томро дар хонае изҳор карда, ҷамъбасти ғоявии онро дар байти васила баён менамояд, гӯё таркиби мундариҷавии банд дар байти восилкунанда хулоса мешавад» (5, 179).

Бо назардошти назокати сохторӣ дар таркиббанд байти василаи он чунин аст:

*Чун нест бизоате зи тоат,*
*Аз мо гунаҳу зи ту шафоат.*

ва ғайра.

Баъд аз наътияи фавқуззикр девони Ҷамолуддин Муҳаммад бевосита аз мадҳ оғоз мешавад ва аввалин қасидаи мадҳии дар девон овардашуда «Тавсифи рабеъ ва мадҳи вазир Ҷамолуддин» унвон дорад, ки бо абёти зерин оғоз мешавад:

*Боз тифлони чаманро ҳулла мебофад сабо,*
*Наварӯсони табиат ёфтанд аз нам намо.*
*Нақшбандони рабеъӣ хомаҳо бардоштанд,*
*Менигоранд аз раёҳин ҳар яке нақше ҷудо…(1, 11).*

Чунон ки дида мешавад, хеле тағаззули нодир ва ҳунармандона аст, ки шоири хушзавқ эҷод кардааст. Яке аз мухтассоти тағаззулҳои қасоиди Ҷамолуддин Муҳаммад он аст, ки дар баробари фаро гирифтани ҳунари волои адабӣ-эҷодӣ, арзиши волои эстетикӣ доранд ва хонандаро ба гулистони ҳамешабаҳори афсонаосо ворид месозад.

Мо дар таълифи ин рисола асосан ба ҳамин виростаи девони Ҷамолуддин Муҳаммад такя хоҳем кард. Зеро он, ки бо кушишу эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ рӯйи кор омадааст, нисбатан комил (наздик ба даҳ ҳазор байт) ва аз нигоҳи нақди матн муътамаду сара мебошад.

Нашри тозаи девони Ҷамолуддин Муҳаммад, ки Сайид Ваҳиди Симнонӣ (соли 1390) сомон додааст, таҷдиди назар ба сифати абёт аст, на ба миқдори ашъор. Аз ин рӯ, мо намунаҳои шеъриро қиёсан бо ду нашри девони Ҷамолуддин Муҳаммад мавриди коргирӣ қарор додем.

## КИТОБНОМА:


1. Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девони комил. (Бо тасҳеҳу ҳавошии Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ). – Теҳрон: Армуғон, 1320. – 503 с.
2. Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девони Абдурраззоқи Исфаҳонӣ (Бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ).– Теҳрон: Нигоҳ, 1379.–503 с.
3. Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девон (Бо тасҳеҳу ҳавошии Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ, бо бозбинии Сайид Ваҳиди Симнонӣ). – Теҳрон: Саноӣ, 1390. – 475 с.
4. Мақсудов Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ.–Душанбе: Пайванд, 2009. – 555 с.
5. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.

## ИССЛЕДОВАНИЕ И ПУБЛИКАЦИЯ ДИВАНА ДЖАМОЛИДИНА МУХАМАДА ИБН АБДУРАЗАКА ИСФАХОНИ

***Н.ШИРИНОВ***

В статье говорится о выдающемся деятеле Джамолидин Мухамад ибн Абдуразака Исфахони, который сочинял свои произведения в двух языках. Стоит отметить, что его уже в 20 летнем возрасте признавали как выдающегося поэта. По его мнению, человека украшает знание и наука а не прожитый жизнь.

***Ключевые слова:*** *поэт, деятель, произведение, языки, литература.*

## RESEARCH AND PUBLICATION THE WORK OF JAMOLIDIN MUHAMMAD IBN ABDURAZAK ISFAHONI

***N. SHIRINOV***

In this article says about famous scientist and poet Jamolidin Muhammad Ibn Abdurazak Isfahoni, who had written his works in two languages Arabic and Persian. Already in 20 – year he was famous and popular as a poet. To his mind the knowledge and science decorate the person but not the life.

***Key words:*** *poet, scientist, work, languages, literature*

## ҶУСТУҶӮИ РОҲҲОИ САМАРАБАХШИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

***З. ТОШБОЕВА***
***ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи А. Ҷомии АТТ***

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маорифи кишвар диққати махсус дода, барои рушду такомули он саҳми арзанда гузошта истодааст. Сарвари давлат дар вохӯриву баромадҳои худ аҳли омӯзгоронро ба тағйир додани муносибати педагогии худ ба таълиму тарбия, рушди технологияи педагогии самарабахш ва истифодаву татбиқи методу усули муосиру замонавӣ, ки кишварҳои ҷаҳон ба онҳо рӯ овардаанд, даъват мекунад.

Ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси назардошти тақозои замон ва пешравии техникаву технологияҳои педагогии муосири ҷаҳонӣ зина ба зина амалӣ гардида, барои самараноку беҳтар гардонидани раванди таълиму тарбия ва донишандӯзии шогирдон нигаронида шудааст. Баҳри иҷрои мақсад ва вазифаҳои гузоштаи давлату ҷомеаи кишвар аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ ва зерсохторҳои он ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳо ворид намудаанд, ки он омӯзгоронро барои истифодаи технологияи педагогӣ ва методу усули муосир дар машғулиятҳои худ водор менамояд.

Соҳаи маориф дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ҳамчун соҳаи асосиву муҳим ба шумор меравад, зеро рушди соҳаҳои иқтисод, иҷтимоиёт, илму фарҳанг ва сиёсии кишвар ба он вобаста аст. Солҳои зиёд аст, ки олимону мутахассисон, мушовирону омӯзгорони эҷодкору навовар ба фаъолияти педагогии омӯзгор диққати махсус дода, роҳу технологияҳои педагогии самаранок ва натиҷабахшро ҷустуҷӯву таҳқиқ карда, дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, нишастҳои илмӣ-

методӣ ва семинару мизҳои мудаввар фикру мулоҳизаҳои худро иброз намуда, натиҷаҳои назарраси онро дар дастурҳои илмиву методӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ ба табъ расонида, дастраси омӯзгорон гардонида истодаанд.

«Забони тоҷикӣ дар байни фанҳои таълим нақши махсус дошта, вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Ин фан талабагонро ба малакаҳои муомилаву муошироти зарурии омӯхтани фанҳои дигар мусаллаҳ месозад. Забони тоҷикӣ дар ҳамаи зинаҳои таълим фанни асосӣ буда, ҳамчунин барои ҳамгироии фанҳои гуногун нақши бузург дорад. Он барои рушди тафаккур, изҳори андешаи шахсӣ, ташаккули муоширату муносибати иҷтимоӣ ва тасаввурот дар барои ҷаҳон ва табодули фарҳанг чун восита хидмат мекунад» [1, 5 с.].

Омӯзиши забони тоҷикӣ ду самти асосӣ, мисли: забонӣ ва иртиботиро фаро мегирад. Самти забонӣ омӯзиши грамматика ва самти иртиботӣ бошад услубҳои матнро меомӯзонанд. Ҳар ду самт бо ҳам алоқаи зич дошта, дар пайвстагӣ бояд таълим дода шаванд.

Омӯзиши забони тоҷикӣ дар синфҳои 5-7 102 соат ва дар синфҳои 8 – 9 68 соатро фаро мегирад. Аз синфи 5 сар карда, хонандагон грамматикаи забони тоҷикиро (дар синфҳои 5-6 – боби фонетика в морфология: имлои баъзе садоноку ҳамсадоҳо ва ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ; синфи 7 – боби морфология: ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ва дар синфҳои 8-9 - боби синтаксис) давра ба давра васеътар меомӯзанд. Барномаи забони тоҷикӣ баҳри самаранокии таълими фан ба омӯзгор имконияти каму зиёд намудани соатҳои таълимиро додааст, мисли: «…барои як андоза осон намудани кори омӯзгор ин миқдори соатҳо ба фаслу бобҳо низ тақсим карда шуда бошанд ҳам, чунин тақсимост нисбист. Дар ин бобат омӯзгорон моҳияти масъаларо ба ҳисоб гирифта, миқдори соатҳои фаслу бобҳоро метавонанд каму зиёд кунанд» [2, 5 с.]. Яъне омӯзгор метавонад вобаста ба дониш, маҳорат ва малакаи шогирдони худ такя намуда, соатҳои фаслу бобҳои мавзӯии барномаро тағйир дода, таълими забони тоҷикиро мақсаднок ба роҳ монад. Пас саволе ба миён меояд, ки чаро дар чунин ҳаҷми соатҳои ҷудошуда ва имконияти пешовардаи барномаи таълим бештари шогирдон нутқи бурро надоранду дар ибрози фикру ақидаи шахсии худ ба мушкилот дучор мешаванд? Дар нутқи хаттӣ бошад, ба ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ роҳ медиҳанд? Ҳол он ки барномаи таълим тамоми паҳлӯҳои грамматикаи забони тоҷикиро фаро гирифтаасту ба омӯзгор имконияти эҷод кардану рушд додани нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагонро муҳайё намудааст.

Мушоҳида ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе машғулиятҳои омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ бештар ба омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ равона шудаанд. Хонанда дар дарси забони тоҷикӣ танҳо бо иҷрои машқу супориши китоби дарсӣ, кӯчонидани матн ба дафтар, таҳлили фонетикӣ, морфологиву синтаксӣ ва азёду такрор кардани қоида машғул аст. Яъне мазмуну муҳтавои асосии дарси забони тоҷикӣ бештар ба самти омӯзиши забонӣ (грамматика) равона буда, он нисбат ба самти иртиботӣ бештар афазалият дорад. Донистани грамматикаи забони тоҷикӣ барои хонанда муҳим аст, лекин ҳеҷ гоҳ фаромӯш набояд кард, ки самти иртиботӣ низ дар рушди муоширатии инсон саҳми афзалиятнок дорад. Афсус, ки омӯзгорон дар машғулиятҳои худ ба ин самт беаҳмиятӣ зоҳир менамоянд.

Академик, доктори илмҳои педагогика Муҳаммад Лутфуллозода дар китоби «Педагогикаи миллии халқи тоҷик» қайд кардааст, ки омӯзгор фаъолияти худро дар доираи шарҳу эзоҳ, фаҳмондадиҳӣ ва муносибати авторитарӣ «ман шарҳ медиҳам, шумо гӯш кунед», «ман мефаҳмонам шумо мефаҳмед» маҳдуд кардааст, ки ин дар педагогикаи муосир ҳамчун хатои омӯзгор ҳисобида мешавад. [3, 637 с.]. Дар ҳақиқат, айни ҳол бештари омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ дар машғулиятҳои худ методу усули анъанавиро, мисли: фаҳмондадиҳӣ, кор бо китоби дарсӣ, иҷрои машқу супориш, таҳлили грамматикӣ, суҳбат, саволу ҷавоб

ва ғ. истифода мебаранд, ки баъзе аз онҳо барои рушди тафаккури хонандагон қабили қабул нестанд. Дарсҳо аз пурсиши вазифи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, азёд ва такрори қоида, иҷрои машқу супоришҳои грамматикӣ оғоз ёфта, бо он анҷом меёбанд. Дарсҳо якранг ва дилгиркунанда мегузаранд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки чунин муносибати омӯзгор ба таълиму омӯзиши забони тоҷикӣ натиҷаи хуб намебахшад. Баҳри самаранокии таълими фанни забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгор бояд ба технологияи педагогии муосир ва методу усули самарабахши таълим рӯ оварда, муттасил дар дарсҳои худ онро татбиқ намояд. Чунки барои рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикии хонандагон технологияи педагогии муосири таълим ва методу усули фаъол натиҷаи дилхоҳ дода метавонанд.

Омӯзгори имрӯза бояд пештози татбиқи навгонию навовариҳои соҳа буда, доимо маҳорати касбии худро такмил бахшад. Аз сарчашмаҳои илмию методӣ истифода бурда, дониши касбии худро сайқал диҳад ва шавқу завқи шогирдонашро ба омӯзиши забони тоҷикӣ афзун намояд.

Имрӯз истифодаи усулу технологияҳои педагогии гуногуни таълим барои такмили дониши касбии кормандони соҳаи маориф ва инкишофи шахсияту тафаккури хонандагон аҳамияти хосса доранд [4, 193 с.].

## КИТОБНОМА:


1. Аминов С. Стандарти фанни забони тоҷикӣ ва раҳнамои омӯзгор (синфҳои 5-9). -Душанбе, 2012. - 92 с.
2. Барномаи забони тоҷикӣ. Барои синфҳои 5-11. - Душанбе, 2006, - 40 с.
3. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. Осори педагогӣ. Ҷилди 6. - Душанбе, 2015, - 704 с.
4. Тошбоева З. Технологияи педагогӣ – мазмун ва вазифаҳои он. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). № 3\9 (154). Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. - Душанбе, «Сино», 2015, - 193 с.


## ЭФФЕКТИВНЫЕ ПУТИ ОБУЧЕНИЯ В ИЗУЧЕНИИ РОДНОГО ЯЗЫКА


***З. ТОШБОЕВА***



***С***труктура образования во всех странах является главной структорой, так как все другие отрасли как промышленность, наука и культура а также политика тесно связаны с ней.



*Ключевые слова: образование, родной язык, пути обучения, изучение.*


## *EFFECTIVE WAYS OF TECHING IN LEARNING NATIVE LANGUAGE*


***Z. TOSHBOEVA***



The structure of education in all countries it's the main structure, because all other spheres as like as industry, science and culture and politic closely connected with it.



***Key words:*** *Education, Native language, ways of teahing, teaching*.

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ МУСБАТ ВА МАНФИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ДАР ДАРС

***М. НАСРУЛЛОЕВ***
***номзади илмҳои филологӣ, устоди ДДЗТ***
***ба номи Сотим Улугзода***

***Ш . АБДУЛАЗИЗОВ***
***ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи А. Ҷомии АТТ***

Воситаҳои техникии нав зиндагии ҳамарӯзаи моро муайян мекунанд ва пеш аз ҳама, ба насли нав таъсиргузор мебошанд. Ворид шудан ба технологияи иртиботӣ раванди бозгарданда нест ва ҳар нафаре, ки ҳамқадами он аст, зудтар ба рушди маънавӣ мерасад.

Мусаллам аст, ки баъзе хонандагон аз омӯзгорон беҳтару хубтар бо технологияи иттилоотӣ ошно ҳастанд. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки ҳар чӣ бештар маҳорати касбии хешро сайқал диҳад. Бояд ҳамеша ҷустуҷӯ намуд ва таҷрибаи навро хуш истиқбол кард. Агар раваду донишҷӯ нисбат ба омӯзгор (хусусан, омӯзгори ҷавон) аз дастовардҳои навини техникӣ хубтар огоҳ бошад, умеду ихлос ба омӯзгор коста мегардад. Гузашта аз ин агар омӯзгор дар тахта хато нависад, ё ин ки дар намоиши ягон мавод компютераш ҳарфҳои тоҷикӣ надошта бошад, аз имлои нави забони тоҷикӣ огоҳ набошад, дилмондагии хонандагон аз ӯ боз ҳам меафзояд.

Технологияи навин, аз ҷумла, интернет, тахтаи электронӣ ва монанди инҳо фазои таҳсилотро то андозае шавқовар сохта, малакаву маҳорати муҳассилинро дар зинаи нави таълим тақвият мебахшад ва ҳам боиси ангезаи шавқу ҳаваси донишазхудкунии хонандагон мешавад.

Дигар ин ки бе истифодаи асбобҳои техникии муосир раванди таълим бемаъност.

Бояд тазаккур дод, ки тенологияи навин фаъолияти инсонро дар дастрасӣ ба иттилооти зиёд ва коркарди он, тақвият бахшидани имкониятҳои даркнамоию таҳқиқотӣ, маҳорати табодули иттилоот созмон додани системаи нави иртиботӣ тавсия мебахшад. Воситаҳои нави техникӣ ба ташкили усули нави идоракунӣ ва ташаккули дониш мусоидат мекунад.

Бояд донист, ки чунин суръати тараққиёти технологияи иттилоотӣ ашхосеро, ки ихтисос ва дониши худро такмил намедиҳанд, ба чандин мушкилоти маънавию иқтисодӣ дучор меорад. Аз ин рӯ, ин ҳолат зарурати ташкили раванди пайвастаи такмили ихтисоси омӯзгоронро тақозо менамояд.

Яке аз бартариҳои тахтаи эелектронӣ дар он аст, ки омӯзгор бо истифода аз он метавонад бештари корҳои мавриди ниёзро иҷро намояд. Масалан, ҷадвалсозӣ, истифодаи расм, фигураҳои геометриро ном бурд. Ҳамчунин дар асоси як слайд метавонем, чандин маълумотро пешниҳод намоем, ки ба тафаккури хонанда таъсиргузор бошад.

Дар баробари бартариҳо низ як қатор камбуду норасоиҳои технологияи информатсиониро низ ба назар гирифтан даркор аст. Масалан технологияи

иттилоотӣ ҳеч гоҳ ҷойи китобро намегирад. Хондани китоб манбаи асосии зиёд намудан ва ҷаҳонбинӣ дониш мебошад. Бояд гуфт, ки тарзу усули хондани китоб то андозае тағйир ёфтааст. Китоб имрӯз на танҳо ба он шаклу маъноест, ки мо мефаҳмем. Зери мафҳуми **китоб** имрӯз китоби электронӣ ҳам фаҳмида мешавад. **Хондан** бошад, хондани китобу маҷалларо дар назар надорад, балки зери ин мафҳум (хондан) гирифтани иттилоот аз сайтҳои гуногуни интернетӣ ҳам дар мадди назар аст. Чунки имрӯз маҳз интернет забони иртибот ба ҳисоб меравад. Солҳост, ки баъзе олимон бо қаламу коғаз наменависанд, аммо дар маҷмӯъ бештар аз пештар эҷод мекунанд.

Веростириву ороиши матн низ ьавассути компютер осону хуб анҷом дода мешавад ва суръати амалро низ тавассути компютер осону хуб анҷом дода мешавад ва суръати амалро низ метезонад. Ҳангоми таҳияи мақолаҳо зарурати истифода аз фарҳангҳо пеш меояд, ки тавассути нусхаи электронии онҳо кор осонтар мешавад ва вақт сарфа мегардад. Мутаассифона, яке мушкилоти асосии насли ҷавон маҳз дастрасӣ надоштан ба чунин имконотҳо аст.

Акнун бояд гӯем, ки даст аз қаламу қоғаз бегона гашта ҳусни хат ва малакаҳои хушнависӣ фаромӯш мешавад. Аммо чӣ метавон кард, ки ҳар ҳамон ҳукми хешро дорад.

Ҷанбаи дигари манфии технологияи информатсионӣ дар он аст, ки нутқи шифоҳии хонандагон коста гардида, ҷиҳатҳои талаффузи сареҳ (орфоэпия) умуман ба назар гирифта намешаванд.

Дигар ин ки дар фасли зимистони Тоҷикистони имрӯзи мо қувваи барқ пурра танҳо дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо дида мешаваду халос. Дар ноҳия ва рустоҳои ҷумҳурӣ норасоии барқ вуҷуд дорад. Пас усули таълими фанҳо ба воситаи технологияи иттилоотӣ танҳо барои чанд моҳе, ки ҳаво гарм аст, таъмин мешаваду халос.

Дар даврони феълии мо садҳо усулу методи нави таълим аз ҷумла воситаи таълимии техникӣ ва дастурҳои омӯзишӣ, ки аллакай ҷойи муайянеро соҳиб гаштааст, омӯзгори имрӯзаро бетараф гузошта наметавонад. Баръакс омӯзгорро ба фаъолияти бештар водор менамояд, ки аз болои худ кор кунад.

## КИТОБНОМА:


1. Шарифов М. Истифодаи васоити техникӣ дар раванди таълими фанҳои ҷомеашиносӣ // Илм ва инноватсия (Маҷаллаи илмӣ ва методӣ).- Душанбе, 2013. – С. 29-32.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе, 1973, 451 с.
3. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2012.


## НЕКОТОРЫЕ ПОЛОЖИТЕЛЬНЫЕ И ОТРИЦАТЕЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ НА УРОКАХ


*М.НАСРУЛЛОЕВ*
*Ш. АБДУЛАЗИЗОВ*

В данной статье автор попытался на основе существующего положения показать положительные и отрицательные аспекты использования информационной технологии на уроках.

***Ключевые слова:*** *информационная технология, положительные и отрицательные аспекты, книга, письменность, интернет, преподаватель.*

## SOME ADVANTAGES AND DISADVANTAGES OF INFORMATION TECHNOLOGY IN CLASSES

***M .NASRULLOEV***
***SH. ABDULAZIZOV***

In this article the author tries to show some advantages and disadvantages of information technology in classes on the basis of the particular cases.

***Keywords:*** *information technology, advantage, disadvantage, book, letter, Internet, teacher*.

## ИСТИФОДАИ НОМВОЖАҲОИ ГЕОГРАФӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

***Б. ҚУДРАТОВА,***
***унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ***

Забони адабии тоҷик дорои таркиби устувору пурғановат буда, яке аз қабатҳои луғавии онро номҳои географӣ, яъне топонимҳо ташкил медиҳанд. Топонимҳо низ дар навбати худ вобаста ба фарогирии номҳои гуногуни географӣ ба чандин зергурӯҳҳо ҷудо мешавад. Чунончи, ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия ва ғайра аз амсоли инҳо мебошад.

Доир ба ин зергурухи топонимӣ ва дараҷаи истеъмоли онҳо дар забоншиносони тоҷик корҳои тадқиқотию пурмуҳтаво таълиф гардидаанд ва аз онҳо доир ба ин истилоҳ маълумоти зарурӣ пайдо намудан мумкин аст. Мо тасмим гирифтем, ки роҷеъ ба ташаккули гидронимҳои Тоҷикистон (мавзеъҳои обдор, кӯл ва дарёҳо), ки дар китобҳои дарсии забони модарӣ дар синфҳои 5 – 11 дар муассисаҳои таълимӣ истифода шудааст, чанд маълумоте диҳем.

Гидронимия аз калимаи hidro – и юнонӣ гирифта шуда, дар илми топонимика мавзеи географиеро мефаҳмонад, ки бо алоқаманд аст. Onumiya-юнонӣ, ном ва гидрономия маҷмӯи номҳои мавзеъҳои обӣ мебошад.

Омӯзиши мавзеъҳои обдор ва обҳои дохилии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 8) дар литсейю гимназияҳо (синфи 10) яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Хонандагон ба масъалаҳои назариявии обҳои кишвар шинос мешаванд. Аммо дар рафти таълим дар китобҳои забони модарӣ дар синфҳои 5 – 11 дар ҷараёни дарс ва корҳои берунаазсинфӣ дар ҳар як мавзӯъ ва машқҳои амалии забони модарӣ гидронимҳои зиёде ба назар

мерасанд. Масалан, номвожаҳо дар китоби дарсии забони тоҷикӣ синфи 5 муаллифон (Ш .Бобомуродов, С. Сабзаев,С. Набиева)

1. Тоҷикистон(саҳ.10,10,10,10,10,10,10,12,23,23,23,23,23,23,23,23,24,25,30,62,63,69,70,85,85,85,85,85,85,85,85,85,85,85,86,86,95,95,95,103,125,150,161,161,178,178,178,186,188,193,194,194,194,194,197,197,197) 58 маротиба омадааст.
2. Афғонистон –(саҳ. 4,9,192) 3 мотибара омадааст.
3. Эрон – (саҳ. 9,65,178,179) 4 маротиба омадааст.
4. Покистон – (саҳ. 9 ) 1 маротиба омадааст.
5. Ҳиндустон – (саҳ. 9,200 ) 2 маротиба омадааст.
6. Арабистон – (саҳ .9) 1 маротиба омадааст.
7. Душанбе – (саҳ. 14,14,14,14,15,15,80,100,117,125,170) 11 маротиба омадааст.
8. Бухоро – (саҳ. 27,86,244) 3 маротиба омадааст.
9. Самарканд – (саҳ. 196) 1 маротиба омадааст.
10. Юнон – (саҳ. 21,62) 2маротиба омадааст.
11. Тӯс– (саҳ .31,125) 2маротиба омадааст.
12. Ереван – (саҳ.113) 1 маротиба омадааст.
13. Байтулмуқаддас– (саҳ.50) 1 маротиба омадааст.
14. Зиддӣ – (саҳ.50) 1 маротиба омадааст.
15. Калкута – (саҳ. 50)1маротиба омадааст.
16. Лиссабон – (саҳ. 50)1маротиба омадааст.
17. Мовароуннаҳр – (саҳ.50) 1 маротиба омадааст.
18. Бохтар – (саҳ. 62,62,62,62,62,62,62,62) 8 маротиба омадааст.
19. Миср – (саҳ. 62) 1 маротиба омадааст.
20. Бобул – (саҳ.62)1маротиба омадааст.
21. Боҳдӣ – (саҳ.62)1маротиба омадааст.
22. Балх – (саҳ.62,125) 2 маротиба омадааст.
23. Ғарм – (саҳ.68)1маротиба омадааст.
24. Навобод – (саҳ.68,177)2 маротиба омадааст.
25. Бомбай – (саҳ.74)1маротиба омадааст.
26. Берлин – (саҳ.71)1 маротиба омадааст.
27. Амрико – (саҳ.71)1 маротиба омадааст.
28. Кангурт – (саҳ.76)1 маротиба омадааст.
29. Норак – (саҳ.77,105,107,108)4 маротиба омадааст.
30. Басра –( саҳ.83) 1 маротиба омадааст.
31. Украина – (саҳ.101) 1 маротиба омадааст.
32. Москва– (саҳ.106,177) 2 маротиба омадааст.
33. Чормағзак – (саҳ.107) 1 маротиба омадааст.
34. Чашма – (саҳ.107) 1 маротиба омадааст.
35. Панҷакент – (саҳ.131) 1 маротиба омадааст.
36. Ленинобод – (саҳ.116,117,117) 3 маротиба омадааст.
37. Заркамар – (саҳ.116,116) 2 маротиба омадааст.
38. Хуҷанд – (саҳ.117) 1 маротиба омадааст.
39. Суғд – (саҳ.117,177,178) 3 маротиба омадааст.
40. Харангон – (саҳ.125) 1 маротиба омадааст.
41. Деҳлӣ – (саҳ.178) 1 маротиба омадааст.

42. Хоруғ – (саҳ.130,178) 2 маротиба омадааст.
43. Кӯлоб – (саҳ.130,177) 2 маротиба омадааст.
44. Табаристон – (саҳ.138) 1 маротиба омадааст.
45. Доғмон – (саҳ.169) 1 маротиба омадааст.
46. Қаратоғ – (саҳ.176) 1 маротиба омадааст.
47. Ҳисор – (саҳ.176,178) 2 маротиба омадааст.
48. Фархор – (саҳ.178) 1 маротиба омадааст.
49. Зарафшон – (саҳ.177) 1 маротиба омадааст.
50. Осиё – (саҳ.177) 1 маротиба омадааст.
51. Кобул – (саҳ.192,192) 2 маротиба омадааст.
52. Ғазнӣ – (саҳ.208) 1 маротиба омадааст.
53. Доғистон – (саҳ.215) 1 маротиба омадааст.
54. Хуросон – (саҳ.219) 1 маротиба омадааст.
55. Соктаре – (саҳ.244) 1 маротиба омадааст.
56. Чоркуҳ – (саҳ.185) 1 маротиба омадааст.
57. Чорбед – (саҳ.185) 1 маротиба омадааст.
58. Боботоғ – (саҳ.185) 1 маротиба омадааст.
59. Варзик – (саҳ.177) 1 маротиба омадааст.
60. Сурхоб – (саҳ.177) 1 маротиба омадааст.

Зимни пажӯҳиш аз ин китобҳои таълимӣ як қатор номвожаҳоро ҷудо намудем, ки мавзеъҳои обдор, дарё, дарёчаҳо, кӯл ва номҳоеро, ки ба об марбутанд дар бар мегирад. Аз ҷумла, Омӯ, Амударё, Сир, Сирдарё, Вахш, Зарафшон, Варзоб, Кофарниҳон, Искандаркӯл, Мовароуннаҳр, Вобканд, Кӯлканд, Пасруд, Панҷоб, Норак, Чашма, Сурхоб, Сурхундарё, Панҷрӯд, Панҷ, Тагоб, Анзоб, Лучоб, Мурғоб, Фароб, Хингоб, Яғноб ва монанди инҳо.

Дар ҳар як дарси забон ва адабиёти тоҷик бо чунин калимаҳо дучор мешавем, ки аз тарафи муаллим шарҳу эзоҳ металабанд. Масалан, дар дарси забон чунин номвожаҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб ва маъно таҳлил менамоем, дар дарси адабиёт бошад, аз рӯйи намунаи эҷодиёти ин ё он шоир ва нависанда истифодаи ин гуна калимаҳоро хоҳ дар назм бошад ва хоҳ дар наср бояд аз рӯйи маҳалли ҷойгиршавӣ, иқлим ва урфу одати мардуми он мавзеъ ҷоиз медонем, онҳоро дар харита нишон медиҳем. Шояд хонандагони зираку кунҷков ба омӯзгор савол диҳанд, ки номҳои ин дарёҳо (Омӯ, Сир, Вахш, Зарафшон, Варзоб, Анзоб, Лучоб, Фароб. Яғноб, Мурғоб, Хингоб) ва мавзеъҳо чӣ маъно доранд, ба кадом забонҳо марбутанд, ин номҳоро чӣ тавр тафсир кардан мумкин аст? Аҷаб нест, ки ин гуна саволҳо омӯзгоронро дар вазъи ногувор монанд ва дар назди шогирдон хиҷолатманд шаванд. Бисёре аз мақолаҳо дар маҷаллаю маҷмӯаҳои марказии замони шӯравӣ ва ё дар ахбору гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмию таълимӣ нашр шудаанду аз ин рӯ, дастрасии онҳо барои ҳама осон нест. Аз ин хотир, тасмим гирифтем ки барои андаке сабук намудани кори омӯзгорон доир ба ҳар яки ин гидронимҳо маълумоти фишурда дода, таҳлили лингвистӣ намоем.

Дар маъхазҳои антиқӣ Амударё бо исми Окс (Оксус) сабт шудааст ва аз номи шаҳри қадимаи Омул ки дар назди шаҳри ҳозираи Чорҷӯйи Туркманистон воқеъ буда, дар луғати “Бурҳони Қотеъ”Омӯй “ба маънои лаболаб, пуробшуда

омадааст. Дар фарҳанги “Онандроҷ” ин истилохро “Мамлув”, “Лабрез” маънидод кардаанд [А.Девонақулов. Асрори номҳои кишвар. – Душанбе 1989, с 22-23].

Пас, мо метавонем маънои луғавии Амударёро бо махфумҳои дарёи пуроб,лабрез, сероб, лаболаб ифода намоем.Ин вожа ифодагари гидроними аз ҷиҳати сохт мураккаб буда,аз ҷузъҳои Ому ва дарё таркиб ёфтааст ,ки маънояш дарёи пуроб,сероб ва лаболаб аст.

**Сирдарё:** ба андешаи таърихнигорон номи имрӯзаи Сирдарё нисбатан ҷавон буда, аз асри 19 пайдо шудааст. Ҳар яке аз номҳои гузашта пайдошудаи Сирдарё ба худ маънои хосро ифода мекунад. Масалан муаллифони антиқӣ онро Яксарт-марвориддарё номбар кардаанд. Географҳои араб Сирдарёро Сайҳун ном бурдаанд, ки маънои он дарёи калон мебошад. Мувофиқи тавсифи географ – топонимшиноси рус Е.М.Поспелов “Дар номи имрӯзаи сирдарё мазмуни форсӣ тоҷикӣ ҳис карда мешавад. Истилохи дарё дар забони форсӣ маънои рӯди калонро дорад сир бошад ба маънои сер бисёр фаровон хуб омада, дар маҷмӯъ маънои фаровонобро медиҳад” [Е.М.Поспелов. Школьный топонимический словарь.-М;] «Просвещение,1988,с.183».

Воқеан Сирдарё дарёи калони сероб аст, ки аз байни чаҳор ҷумҳурҳои Осиёи Марказӣ Қазоқистон. Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон гузашта, барои корҳои гуногуни хоҷагӣ пурра сарф мешавад ба сокинони ин ҷумҳуриҳо неъмати фаровон мебахшад. Муҳитро шодоб ва сафои зиндагиро имконпазир мегардонад, пас номи онро Сирдарё гуфтан мувофиқи матлаб аст. Ин калима аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои сир ва дарё таркиб ёфтааст.

**Вахш**-ин калима аз чиҳати сохт сода буда, яке аз шохоби калон ва аҳамияти бузурги хоҷагидоштаи Амударё мебошад. Баъзеҳо исми Вахшро омиёна тавсиф карда, онро ваҳшӣ (ёбоӣ, саркаш) ба қалам медиҳанд. Дар забони арабӣ калимаи ваҳш ба маънои ҳайвони ваҳшӣ истеъмол мешавад. Лекин калимаи Вахш бо калимаи ваҳшии арабӣ ҳеҷ қаробате надорад. Устод Айнӣ “Вахш”-ро калимаи қадимаи тоҷикӣ суғдӣ ҳисобида, маъношро ибтидо оғоз ба қалам дода, дар канори он мавҷуд будани шаҳри ободу зебои Вахшро номбар кардааст.{Айнӣ. Куллиёт.ч.12}

**Зарафшон:** ин вожа аз ҷиҳати сохт мураккаб буда,аз ду реша зар ва афшон иборат аст ки ҳар ду реша маъноҳои ба худ хос доранд. Дар асарҳои таърихӣ ва географҳои Юнон ки пас аз истилои ватани мо аз тарафи Искандари Макдуни навишта шудаанд, дарёи Зарафшон бо исми Полимелит сабт гаштааст. Бинобар маълумоти номзади илми филология Саидумар Султон, ки бо китоби муаррихи Юнон Кант Куро шинос шудааст, дарёи Зарафшон он вақт Пули Таймат ном доштааст (китоби 7 банди 10) (ниг. Омӯзгор 16 январи соли 1999). Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки юнониҳо номи қадимаи Зарафшон - Пули Тайматро ба талаффузи забони худ мувофиқ гардонида, онро Политимет номидаанд. Ин дарё дар давраҳои забткории арабҳо ба худ чунин номҳоро гирифтааст. Рӯди Суғд , Наҳр ул Бухоро, Рӯди Самарканд ва ғайраҳо (ниг. Омӯзгор 16 январи соли 1999) . Дар замони ҳукмронии давлати сомониён (дар асрҳои 9 , 10) ва мустаҳкам гардидани пояи забони тоҷикӣ ин дарё ба худ номи “ рӯди Зар”ро гирифтааст ва ниҳоят дар асри 18 номи рӯди Зар забончаспу дилнавоз шуда, ба “Зарафшон” бадал шудааст, ки мазмуну муҳтавои воқеии хосияти ин дарёро ифода мекунад. Дар китоби географи шинохта { Е.М.Поспелов “Луғати мактабии топоними”

1988с 72} омадааст, ки номи дарёи зарафшон аз калимаи тоҷикии “Зарафшон” баромадааст. Баъдан тахмин кардааст, ки ин ном шояд ба маънои маҷозияш кор фармуда шуда бошад, зеро аҳамияти он дар зироатпарвари беҳад калон аст ва ба маънои аслии зар яъне тило рӯ ооварда чунин гуфтааст: “Дар реги ин дарё порчаҳои рехтаи тило хеле фузун аст ва дар Хуросон чунин дарё нест, ки аз он бештар тило дошта бошад”. Воқеан Зарафшон ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозиаш дарёи зарфишон аст .

**Варзоб** – номи дара ва дарёест, ки дар самти шимолӣ шарқии Душанбе воқеъ гардида, аз ҷузъҳои варз – калимаи тоҷикӣ ба маънои замини баланд ва об-дарё таркиб ёфта, маънояш дарё, ки аз боло ё баландӣ ҷорӣ мегардад, мебошад. Варзобро ҳамчун баладноб ва ё оби аз баландӣ ҷоришаванда метавон маънидод кард. Варзоб аслан номи дарё буда, пасон номи водӣ дараи Варзоб, шаҳраки Варзоб ва ноҳияи Варзоб пайдо шудааст.

**Лучоб** – номи дарё ва номи деҳа аст. Лучоб чун номи дарё ба гурӯҳи гидронимҳо дохил мешавад ва ин дарё аз нишебии қаторкӯҳи Ҳисор ҷорӣ мешавад. Манбаи асосии пайдоиши ин дарё барф буда, асосан аз байни дараи чуқур ҷорӣ мегардад. Вожаи лучоб аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои луч-урён, кушода, боз ва об-дарё, чизи моеи шаффоф таркиб ёфтааст, ки ҳар ду ҷузъ ба забони тоҷикӣ тааллуқ дорад. {Тӯраев Б. С 420}

**Фароб** – фороб – номи мавзеъ ва дарё . Дар ноҳияи Панҷакент. Ин калима аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои фар – боло баландӣ ва об дарё иборат аст ва маънояш болооб мебошад ки ин ҷузъҳо калимаи тоҷикианд.

**Яғноб** – номи дара ва мавзеъ ва яке аз дарёҳои нисбатан калони музофоти Зарафшон дар ноҳияи Айнӣ мебошад. Он дар байни қаторкӯҳи Зарафшон дар шимол ва силсилакӯҳи Ҳисор аз ҷануб ҳаракат мекунад. Калимаи мазкур аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъи яғн-суғдӣ ва об дарё таркиб ёфтааст.

Пас калимаи Яғноб чи маъно дорад? Б.Ҳайдарзод дар мақолаи худ чунин изҳор кардааст “Ба ақидаи мо , мафҳуми “Яғноб”аз калимаҳои яғнобии “яғд”-васеъ паҳн фаррох ва “нов”-водӣ баромадааст” яъне дараи васеъ мебошад.

**Мурғоб** номи мавзеъ, дарё дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад. Калима аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои мурғ //марғ ва об таркиб ёфтааст. Маънои ҷузъи мурғ//марғ сабзазор аст ва дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима дар шакли марғзор истифода мегардад. Маънои луғавии вожаи Мурғоб мавзеи сарсабз дар миёни ях аст ва дарё, ки аз ҳамин мавзеъ ҷорист, Мурғоб ном дошта, маънои оберо далолат мекунад, ки аз сабзазор меояд.

**Хингоб** номи дарё дар Вахё . Вожаи мазкур аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз хинг асп, аспи сафеду хокистарранг ва об дарё таркиб ёфтааст. Ба ҳамин маъно хинг дар адабиёти классикӣ хеле зиёд истифода гардида , дар забони маҳаллӣ ба маънои хира тира корбаст мегардад{Тӯраев Б. С 479}.
Пас, маънои луғавии хингоб дарёест, ки обаш тира, хира аст. Ин дарё дар қисми ҷанубӣ шарқии Тоҷикистон ҷорӣ гардида, аз пиряхҳои бузург сарчашма мегирад ва дарозиаш 136 км аст.

**Сурхоб** номи дарё дар водии Қаротегин ё Раштонзамин. Ин калима аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъи - сурх аломати ашё, ранг ва об дарё таркиб ёфтааст. Маънои луғавии ин вожа ба ранги сурх рабт дорад ва макone, ки дарё аз он сарчашма мегирад, комилан талу теппаҳо сурхранг ба чашм мерасад.

Хулоса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёҳо, кӯлҳо ва чашмаҳо хеле зиёданд, ки онҳо ба пажӯҳишутавсифи топонимӣ ниёз доранд.

**КИТОБНОМА** *:*

1. А. Девонақулов. Асрори номҳои кишвар. –Душанбе 1989.
2. Айни С. Куллиёт. Ҷ.12. –Душанбе: Ирфон 1976. 770с.
3. Алимӣ Ҷумахон. Топонимика. –Душанбе. 1996 80с.
4. Исмоилов Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо. –Душанбе.1994.64с.
5. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. –Душанбе 2001 .163с.
6. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд. –Душанбе 2002. 104.
7. Эшниёзов М. Қазияи вожаноманависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ. –Душанбе 1999. 300с.
8. Тураев Б. Аз таърихи микротопонимияи Яғнобдара //Забон рукни тоат. – Дшанбе .2004 .с 51 52.
9. Е. М. Поспелов. Школьное топонимический словарь. 1988 . 183с.
10. Шодиев Рустам. Масоили лингвистии номвожаҳои таърихии Хатлон. – Душанбе.2016.118с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ ҷилди 1, 2. 1969.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ НАЗВАНИЙ НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ

***Б. КУДРАТОВА***

В статье говорится о географических названиях, использованных на уроках родного языка и литературы. А также об их расположенности и истории появления.

***Ключевые слова***: *географические названия, природная сила, история, родной язык и литература.*

## THE USE OF MODERN TECHNOLOGY OF TECHING AT THE ARABIC LANGUAGE LESSON

***B. KUDRATOVA***

In article says about geographic names, usings at the Native language and literature. And also about their and history of appearing.

***Key words:*** *geographic names, natural poverment, history, Native language and literature.*

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АРАБӢ

***С. ҶОНОВ***
***унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи А. Ҷомии АТТ***

Забони арабӣ яке аз забонҳои маъруф ва ғании дунё ба шумор рафта, омӯзиши он солҳои зиёд аст, ки дар баробари дигар забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст.

Доир ба омӯзиш ва таълими забони арабӣ муҳаққиқ А. Эмомов чунин мегӯяд: "Омӯзиш ва таълими забони арабӣ дар Осиёи Миёна, бахусус дар Тоҷикистон таърихи беш аз ҳазорсола дошта, дар ҳама асру замон муносибат ба ин забони наҷиб ва барои мо муқаддас, забони Қуръон ва дини мубини Ислом аз рӯйи мавод ва дастурҳои гуногун таълим дода мешуд"[6]. Аз ин рӯ, назар ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки таълими забони арабӣ характери диннӣ дошт, ки баъди зуҳури Ислом дар сарзамини форсизабонон мадрасаҳо пайдо шуданд ва таълимашон ба забони арабӣ буд.

Дар Мовароуннаҳру Хуросон низ омӯзиши забони арабӣ авҷ гирифта буд. Мувофиқи маълумоти устод С. Айни омӯзиши он 9-10-сол идома меёфт ва аз рӯйи давраҳои таълим ба гунаи зер тақсим мешуд: Дар соли якум китобҳои "Аввали илм", "Бидон", "Муизӣ"…, соли дуюм ва сеюм китобҳои "Занҷонӣ", "Авомил", "Ҳаракот" ва бо саршавии хониши "Мухтасари виқоя" ба охир мерасид. Соли чорум ва панҷум китоби "Кофия" таълим дода шуда, дар баробари ин омӯхтани китоби "Мухтасари виқоя" давом мекард. Соли шашум ва ҳафтум китобӣ "Шарҳимулло", соли ҳаштум ва нӯҳум китобҳои "Шамсия", "Ҳошия" (китоби аввал оид ба мантиқ, дуюмаш шарҳ оид ба он) таълим дода мешуданд.

Ин шакли таълими забони арабӣ бо мурури замон тағйир ёфт. А. Эмомов бо ҳам навиштааст: "Ҳамин аҳвол то солҳои 20-уми асри XX идома ёфта, инқилоби Октябри рус ба он хотима бахшид, балки умуман омӯзиши илмҳои диннӣ ва дар қатори он забони арабиро ҳам, ки ба хотири илмҳои диннӣ таълим дода мешуд, мамнӯъ эълон намуд"[6]. Аз ҳамин давра таълими забони арабӣ шакли дигар гирифт, ки аз ҷониби донишмандони соҳа тавассути нақшаву барнома ва дастурҳои таълимию методӣ такмил дода мешавад.

Имрӯз таълими забони арабӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва бархе аз гимназияву литсейҳо ба роҳ монда шудааст, ки мақсаду вазифаи худро дорад. Чуноне ки таъкид шудааст: "Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вусъат пайдо намудани равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ва махсусан, кишварҳои араб таълими забони арабӣ яке аз воситаҳои муҳими беҳтар кардани алоқаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбад"[3].

Раванди "таълими инноватсионӣ", ки дар он нақши воситаҳои техникӣ аз ҷумла компютер хеле муассир аст, тақозо менамояд, ки имконоти корбурди васоити техникӣ пурра ва самаранок мавриди истифода қарор бигиранд. С. Шербоев дар китоби худ "Методикаи таълими забони тоҷикӣ" чунин қайд кардааст: "Истифодаи воситаҳои техникӣ–магнитофон, радио, телевизор, филмҳои таълимӣ, кодоскоп, эпидиоскоп, диафилмҳо ва компютер дар дарсҳои забони тоҷикӣ мисли аёнияти графикии таълим (таблитса ва схемаҳои гуногун) нақши муҳиммеро доро буда, барои аёнӣ ва ҳам шавқовар ташкил намудани машғулиятҳо имкониятҳои хубро фароҳам оварда, дар баланд бардоштани фаъолияти забономӯзии хонандагон, бахусус, дар ҷараёни ташкили корҳои мустақилонаи онҳо барои муаллими эҷодкору ҷӯянда роҳҳои муфиди таълим низ яке аз такягоҳҳои бо муътамад ба шумор меравад"[4].

Ин имконоти таълимии васоити техникиро метавон дар дарсҳои забони арабӣ низ ба таври васеъ истифода намуд. Ҳоло васоити техникии таълим дар

кишварҳои пешрав дар раванди таълим ҳамчун воситаи асосии омӯзиши инноватсионӣ аҳамияти хосса пайдо кардаанд ва рӯз то рӯз инкишоф меёбанд

Истифодаи васоити техникӣ дар раванди таълим аз он ҷиҳат муҳим аст, ки онҳо метавонанд ҳамчун дастгоҳи ёрирасони таълим вазифаи телевизор, магнитофон ва нақши дигар воситаҳои техникиро иҷро кунад. Истифодаи компютер барои омӯхтани меъёрҳои талаффузи забони адабии арабӣ, яъне қоидаҳои орфоэпия (талаффузи дурусти овозҳои нутқ, ҳиҷо ва калима, зада дар калима, ҳиҷо ва задаи мантиқӣ, риояи ист (пауза) дар ҷумла, дар ҷараёни таълими хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати мазмун ва оҳанги талаффуз, дар рафти таълими хелҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб ) на танҳо шавқу рағбати хонандагонро, балки дараҷаи донишҳои назариявию амалии онҳоро баланд бардошта, дар онҳо ангезаи хосси ҳиссиёти забонфаҳмӣ ва қобилияти ҷудокунии ҳаводиси забониро тарбия мекунад. Хонандагон аз компютер овози худ ва намунаи талаффузи дурусти адабӣ (суханронии гӯяндаҳо (ровиҳо), сарояндагон, мутахассисони соҳа ва устодони сухан)-ро шунида, меъёрҳои талаффузро аз худ мекунанд. Чуноне ки гуфта шуд, васоити техникӣ дар таълими забони арабӣ дар тамоми фаслҳои омӯзиш ба мақсад мувофиқ аст. «Барномаҳои таълимии компютерии омӯзиши забони арабӣ хеле зиёднд, ки онҳо дар таълими фонетика ҷиҳати дуруст талаффуз кардани ҳарфҳову калимаҳо, хондани китобҳои электронӣ тавассути компютер, санҷишҳои компютерӣ, тамошои филмҳо ва густариши маҳоратҳои донистани забони арабӣ; маҳорати шунидан, фаҳмидан, сухан кардан, хондан ва навиштан аз ҷумлаи методҳои инноватсионӣ ба шумор меравад[1].

Донишмандон ва пажӯҳишгарон истифодаи компютерро дар таълими забони арабӣ ба ду қисмат ҷудо кардаанд:

1. Таълим бо ёрии компютер - Компютер бевосита дар амалияи таълим барои истифодаи имкониятҳои хуби забономӯзӣ, дар таъсири мутақобила ва мусоҳиба барои ҷалб намудани диққати хонандагон ва шавқу рағбати онҳо ёрӣ ҳаматарафа мерасонад. Муҳимтарин қисматҳои истифодаи компютер дар таълим инҳоянд:

*а) истифодаи компютер дар машқу тамринҳо* – истифодаи компютер дар машқу тамринҳо яке аз методҳои пешрафта ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи мушоҳидаҳо омӯзгороне, ки дар иҷрои машқҳо компютерро истифода мебаранд , доир ба мавзӯъ машқҳои мустаҳкамкунӣ омода намуда, онҳоро тавассути лавҳаи электронӣ ба намоиш медиҳанд, сипас, иҷрои онро ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ талаб мекунанд. Чуноне ки маълум шуд, нақши компютер дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дарс асосӣ буда, муаллим метавонад баъзе машқҳоро берун аз китоби дарсӣ, аммо дар робита бо мавзӯи дарс пешкаши хонандагон намуда, дониши онҳоро доир ба мавзӯъ мустаҳкам намояд, малака ва маҳорати азхудкунии онҳоро назорат кунад [5].

Ҷиҳати дигари истифодаи машқҳо бо компютер ин аст, ки мо метавонем иҷрои машқҳоро тавассути расмҳо нишон диҳем. Масалан, агар мавзӯи дарс «шаҳр» бошад, мо ҷойҳои тамошобоби шаҳрро нишон дода, аз хонандагон талаб мекунем, ки дар бораи онҳо суҳбат кунанд. Ин гуна равиш барои инкишоф ёфтани маҳорати сухан гуфтан, инкишофи шуури хонандагон ва шинос шудан ба муҳити

шаҳр мусоидат мекунад. Таълими инноватсионӣ аз анъанавӣ бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекунад:

- аз имкониятҳои компютер истифода намуда, теъдоди машқҳоро зиёд намудан мумкин аст ва хонандагон метавонанд, ки мутобиқи завқ ва тавоноии худ онҳоро интихоб намоянд;
- истифодаи имкониятҳои компютерӣ ҳангоми иҷрои машқҳои такрорӣ ислоҳи хатоҳоро осон мекунад;

б) *истифодаи компютер дар таълим* – ин бахш бештар метавонад дар таълим барои шарҳи назариявии он бо мисолҳои мушаххас ёрӣ расонад. Тавассути компютер санҷишҳо гузаронида мешаванд. Сипас, ҳангоми такрори дарс ва ё як қисми он имконоти зерин вуҷуд доранд:

- дар ҳамкорӣ ва мубоҳиса ҳар як хонанда роҳи мувофиқи амалкарди худро ёфта метавонад;
- истифодаи имкониятҳои компютерӣ муайянсозии сатҳи дониши хонандагон осон месозад;

*в) истифодаи компютер ҳамчун восита ёрирасон;*

Компютер ҳамчун василаи ёрирасон аз дигар воситаҳо ба мисли тахтаи синф ва дигар чизҳои таълимӣ фарқ мекунад, яъне компютер дар таълим ҷойи худро дорад ва ҳамчун воситаи ёрирасони таълим истифода мешавад.

*г) истифодаи компютер дар бозиҳои талимӣ*

Бозиҳои таълимӣ ҳолати амалияи таълимро бо дилхӯшӣ матраҳ карда, пурра месозад ва иштироки хонандагонро дар амалияи таълим ҳавасманд мегардонад[8].

Асосан, бозиҳои таълимӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ қоидаи муайяне надоранд, аммо барои ангезиши шавқи забономӯзӣ, рақобати фардӣ ва гурӯҳӣ, омӯхтани қоидаҳои забон хеле муфиданд. Бояд гуфт, ки дар таълими забони арабӣ барои ғайриарабзабонон фаъолиятҳои шавқовар лозиманд, зеро таълимгирандагон забономӯзиро тавассути бозиҳои таълимӣ дӯст дошта, дар машғулиятҳои баъдӣ шавқу рағбат бештаре аз худ нишон дода, маҳоратҳояшонро такмил мебахшанд.

Истифодаи бамавриди бозиҳои таълимии компютерӣ тафаккури эҷодӣ, назари интиқодӣ, таҳқиқӣ ва ангезаи зеҳнии шогирдонро батадриҷ ба вуҷуд меоварад. Муҳимтар аз ҳама, дар дарс фазои комилан озоди ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ барқарор мегардад ва дар ниҳоди шогирдон таваҷҷуҳи махсус ба илмомӯзӣ пайдо мешавад ва дар омӯхтани дониш онҳо чун муҳаққиқ ба саҳна ворид мегарданд.

Дар ин маврид майли донишандӯзии шогирдон комилан дигар шуда, онҳо на ба баҳо, балки ба моҳияти ҳаётии мақсадҳои омӯзиш ва фарогирии он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Маҳз тавассути истифодаи компютер, ки фаъолии шахсӣ таъмин мегардад, дар раванди таҳсилот рушди мустақилонаи ҳар як фард ба амал меояд.

Истифодаи компютер дар таълим омӯзгорро водор менамояд, ки на танҳо ба пешравӣ ва бурду бохти шогирдон назорат кунад ва баҳо диҳад, комёбию норасоиҳояшонро муайян намояд ва рафъ гардонад, балки ҳамеша доир ба дарсҳо андеша кунад.

Истифодаи бозиҳои таълимии компютерӣ агар аз як тараф эҳтиром гузоштан нисбат ба шогирд бошад, аз тарафи дигар, фаъолияти баланди максаднок низ ҳаст. Аз ин рӯ, зимни истифодаи бозиҳои таълимии компютерӣ шогирд таҳқир намеёбад, баръакс ҳурмату эҳтироми ӯ риоя мешавад ва ин ба ӯ имкон медиҳад, ки озодона фикру андеша ронад, ҳамкорӣ кунад ва донишҳоро дар якҷоягӣ бо аъзои гурӯҳ аз худ намояд.

2. Иҷрои амалияи таълим бо компютер.

Иҷрои амалияи таълим ба назарияҳои татбиқшуда такя мекунад, ки ин густариш ёфта, ҳамчун як фанни мустақил арзи ҳастӣ кардааст. Ҳадафи он ба ҳар як хонанда ёрӣ расонидан аст, то ки онҳо ба он меъёру талаботеро, ки фан ё мавзӯи дарс талаб дорад, аз худ намоянд.

Баъди таълими ҳар як фасл бояд бо хонандагон санҷиш гузаронида шавад ва натиҷаи он дар асоси методҳои истифодашуда мавриди баррасӣ қарор бигирад. Ҳангоме ки ҷараёни омӯзиш иттилооти зиёдеро дар бар гирад, муаллим наметавонад ҳамаи онҳоро истифода намояд, хусусан агар шумораи хонандагон зиёд бошад. Дар ин сурат истифодаи компютер ҳамчун амри зарурӣ мавриди ниёз қарор мегирад.

Хулоса, нақши истифодаи компютер дар таълими забонҳои хориҷӣ хеле васеъ аст, зеро саҳми он дар тамоми қисматҳои дарс ва берун аз дарс ҳам ба назар мерасад. Ин корро ҳамчун омӯзгор дар таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ, арабӣ) истифода менамоям, ки боиси ангезаи шавқи омӯзиш ва мустаҳкамшавии донишҳои фарогирифтаи шогирдон мегардад.

### КИТОБНОМА:

1. К. Усмонов, А. Бойматов. Методикаи таълими забони англисӣ Хуҷанд 2014.
2. Кибриё Ҳасанова. Асосҳои назарияи педагогика. Тошканд – 2007. 3.Наҷмиддин Солиҳов. Муҳовараи тоҷикӣ – арабӣ. Душанбе – 2008.С 4.Шербой Саидбой. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон) – Душанбе: Бухоро, 2014. – 460с.
5. Щемелева И. Ю. Применение инновационных методов обучения иностранным языкам в школе: учебно – методическое пособие И. Ю. Щемелева, Ю. С. Васильева, А. О. Наследова, И. В. Нужа. – Орск: издательство ОГТИ, 2009. – 118с.
6. Эмомов Асрориддин. Таълими забони арабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон/// маҷаллаи илмии Дин ва ҷомеа, №04, 2015.с
7. Methodology of teaching Arabic. By Arabic 2011 admission onwards prepared by: Dr. Saidalvi.
8. Noon Wal Qalam Arabic for speakers of other languages. An educational linguistic study. Dr. Waleed Al – Anati, associate professor of Arabic linguistics petra University – Jordan.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ АРАБСКОГО ЯЗЫКА

*С. ҶОНОВ*

В связи с развитием науки и техники сегодня в школе используют новые инновационные методы преподавания технических средств. Это большое достижение на уроках арабского языка. Оно помогает ещё глубже понять тонкости арабского языка.

***Ключевые слова:*** *компьютер, преподавания арабского языка, инновация, использование технических средств, упражнение, урок, образование, обучающие игры.*

## USE OF A COMPUTER AT THE LESSON OF ARABIC

***S. JONOV***

In connection with the development of science and technology in school today are using new methods of teaching using innovative technology. It is a great achievement in the Arabic language lessons. It helps to understand the intricacies of Arabic language.

***Key words:*** *computer, teaching, Arabic language, innovative, using technical means, exercises, lesson, education, learning games.*

## РОҲҲОИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ « НАҚЛИЁТ» ДАР ТАЪЛИМӢ ФАННИ ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН (СИНФИ 8)

***М.УБАЙДОВ***
***ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи А. Ҷомии АТТ***

Пешрафти хоҷагии халқи мамлакат бе тараққиёти соҳаҳои нақлиёт ғайри имкон аст. Саҳми нақлиёт дар кашондани борҳои хоҷагии халқ ва хидматгузори ба мусофирон зиёд буда, дар робитаҳои, соҳавӣ, байналмилалӣ ва дохилӣ хеле калон аст.

Тоҷикистон кишварест, ки 93 дар сади онро кӯҳҳо ташкил мекунанд, сохтани роҳҳо хеле мушкил ва ҳатто дар баъзе мавзеъҳо ғайри имкон аст.Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар ҷумҳурӣ роҳҳои нави автомобилӣ,роҳҳои оҳан,нақбҳо бунёд шуда, хатсайрҳои нави ҳавоӣ кушода шудаанд. Ҳамаи ин бо ташабуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гаштанд.Аз ин сабаб омӯзиши роҳҳои нақлиёт ба хонандагон шарт ва зарур аст. Мувофиқи нақшаи таълимӣ барои омӯзишӣ мавзӯи нақлиёт дар синфи 8, аз фанни географияи Тоҷикистон як соат вақт ҷудо карда шудааст. Омӯзгорро зарур аст, ки дар давоми як соат вақти ҷудошуда оид ба мақсад, вазифа ва инкишофи соҳаҳои нақлиёти мамлакат, инчунин намудҳои он, истифода аз технологияи иттилоотию иртиботӣ, маълумоти оморию иттилоотии саҳеҳ, дарсро бо мисолҳои ҳаётӣ пурра, рангину шавқовар гузаронад. Ҳавасманди ва кӯшишу хонандагонро ангеза бахшида, оид ба соҳаҳои асосии нақлиёт донишашонро афзун гардонад.

Мо дар бораи истифодаи усули таълим маълумот додани нестем, чун ки ҳар як омӯзгор усули интихобкардаи худро дорад ва бо истифода аз он ба натиҷаи дилхоҳ ноил мешавад.Дар омӯзиши мавзӯи « Нақлиёт» аз усули фаъолу ангезадори таълим истифода мекунем.

**Дарсӣ 28**….. Нақлиёт

**Мақсади дарс: Хонанда бояд донад: -** Мақсад ва вазифаҳои соҳаҳои нақлиёт. – Намудҳои нақлиёти Тоҷикистон. – Ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ дар кашондани борҳои хаҷагии халқ. –Роҳҳои нақлиётии аҳамияти байналхалқидошта. – Рушди соҳаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Нақлиёт ва муҳити зист.

**Хонанда бояд иҷро карда метавонад: -** Самтҳои (маршрут) нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳанро аз рӯйи харитаи нақлиётӣ муайян кардан. --Муайян кардани роҳҳои аҳамияти байналхалқидошта. – Дар харитаи тарҳӣ ишора намудани роҳҳои автомобилӣ ва роҳҳои оҳан. – Муайян кардани майдонҳои ҳавоии аҳамияти байналхалқидошта. **Таҷҳизонидани дарс:**

Китоби дарсӣ, харита атлас барои географияи Тоҷикистон (с.8), харитаи нақлиёти Тоҷикистон, маълумоти иттилоотию омори оид ба нақлиёт,харитаи тарҳӣ,тахтаи электронӣ,дафтари география, қаламҳои ранга.

**Метод:** Усули фаъоли таълим, гурӯҳбандӣ.

**Ташкилии дарс:** Баррасии мавзӯи дарс ва нақшаи дарс бо хонандагон, омода намудани хонандагон ба дарс. Ташкили кори гуруҳӣ. **Пурсиши вазифаи хонагӣ:**

**Истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ ва соҳаҳои хизматрасонӣ.** –Кадом соҳаҳои истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ маълуманд? -Саноати сабук аз кадом соҳаҳо иборат аст? –Оид ба соҳаи саноати сабук маълумот диҳед?

-Корхонаҳои пахтатозакунӣ ва рушди онҳо дар давраи истиқлол чӣ гуна аст? -Марказҳои калони саноати қолинбофиро муайян кунед? Ба гурӯҳҳо супориш медиҳем, ки ба саволҳои шифоҳии додашуда ҷавоби дуруст диҳанд. Дар назди хонандагони ҳамаи гурӯҳҳо чунин масъала (проблема) мегузорем. Сабаби қафомонии саноати абрешим дар чист? Хонандагон ба донишҳои азхуд намудаашон такя карда, масъалаи дар наздашон гузошташударо ҳаллу фасл менамоянд. Пас аз ин дар харитаи тарҳӣ марказҳои калони саноати сабукро ишора мекунанд.

**Мазӯи нав**: Нақлиёт. Барои омӯзиши нақлиёт нақшаи омӯзиш тартиб додан зарур аст. а) Маълумоти умумӣ дар бораи нақлиёт. б) Мақсад ва вазифаҳои он. в) Инкишофи он дар давраи истиқлол. г) Нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан. д) Нақлиёти ҳавои ва обӣ. е) Нақлиёт ва муҳити зист.

**Гуруҳи1.** Нақлиёт барои инкишофи хоҷагии халқи мамлакат нақши асосиро мебозад. Таввасути он робитаҳои иқтисодӣ дохилӣ ва берунии ҷумҳурӣ амалӣ мегардад. Дар ҷумҳурӣ нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва шабакаҳои алоқа дида мешаванд. Дар кишварамон нақлиёти автомобилӣ нақши асосиро бозида, он ба ду навъ 1) Роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта2) Роҳҳои аҳамияти байналхалқидошта ҷудо мешаванд. Масалан: Роҳи автомобилгардӣ Душанбе—Чанок (то сарҳади Узбекистон) 368,2 км, роҳи автомобилгардӣ Данғара- Кангурт-Балҷувон-Ховалинг (70,4 км) ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ дорад.

**Гурӯҳи 2.**Дар мамлакат нақши нақлиёти автомобилӣ хеле калон буда, 90 дарсади борҳои кашондашудаи мамлакат ба ин соҳа дахл дорад. Дарозии роҳҳои автомобили ҷумҳурӣ ба 30 ҳазор км мерасад.Дар давраи истиқлол роҳҳои нави нақлиётӣ сохта шуда, баъзеи онҳо аз сари нав таъмир карда шуданд. Роҳи нақлиёти автомобили Душанбе - Хуҷанд, Душанбе –Турсунзода, Душанбе – Ваҳдат,Душанбе – Қурғонтеппа, Лахш (Ҷиргатол) - Саритош (Қирғизистон), Кӯлоб—Дарвоз—Хоруғ азнавсозӣ гардиданд. Бахшида ба 1100 - солагии давлати

Сомониён шохроҳи байналхалқии Қароқурум: Кӯлоб – Қалъаихум — Мурғоб — Кулма соли 1999 оғоз ёфта, соли 2004 анҷом ёфт. Ба ғайр аз ин роҳи автомобилгарди аҳамияти байналхалқидошта Мурғоб — ағбаи Қизиларт(187км), Душунбе—Қурғонтеппа –Панҷи поён (181 км), Ваҳдат—Рашт—Лахш (Ҷиргатол) (319 км) ва ғайраҳо мебошанд. Барои он ки дар давраи зимистон роҳҳои автомобидӣ баста нашаванд, нақбҳо бунёд гардиданд. Нақби «Истиқлол», «Шаршар», «Чормағзак» ва «Шаҳристон» сохта ба истифода дода шудаанд. Аз рӯйи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2015,2000 км роҳҳои автомобилгард таҷдиду бунёд гардидаанд.

**Гурӯҳи 3.** Нақлиёти роҳи оҳан гарчанде ки дар кашондани борҳо дар дохилии мамлакат нақши асосиро набозад, ҳам 90%-и борҳои беруниро мекашонад ва тараққиёти он баръало ҳис када мешавад. Ба ғайр аз роҳи оҳани Хавос—Исфара—Шӯроб, Термиз—Душанбе, роҳи оҳани Термиз—Қурғонтеппа-Ёвон сохта ба истифода дода шуд, ки дарозии он 265 км мебошад. Сохтмони роҳи оҳани Қурғонтеппа—Кӯлоб анҷом ёфт. Мувофиқи нақша роҳҳои оҳани Ваҳдат-Ёвон сохта шуд. Ваҳдат—Файзобод, Панҷакент—Самарқанд, Қаълаихум—Ванҷ(110 км) дар назар дошта шудааст. Дар давраи истиқлол 119 км роҳҳои оҳан сохта ба истифода дода шуд. Нақши нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан дар кашондани борҳои хоҷагии халқ хеле калон аст.Ҳаҷми кашондани борҳои хоҷагии халқ вобаста ба намудҳои нақлиёт чунин аст.(бо ҳисоби ҳазор тонна.)

| **Номгӯи нақлиётҳо** | **с.1991** | **с.1998** | **с.1999** | **с.2003** | **с. 2006** | **с. 2012** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи намудҳои нақлиёт | 30 3055,0 | 3458 5,7 | 277 42,7 | 326 05,4 | 3 8594,0 | 68 399 |
| Роҳи оҳан | 64 32,0 | 1270 5,6 | 116 37,7 | 117 20,5 | 1 2114 | 84 05 |
| Автомобилӣ | 73 388,0 | 3802, 0 | 281 5,0 | 225 6,1 | 2 879 | 80 70 |
| Ҳавоӣ | 11, 0 | 4,0 | 2,0 | 3,8 | 3, 7 | 2, 5 |

**Гурӯҳи 4.** Нақлиёти ҳавоӣ дар кашонидани мусофирон саҳмгузор аст. Дар мамлакат фурӯдгоҳҳои байналхалқӣ сохта ба истифода дода шуд, ки яке аз меваҳои истиқлол мебошад. Хатсайрҳои нав ба мамлакатҳои қитъаҳои Аврупо, Осиё, кушода шуданд. Фурудгоҳҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд аз ҷумлаи фурудгоҳҳои байналхалқӣ мебошанд. Дар ҷумҳурӣ 2 ширкати ҳавопаймоӣ «Тоҷикэйр» (ширкати давлатӣ) ва « Сомонаэйр»(ширкати хусусӣ) фаъолият мекунад.

Нақлиёти қубурӣ ва обӣ он қадар инкишоф наёфтааст. Нақлиёти қубурӣ аввалин маротиба соли 1964 пас аз сохтмони қубури газкашон (газопровод) Қизилтумшуқ - Душанбе сохта ба истифода дода шуд. Ба воситаи қубур аз ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ва кони Хоҷасартез ба ноҳияҳои ҷанубӣ газ интиқол карда мешавад. Дар поёноби дарёҳои Амӯ ва Панҷ нақлиёти обӣ дида мешавад.

**Гурӯҳи 5.** Воситаҳои алоқа соҳаи ғайриистеҳсолӣ буда дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар дида мешаванд. Шабакаи муассисаҳои алоқа дар шаҳр ва деҳот васеъ паҳн гаштааст. Хусусан, сомонаҳои интернетӣ дар таъмини алоқа нақши асосиро мебозад.

Дар хоҷагии халқ қариб соҳае мавҷуд нест, ки ба муҳити зист таъсири худро нарасонад, аз он ҷумла соҳаи нақлиёт. Дар ифлосшавии муҳити зист нақши нақлиёти автомобилӣ назаррас аст.

**- Қайд кардан зарур аст,ки дар омӯзиши мавзӯи нақлиёт аз технологияи иттилоотӣ иртиботӣ, тахтаи электронӣ,сомонаҳои интернетӣ ва дигар асбобҳои техникиро истифода бояд бурд. Истифода аз технологияи иттилоотӣ - иртиботӣ ҳавасмандии хонандагонро зиёд гардонида дониш, малака ва маҳорати онҳоро афзун мегардонад. Аз рӯйи маълумоти иттилоотӣ дар бораи соҳаи нақлиёт маълумотҳои саҳеҳу дақиқ ҷамъоварӣ мекунем.**

**Супориш ба ҳамаи гурӯҳҳо: 1.**Аз рӯйи ҷадвал ҳиссаи нақлиётҳоро дар кашондани борҳои хоҷагии халқи мамлакат муайян намуда, доир ба микдори зиёдшавии боркашонии нақлиёти роҳи оҳан диаграмма созед?




2. Аз усули «Классер» истифода карда, дониши хонандагонро оид ба навъҳои нақлиёт муайян намоед.




**Саволномаҳои тестӣ.**

1.Кадоме аз ин намуди нақлиёт дар кашондани борҳои хоҷагии халқ дар дохилии мамлакат нақши асосиро мебозад? A) Роҳи оҳан; B) Роҳи ҳавоӣ; C) Роҳи автомобилӣ; D)Роҳи қубурӣ. 2. Нақлиёти автомобилӣ чанд дарсади ҳаҷми умумии борҳои хоҷагии халқи мамлакатро мекашонад? A) 76%; B) 90%; C) 87%; D) 64%. 3.Кадоме аз ин роҳҳои нақлиётии автомобилӣ, роҳи байналхалқӣ мебошад? A) Душанбе- Хоруғ; B) Душанбе –Хуҷанд; C) Кӯлоб- Қалъаихум-Мурғоб-Кулма; D) Душанбе- Қурғонтеппа. 4.Нақлиёти автомобилӣдар як сол чӣ миқдор сӯзишвории нафтӣ сарф мекунад? A) 2 млрд т. B) 2,5 млрд т. C) 1,8 млрд т. D) 3 млрд т. 5. Дар Тоҷикистон соле ба фазои атмосфера чанд тонна газҳои заҳрнок сар дода мешаванд? A) 27ҳазор т. B) 33 ҳазор т. C) 25 ҳазор т. D)29 ҳазор т.

Барои фаҳмидани он ки то чӣ андоза шогирдон мавзӯи омӯхташударо аз худ намудаанд, чунин саволҳоро ба ҳар як гурӯҳ пешниҳод менамоем.

а) Муайян намоед, ки дар кадом шаҳрҳои мамлакатамон фурӯдгоҳҳои байналмилалӣ сохта шудааст?

б) Сабаби дар ҷумҳуриямон инкишоф наёфтани нақлиёти қубурӣ (газопровод) дар чист?

в) Аввалин роҳи оҳани мамлакатамон кадом роҳи оҳан мебошад?

г) Сабаби дар Вилояти Бадахшони Кӯҳӣ мавҷуд набудани роҳи оҳан дар чист?

д) Дар кашондани борҳои хоҷагии халқ нақши кадом намуди нақлиёт калон аст?

Пас аз иҷрои супоришҳо ва ҷавобҳо ба саволҳои шифоҳии хонандагон ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон он худи гурӯҳҳо баҳогузорӣ менамоянд.

Сипас, омӯзгор дарсро ҷамъбаст намуда, ба дониш маҳорат ва малакаи шогирдон бахогузорӣ менамояд ваба онҳо вазифаи хонагӣ медиҳад.

**КИТОБНОМА:**


1.Географияи Тоҷикистон. Муаллифон: Х. Муҳаббатов,М. Раҳимов.
2.Методикаи таълими география. Муаллиф М. Раҳимов.
3.Барномаи таълимии фанни география.(соли 2002)
4. Маълумотҳои омории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5.Аз таҷрибаи омӯзгорӣ.


## МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ ТЕМЫ «ТРАНСПОРТ» НА УРОКАХ ГЕОГРАФИИ ТАДЖИКИСТАНА В 8 КЛ.


***М.УБАЙДОВ***



В этой статье рассматривается пути исследования темы «Транспорт».

Определяя значение транспорта, показывает роль автомобильного транспорта в хозяйство, опеределяя цель урока,выберается методы проведения урока. В преподавании этой темы применяются интерактивные методы, из класса выбираются группы и в каждой группе даются отдельные задания. Также для проверки уровни знания учашихся приводится опросник в виде тестов.



***Ключевые слова***: *география, урок, проверка знаний, учащиеся, новые методы.*


## *METHOD OF TEACHING THEME “TRANSPORT” AT THE LESSON GEOGFAPHY OF TAJIKISTAN AT 8TH FORM*


***M. UBAIDOV***


**Аннотация**


***Key words:*** *geography, lesson, checking of knowledge, pupils, new method.*


## ОСНОВНЫЕ РАЗЛИЧИЯ МЕЖДУ ФОНЕТИЧЕСКИМ СТРОЕМ РУССКОГО, АНГЛИЙСКОГО И НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКОВ И МЕТОДЫ СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА (Номи мавзуъро дигар кардан лозим)


***М. ТАГАЙНАЗАРОВА***
***КТГУ имени Носира Хусрава***


Общие черты и черты различия артикуляционных баз английского и русского языков, с одной стороны, и немецкого и русского- с другой, хорошо изучены и описаны в стабильных учебниках фонетики английского и немецкого языков. Что же касается сравнения артикуляционных баз английского и немецкого языков, то в советской учебной литературе этот вопрос не освещен; в данном курсе делается попытка провести такое сравнение.

Принципы классификации гласных фонем и особенности артикуляционных баз русского, английского и немецкого языков

Гласные делятся на различные категории в зависимости от положения трех речевых органов: языка, губ и мягкого нёба.

1. В русском, английском и немецком языках в зависимости от того, какая часть языка поднята по горизонтали, гласные делятся на гласные переднего и заднего ряда. Кроме того, в русском имеются гласные среднего ряда [А], [Ы], а в английском языке имеются гласные смешанного ряда.

2. В этих же языках, в зависимости от степени подъема языка по вертикали, гласные делятся на гласные высокого, среднего и низкого подъема.

В английской фонетике в учебных целях принято делить каждый из этих подъемов на узкую и широкую разновидности.

3. Гласные делятся также на напряженные и ненапряженные. В английском и немецком языках долгие гласные являются напряженными и четко противопоставляются кратким ненапряженным гласным. В русском языке долгих гласных нет и отсутствует, соответственно , деление гласных на напряженные и ненапряженные.

4. По участию в артикуляции губ гласные делятся на огубленные и неогубленные. В русском языке и в еще большей степени в немецком языке губы энергично округляется при произнесении ряда гласных (русские [О] , [У] ), немецкие [u], [u:], [o:], [Y], [y],[Ø]).

В английском языке гласные в большинстве случаев произносится при нейтральном положении губ. При произнесении огубленных гласных губы не выпячиваются.

Гласные делятся также на: а) чистые гласные, или монофтонги, б) дифтонги, в ) дифтонгоиды.

При произнесении монофтонгов органы речи сохраняют примерно одинаковый уклад.

Дифтонгом называется неразложимое, с точки зрения фонематической, на отдельные элементы соединение двух гласных звуков, образующих одну фонему. Дифтонги характеризуются скользящей артикуляцией и постепенным изменением уклада органов речи в направлении от одного гласного к другому.

Английские дифтонги, так же как и немецкие, - падающие, т.е. первый элемент дифтонга характеризуется большой устойчивостью, длительностью и отчетливостью артикуляции, чем второй.

В русском языке дифтонгов нет.

Дифтонгоиды- гласные звуки, при произнесение которых уклад органов речи несколько изменяется, но не так отчетливо, как в дифтонгах: например, русские [ Э], [О], английские [i:], [u:].

В немецком языке дифтонгоидов нет.

6. Характерная для немецкого языка смычка голосовых связок и разрыв этой смычки перед начальными гласными, называемый «твердым приступом» (Knacklaut), отсутствует как в русском, так и в английском языках. Для английского языка характерно слитное произнесение согласного со следующим гласным и двух рядом находящихся гласных.

7. В рассматриваемых языках мягкое нёбо в образовании гласных участия не принимает.

Принципы классификации согласных фонем и особенности артикуляционных баз русского, немецкого и английского языков

В трех сопоставляемых нами языках принципы классификации согласных фонем совпадают, т.е. в этих языках согласные классифицируются: а) по действующему органу речи, образующему преграду, б) по способу образования шума, в) по участию мягкого нёба и г) по работе голосовых связок. Однако ряд схожих согласных фонем произносится по-разному в русском, английском и немецком языках, соответственно артикуляционным базам этих языков. Например:

1) В русском языке глухие согласные произносятся со слабым напряжением мышц языка и губ, без особого шума или трения. При произнесение ряда согласных губы заметно округлены и выдвинуты вперед.

В английском и немецком языках глухие согласные произносятся с большим напряжением мышц языка и губ. Шум взрыва или трения сильнее, чем в русском языке. Губы не округляются и не выдвигаются вперед (за исключением фонемы [w] в английском языке и фонемы [ʃ] в немецком). Глухие смычно-взрывные [p], [t], [k] артикулируются энергично и сопровождаются придыханием (аспирацией) как в английском, так и в немецком языках.

2. Звонкие согласные- слабые во всех трех языках. В русском языке звонкие согласные не теряют звонкости в начале слов, но в конце слов оглушение звонких согласных является законом русского литературного произношения, например: *таз* [ТАС], *рог* [РОК], *клуб* [КЛУП]. В середине слов или на стыках слов оглушение или озвончение согласных происходит по закону регрессивной ассимиляции.

В немецком языке, так же как и в русском, оглушение звонких согласных – закон литературного произношения: Weg [ve:k], Wind [vint]. Кроме того, смычно-взрывные [b], [d], [g] становятся полузвонкими в случаях прогрессивной ассимиляции (по работе голосовых связок) на стыках слов, например: kommst du и.т.д.

В английском языке звонкие согласные – отчетливые. Они не теряют своей звонкости ни в начале, ни в конце слов. Оглушение конечных согласных приводит к искажению смысла слова, например: leave [li:v] *покидать*-leaf [li:f] *лист*; bag [bæg] *сумка*- back [bæk] *спина* и.т.д.

3. В русском языке попарно противопоставлены твердые и мягкие фонемы, например: *пыль-пыл, лук-люк, мол-мёл.*

В английском и немецком языках отсутствует попарное противопоставление твердых и мягких фонем.

4. Переднеязычные русские согласные [Т], [Д], [Н], [Л] характеризуются дорсальным (зубным) укладом; соответствующие согласные [t], [d], [n], [l] в английском и немецком языках характеризуются альвеолярно-апикальным укладом.

5. Сонанты [М], [Н], [Л] в русском языке краткие. Кроме этих сонантов, имеется дрожащий переднеязычный сонант [Р]. Сонанты [m], [n], [l] в немецком и особенно в английском языке звучные и долгие. Кроме того, в этих языках имеется еще заднеязычный сонант [ŋ].

В английском языке имеются серединные сонанты [w], [r], [j]. Фонема [w] характерна только для английского языка; английская фонема [r] отличается от немецкой фонемы [r] местом образования щели, а именно: в немецком языке щель

образуется на альвеолах, а в английском- за альвеолами (какуминальный уклад). Кроме того, в противоположность русскому и немецкому языкам, английская фонема [r] – не дрожащий звук. Фонема [j] в немецком языке не является сонантом.

Методика сравнения особенностей укладов органов речи сводится к следующему. В вводной беседе студентам сообщаются сведения о характерных особенностях артикуляционной базы английского языка, о чертах сходства и различия фонетического строя английского и русского языков, а затем студенты дополняют сообщение преподавателя сведениями об артикуляционной базе немецкого языка (в данном случае основного иностранного языка).

По мере пополнения своих знаний по фонетике студенты заносят в заготовление ранее таблицы (образец см. на стр.90-95) сведения о моментах сходства и различия артикуляционных баз трех языков. Кроме этих таблиц, которые могут быть использованы как преподавателями, так и студентами, вниманию преподавателей предлагаются сравнительные таблицы английских, русских и немецких гласных и согласных и приводятся принципы их классификации.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. В.Г. Вилюман., Н.И.Еремеева., Е.А.Корнеева., Ф.В.Локшина., И.С.Сорокина. Учебник английского языка- Ленинград 1963 стр.394
2. И.К.Архипов Семантика деадьективных производных слов английского языка- Владивосток 1983, стр.81

**ДИГАРГУНИҲОИ АСОСИИ СОХТИ ФОНЕТИКИИ ЗАБОНҲОИ РУСӢ, АНГЛИСИЮ ОЛМОНӢ ВА УСУЛҲОИ ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ**

***М. ТАҒАЙНАЗАРОВА***

Дар мақолаи мазкур муаллиф оиди дигаргуниҳои асосии сохти фонетикии забонҳои русӣ, англисӣва олмонӣ, инчунин усулҳои таҳлили муқоисавӣ мегӯяд.
**Калидвожаҳо:** садонок, ҳамсадо, ассимилятсия, талаффуз, хусусият, дигаргунӣ.

**MAIN DIFFERENCES BETWEEN PHONETIC BUILD OF RUSSIAN, ENGLISH AND GERMAN LANGUAGES AND METHODS COMPARATIVE ANALYSES**

***M. TAGAINAZAROVA***

The author in this article discusses the main differences between phonetic build Russian, English and German languages and methods comparative analyses.
***Key words**: derivative, consonant, vowel, assimilation, pronunciations, speciality, difference.*

## БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «Илм ва инноватсия» мақолаҳое чоп карда мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ, равоншиносӣ, табиӣ, иқтисодӣ, гуминатарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд. Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо матн, расмҳо,ҷадвал, диаграмма, графика, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word омода карда шавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, фосилаи байни сатрҳо -1см, ҳошияҳо: боло -3см, поён -2,5см, чап -3см, рост -2см;), ҳамаи саҳифаҳо бояд ракамгузорӣ кард шаванд.

Дар саҳифаи якум унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф (муаллифон) нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассасаи таълимӣ, суроға ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиёт аннотатсияҳо бо забонҳои русию англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Қоидаҳои тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шаванд.

Мақолаҳои илмие, ки ба маҷалла супорида мешаванд, бояд хулосаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ) ва тақризи мутахассисони соҳаро оид ба имконияти чопи он дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намоянд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, бо пешниҳоди ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон баргардонида мешаванд.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Наука и инновация» печатаются статьи, содержащие результаты проведенных исследований по педагогическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1.Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотации на таджикском, русском, персидском и английском языках.

2.Статья должна быть подготовлена в системе Micrоsot Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее-2,5 см, левое -3см, правое-2см:), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилия автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи приводятся ключевые слова (до 10 слов на таджикском, русском и ангийских языках).

Ссылки на цитируемую литературу даются в скобках, например (12.с.42). Список литературы приводится общим списком после ключевого слова (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается разюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст разюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

**Масъули чоп**: ***ХОЛОВ А.***

**Муҳаррири матни русӣ**: ***ҶОНМАҲМАДОВА Г.***

**Муҳаррири матни англисӣ**: ***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***

**Ҳуруфчини компютерӣ:** ***КОМИЛОВА М.***

**Саҳифабанд:** ***ҲАЙДАРОВ Р.***

**Ответственый секретарь**: ***ХОЛОВ А,***

**Редактор русского текста:** ***ДЖОНМАХМАДОВА Г.***

**Редактор английского текста:** ***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***

**Компьютерный набор:** ***КОМИЛОВА М.***

**Верёстка:** ***ХАЙДАРОВ Р.***

*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи АбдураҳмониҶомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 45*

*Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, пр.С. Айни,45*

*Ба матбаа ** супорида шуд. Ба чопаш *** имзо шуд.Когази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/16 11,5 ҷузъи чопӣ. Теъдод 100 нусха. Супориши №*

*Дар нашриёти «Сифат» чоп шудааст.*
*ш. Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 45*